Камоли одамӣ дар илм бошад

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД

№ 8
(241) 30 октябри
соли 2026

Оғози нашр: 7. 03. 2013
www.tgfeu.tj

Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба маркази баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ табдил ёфтааст ва дар ин муассисаи олии таълимӣ пайваста чорабиниҳои сатҳи баланд доир мегарданд. Рӯзи 23-юми октябри соли равон дар ДДМИТ бо мақсади рушди тафаккури техникӣ, тақвияти донишҳои барномасозӣ ва дарёфти ҷавонони соҳибистеъдод дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин барномасоз» байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар доир гардид.



БЕҲТАРИН БАРНОМАСОЗОН ҚАДРДОНӢ ШУДАНД

Ректори ДДМИТ Бобоҷон Сатторзода меҳмонон, устодон ва иштирокчиёни озмунро ба донишгоҳ хайрамақдам гуфта, зикр намуд, ки роҳ ёфтан ба сабқати ҷумҳуриявӣ худ нишонаи муваффақият ва дастоварди назаррас мебошад. Зеро дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ омода намудани мутахассисони баландихтисос ва ташаккули маърифати илмию инноватсионии ҷавонон аҳамияти хосса дорад.

Донишгоҳ дар заминаи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди донишҳои иттилоотию технологӣ ва татбиқи ҳадафҳои барномаҳои давлатӣ минбаъд низ ташаббусҳои наву самарабахшро амалӣ менамояд.

Имсол дар озмуни мазкур аз 25 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар 53 нафар донишҷӯ иштирок намуданд. Навоварии муҳими озмуни имсола илова гардидани номинатсияи «Зеҳни сунъӣ» буд, ки барои рушди малакаҳои кор бо технологияҳои пешрафта ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар идомаи чорабинӣ ректори ДДМИТ ба роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки барои иштироки донишҷӯёни худ дар озмун мусоидат намуданд, инчунин, ба аъзои ҳакамони озмун изҳори миннатдорӣ карда, ба онҳо Сипосномаи донишгоҳро тақдим намуд.

Ҳамзамон, барои дар сатҳи баланд баргузор гардидани озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин барномасоз» ба сарпарастони чорабинӣ муассисаҳои молиявӣ, аз ҷумла КВД БССТ «Саноатсодиротбонк», Корхонаи воҳиди давлатии Бонки амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк», ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» ва «Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон» сипосномаи донишгоҳ супорида шуд.

Ҳамин тавр, озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин барномасоз» байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар се номинатсия - технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ ва таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ҷамъбаст гардида, ғолибон муайян ва бо тухфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

Аз рӯйи номинатсияи барномасозӣ Ҷамолиддин Воҳидов, донишҷӯи курси сеюми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, аз рӯйи номинатсияи зеҳни сунъӣ Муҳаммадҷон Ҳамитов, донишҷӯи курси сеюми Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва аз рӯйи номинатсияи лоиҳаҳои инноватсионӣ Фахриддин Муҳаммадзода, донишҷӯи курси якуми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон сазовори ҷойи якум гардида, бо дипломи дараҷаи 1, 5000 сомонӣ ва Ҷоми озмун сарфароз гардонида шуданд.

Барои ишғоли ҷойи дуюм аз рӯйи номинатсияи лоиҳаҳои инноватсионӣ Омина Сафарова, донишҷӯи курси дуюми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи номинатсияи барномасозӣ Шаҳром Бойматов, донишҷӯи курси дуюми Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии ДБСТ ва аз рӯйи номинатсияи зеҳни сунъӣ Суҳайлӣ Лолаев, донишҷӯи курси сеюми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо дипломи дараҷаи 2 ва 3000 сомонӣ мукофотонида шуданд.

Барои ишғоли ҷойи сеюм аз рӯйи номинатсияи лоиҳаҳои инноватсионӣ Юсуф Давлатёров, донишҷӯи курси якуми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Зиёвуддин Шеров, донишҷӯи курси якуми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ғолиб дониста шуданд.

Ҳамчунин, аз рӯйи номинатсияи барномасозӣ Меҳроҷ Фозилов, донишҷӯи курси дуюми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Зикруллоҳ Давлатов, донишҷӯи курси чоруми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷойҳои сеюмро ишғол намуданд.

Аз рӯйи номинатсияи зеҳни сунъӣ бошад, Олимзода Амир Исломхӯҷа, донишҷӯи курси чоруми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ва Аҳлиддин Саймуддинов, донишҷӯи курси якуми Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, сазовори ҷойҳои сеюм гардида, бо диплом ва 1500 сомонӣ сарфароз гардонида шуданд.

Дар баробари ин, аз рӯйи номинатсияи лоиҳаҳои инноватсионӣ Абдуллозода Ҳусейн Саъдулло, донишҷӯи курси сеюми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ва Умедзод Ҷонибек, донишҷӯи курси якуми Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи тиҷоратии Тоҷикистон, аз рӯйи номинатсияи барномасозӣ Бехрӯз Зокиров, донишҷӯи курси дуюми Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Акбарҷон Қаҳоров, донишҷӯи курси дуюми Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, инчунин, аз рӯйи номинатсияи зеҳни сунъӣ Фатҳуллозода Фариддун Зоир, донишҷӯи курси дуюми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав сазовори ҷойи ифтихорӣ гардида, бо Ифтихорномаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Наврӯз ҶОБИРЗОДА



Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муассис:
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор
Ректор

Мирсаидзода Саидакмал Аброр
Муовини якум, муовини ректор оид ба таълим

Муқимзода Қутбиддин Мирзоҷон
Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия

Ғаффорова Шаҳноза Абдуҷабборовна
Муовини ректор оид ба тарбия

Ғафуров Парвиз Ҷурахонович
Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ

Муродзода Диловаршо Абдулхайр
Муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва маъмурию хоҷагӣ

САРДОРИ ШУЪБАИ ИТТИЛООТ ВА НАШРИЯ:
Очилдиев Маҳмадалӣ Мақсадуллоевич
m_mahmadali@mail.ru
934288855

САРМУҲАРРИР:
Ҷобиров Наврӯз Мирзомуродович
Navruz89.vahdat@mail.ru
907515243

МУҲАРРИРОН:
Савринисо Давлатова
Тағоймурод Эшов

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №502/Р3-97 аз 12 майи соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14

Тавзех:
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Arial Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ мутолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

www.tgfeu.tj

Телефон:
934288855,
907515243

Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.
Теъдоди нашр 3000
Нархаш шартномавӣ

ВАСИЛАИ АРҶГУЗОРӢ БА ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ВА МАҚОМИ ОМӮЗГОР



3 октябри соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи омӯзгор ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии идонаи тарбиявӣ-фарҳангӣ таҳти унвони «Меҳри устод ва шаҳди забон» баргузор гардид.

Наҳуст ректори ДДМИТ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор устодону омӯзгорон ва донишҷӯёнро ба муносибати Рӯзи омӯзгор ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфт.

Тавре қайд гардид, эҳтиром ба омӯзгор ва арҷгузорӣ ба забони давлатӣ дар асл эҳтиром ба маърифат, фарҳанг, худшиносӣ ва давлатдории миллӣ мебошад. Ба андешаи номбурда, аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ то имрӯз соҳаи маориф, илм ва тарбияи кадрҳои миллӣ дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор дошта, дар ин давра барои рушди муассисаҳои таълимӣ, таҳкими заминаи илмӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди таълим ва баланд бардоштани мақоми омӯзгор тадбирҳои пайваста амалӣ шудаанд.

Дар идомаи суханронӣ ректор ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуда, иброз дошт, ки 5 октябр барои ҷомеаи кишвар рӯзе мебошад, ки шаҳрвандонро ба арзиши забони тоҷикӣ, таърихи миллат ва масъулият дар назди наслҳои оянда ҳидоят мекунад.

Бобоҷон Сатторзода нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳкими мақоми забони давлатӣ муҳим арзёбӣ карда, иброз дошт, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ барои рушди забони тоҷикӣ заминаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ фароҳам оварда шудаанд.

Дар ин робита ректор ба зарурати дуруст истифода намудани истилоҳоти иқтисодию молиявӣ, таҳияи корҳои илмӣ бо забони равону меъёрӣ ва баланд бардоштани фарҳанги сухан ва навишти донишҷӯён таъкид намуд.

Дар идомаи чорабинӣ сарҳодими илмии Маркази омӯзиши «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон», профессори кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гавҳар Шарофзода зикр кард, ки забони тоҷикӣ баъд аз эъломи Истиқлоли давлатӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангии ҷомеаро фаро гирифта, имрӯз ба яке аз воситаҳои муҳими муошират сокинони кишвар табдил ёфтааст.

Гавҳар Шарофзода забонро яке аз унсурҳои асосии вахдати миллӣ ва сарвати бебаҳои фарҳангӣ арзёбӣ намуда, иброз дошт, ки осори тамаддун ва фарҳанги чандинҳазорсолаи миллати тоҷик маҳз тавассути забон ба наслҳои имрӯз расидааст. Забони тоҷикӣ дар ҳифзи хотираи таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавии миллат нақши муҳим дорад.

Дар идомаи суханронӣ ба нақши омӯзгор дар ҳифз ва рушди забони тоҷикӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, иброз дошт, ки омӯзгор дар ташаккули фарҳанги сухан, эҳтиром ба забони модарӣ ва баланд бардоштани маърифати забонии насли ҷавон нақши муҳим дорад.



Инчунин, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Ҳабибзода Зоҳир Иззат дар тақвияти суханроніҳои боло нақши омӯзгорро дар рушди ҷомеа ва тарбияи насли оянда муҳим арзёбӣ намуда, таъкид кард, ки омӯзгор дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, ахлоқ, маърифати шаҳрвандӣ ва худшиносии миллии ҷавонон саҳми назаррас мегузорад.

Ҳабибзода Зоҳир афзуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ истифодаи дурусти забони давлатӣ ва риояи меъёрҳои забони адабӣ масъулияти ҳар як шаҳрванд мебошад. Ин масъулият бояд пеш аз ҳама дар муҳити оила, муассисаҳои таълимӣ, коргоҳу ташкилотҳо ва дигар ниҳодҳои ҷомеа эҳсос карда шавад.

Мавсуф ба масъалаи тарбияи ҷавонон таваҷҷуҳ намуда, гуфт, ки насли ҷавон дар баробари донишҳои муосир бояд дорои маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ бошад. Ба таъкиди ӯ, ҷалби ҷавонон ба корҳои созандагиву ҷамъиятӣ, китобхонӣ, омӯзиши илм ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ дар тарбияи насли оянда аҳамияти муҳим дорад.

Дар чорабинӣ иброз гардид, ки дар шароити рушди босуръати илму техника ва тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд дар баробари омода намудани мутахассисони касбӣ, ҷавононеро тарбия намоянд, ки соҳиби ҷаҳонбинии васеъ, фарҳанги баланди муошират, ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ бошанд.

Дар маросими тантанавӣ як қатор устодону кормандони ДДМИТ барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли ҷавон, омода намудани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадрдонӣ шуданд.

Ҳамзамон, барои фаъолияти пурсамар, иҷрои босифати вазифаҳои хизматӣ, ташаббускорӣ, саҳми арзанда дар рушди фаъолияти таълимию илмӣ, тарбияи донишҷӯён ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятии донишгоҳ бо Ифтихорномаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар қадрдониҳо сарфароз гардиданд.

Барномаи фарҳангиро аҳли шуъбаи фарҳанги донишгоҳ таҳти роҳбарии Аълочии фарҳанги Тоҷикистон Ҷӯрамуроди Муҳаммадназар бо суруду таронаҳои дилнишин, рақсу оҳангҳои миллӣ ва барномаҳои саҳнавӣ ҳусни тоза бахшиданд.

Наврӯз ҶОБИРЗОДА

НОМИ ИСТИҚЛОЛ РАМЗИ НАНГУ НОМУС АСТ!

Бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гиромидошти арзишҳои соҳибистиқлолӣ, таҳкими ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар ДДМИТ ҳамоиши илмӣ-адабӣ таҳти унвони «35 соли Истиқлолият дар ташаккули илму адаби миллати тоҷик» доир гардид.

Наҳуст муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимзода ба дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои фарҳанг, маориф, илм ва созандагӣ таваҷҷуҳ намуда, таъкид кард, ки истиқлолият барои миллати тоҷик рамзи соҳибдавлатӣ, заминаи асосии эҳёи арзишҳои миллӣ, рушди фарҳанг ва таҳкими худшиносии шаҳрвандӣ мебошад.

Даврони соҳибистиқлолӣ дар мамлакат корҳои созандагию ободонӣ вусъати тоза пайдо намуда, ин раванд дар арафаи ҷашнҳои миллӣ боз ҳам густариш меёбад. Биноҳои нави таълимӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва дигар иншооти муҳим, ки бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд, аз ҷумлаи далелҳои равшани пешрафти кишвар арзёбӣ шуданд.

Имрӯз Тоҷикистон ва миллати тоҷикро дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон мешиносанд ва ҷавонони тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ таҳсил намуда, ҳамчун намояндагони миллати соҳибфарҳанг ва соҳибтамаддун Тоҷикистонро муаррифӣ мекунанд.

Меҳмони ҳамоиш Акбари Абдуллоҳ, шоир, ёвари раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз рӯзҳои душвору пуртазоди солҳои гузашта ёдовар шуда, истиқлолияту сулҳу суботи имрӯзаи кишварро неъмати бузурги миллӣ арзёбӣ намуд. Шоир бо ёдоварӣ аз рӯзгори нобасомон ва муқоисаи он бо зиндагии осоиштаи имрӯза таъкид кард, ки қадршиносии истиқлолият ва ҳифзи сулҳу вахдат вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандӯст мебошад.

Акбар Абдуллоҳ чанд шеъри ватандӯстона ва ошиқонаи худро қироат намуда, бо суханони пурмуҳтаво ба аҳли толор эҳсоси муҳаббат ба Ватан, забони модарӣ ва арзишҳои миллиро талқин кард. Ба андешаи мавсуф, маърифату фарҳанг барои ҷомеа аҳамияти бузург дошта, тавассути китоб, адабиёт ва суҳани созанда метавон сатҳи маърифати мардумро баланд бардошт.

Шоир изҳор дошт, ки хушбахтӣ ва ифтихори бузург аст, ки имрӯз мардуми Тоҷикистон дар фазои сулҳу субот ва созандагӣ зиндагӣ доранд. Рушди матбуоти донишгоҳӣ ва фаъолияти сомонаи донишгоҳ низ аз таваҷҷуҳ ба фарҳанги иттилоотӣ ва муаррифии дастовардҳои муассисаи таълимӣ дарак медиҳад.



Дар идомаи ҳамоиш Сиёвуш Ҷунайдӣ, корманди Маркази тарҷумаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон хотироти хешро аз рӯзҳои гузашта ва мушкилоти зиндагӣ дар даврони нобасомонӣ баён намуда, аз тағйироти мусбати солҳои соҳибистиқлолӣ ёдовар шуд. Шоир таъкид кард, ки ободии имрӯза, оромии ҷомеа ва имкониятҳои фароҳамомада барои зиндагиву фаъолияти озод натиҷаи сулҳу субот ва вахдати миллӣ мебошанд.

Сиёвуш Ҷунайдӣ бо ёдоварӣ аз хотираҳои рӯзҳои пурмашаққати гузашта иброз дошт, ки қадри Ватан бештар барои онҳое маълум аст, ки дур аз сарзамини аҷдодӣ рӯзгор ба сар бурдаанд. Ҳар як дастоварди имрӯза бояд моро водор созад, ки ба қадри сулҳу истиқлолият, забон, фарҳанг ва ҳувияти миллӣ бирасем.

Дар бахши музокира ташаббускори чорабинӣ Мастура Бӯризода, декани факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии ДДМИТ истиқлолиятро яке аз арзишҳои муқаддас ва рукнҳои асосии давлатдории миллӣ номид. Истиқлолият ба миллати тоҷик имкон фароҳам овард, то бо такя ба арзишҳои таърихию фарҳангӣ роҳи мустақили рушди давлатро интихоб намояд.

Ба андешаи Мастура Бӯризода, ҳифзи истиқлолият ва дастовардҳои он масъулияти ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад. Хусусан, ҷавонон бояд бо дарки амиқи таърихи миллат, омӯзиши илму дониш ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳми муносиб гузоранд.

Дар идомаи чорабинӣ Ҷумъа Махшул, шоир, устоди кафедраи забони русии ДДМИТ аз баргузории чунин маҳфили илмӣ-адабӣ изҳори хушнудӣ кард. Устод нақши адабиётро дар тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва маърифати ҷомеа муҳим арзёбӣ намуда, таъкид кард, ки суҳани шоир метавонад эҳсоси муҳаббат ба Ватан ва арзишҳои миллиро дар қалби насли ҷавон бештар гардонад.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ чанд нафар донишҷӯёни донишгоҳ бо қироати шеърҳои ватандӯстона ва васфи Истиқлолият, сулҳу вахдат ва сарзамини аҷдодӣ хотири ҳозиринро болида сохтанд.

Наврӯз ҶОБИРЗОДА



№ 8 (241) 30.10.26
Молия ва иқтисод
3

Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои аввали истиқлолияти Тоҷикистон ба сифати вакили халқ дар муборизаҳои сиёсӣ ҳамчун сиёсатмадор обутоб ёфта, дар муқобили қувваҳои иртиҷоие, ки зери шиорҳои демократия ва ислом амал мекарданд, ҳамчун як шаҳрванди одӣ ба мубориза барҳоста буд. Ӯ ба ҷуз аз манфиатҳои миллӣ дигар манфиате аз муборизаи худ интизор набуд.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН:
35 СОЛИ МУБОРИЗА, СОЗАНДАГӢ ВА ОБОДКОРӢ

Истиқлоли давлатӣ низ барои мо муфт ба даст наомада буд. Он натиҷаи муборизаи байни қувваҳои гуногуни сиёсӣ дар солҳои 90-уми асри XX буд. Омилҳои асосии ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон гуногунанд. Истиқлолият дар чойи холӣ ба даст наомада буд. Он натиҷаи муборизаи сиёсӣ ва фарҳангии чандин насли озодандешони миллати тоҷик буд. Аз устод Садриддин Айнӣ сар карда, то устодон Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат ва дигарон дар сар андешаи истиқлолхоҳӣ доштанд. Вале заминаи асосии онро маҳз Инқилоби Октябр дар Русия гузошта буд.

Равияҳои гуногуни сиёсии зиддимиллӣ, ки он замон бо дастгирии чандин давлатҳо дар Осиёи Марказӣ амал мекарданд, бо мақсади барқарор намудани Аморати Бухоро ва ё таҳкими нуфузи империализми Британияи Кабир ва давлатҳои зери тасаллути он амал мекарданд. Онҳо бо номи «сафедҳо» дар муқобили Артиши Сурх мубориза мебурданд. Давлати ҷавони коргару деҳқон, ки аз зери юғи империяи Русия озод шуда буд, ба ҳамаи миллатҳо имконияти худмуайянкунӣ дод. Тоҷикон низ дар муборизаҳои шадид бо тарафдорони ин қувваҳо, аз ҷумла дар шахси босмачиён ва намояндагони империализми чаҳонӣ ҳазорҳо қурбонӣ доданд. Баъдан, боз ҳам дар муқобили фашизми гитлерӣ, беш аз 90 ҳазор мардону занони шуҷои мо қурбони Ҷанги дуюми ҷаҳон, Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва мубориза бо империализми Ҷопон шуданд.

Зинаи аввали давлатдории мо пеш аз ҳама дар асоси назарияи сиёсии худмуайянкунии миллатҳо ва ҳуқуқи онҳо ба бунёди давлатҳои миллии хеш ба вуҷуд омад. Яъне, дар натиҷаи муборизаи қаҳрамононаи фарзандони сарсупурдаи миллат дар як гӯшаи қафомондатарини Аморати Бухоро, дар сарзамини бобоии ҳуд, тоҷикон ба сохтмони давлат ва ташаккули миллати худ оғоз карданд. Ба ибораи дигар, дар Тоҷикистон заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии давлатдории миллӣ шакл гирифта буданд. Зинаҳои асосии давлатдории миллии тоҷикон бевосита дар сарзаминҳои таърихии этникии худашон ташаккул ёфта буданд. Аз ин рӯ, ҳеҷ миллате наметавонист ва дар оянда низ наметавонад нисбат ба тоҷикон даъвои марзӣ дошта бошад.

Омили дигар он буд, ки дар натиҷаи ташаккул ёфтани миллати сотсиалистӣ, бе гузаштан аз зинаи форматсияи капиталистӣ, асосҳои иқтисодии миллати тоҷик ба вуҷуд омада буданд. Давлати бузурги шуравӣ, ки дар ҳайати он давлатдории миллии мо ташаккул ёфт, бар асоси мантиқи таърихии парокандашавии империяҳои бузург ҳуд ба таназзул расид. Ин омил раванди ба даст овардани истиқлолиятро муайян кард.

Мардуми тоҷик, ки аз қадим дар дохили ҳамаи давлатҳои минтақа нақши роҳбарикунанда доштанд ва дорои тачрибаи комили давлатдорӣ буданд, аз фурсатҳои ба вуҷудомада хуб истифода бурда тавонистанд. Албатта, омилҳои рақобати империяҳои ташаккулёфта ва ташаккулёбандаро низ набояд аз хотир барорем. Яъне, нақши давлатҳои аз низоми сотсиалистӣ ҷудошавандаро дар Аврупо низ бояд ба назар гирифт. Ҳамчунин, нақши давлатҳои аз лиҳози идеологӣ мухолифро низ бояд ба ҳисоб гирифт. Онҳо барои аз байн бурдани давлати шуравӣ миллиардҳо доллар сарф карда буданд, то низоми иҷтимоии давлати шуравиро аз ҷиҳати қудрати низомӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ шикаст диҳанд.

Муборизаи шадиди абарқудратҳо дар Ветнам, нимҷазираи Корея, Эрон ва Афғонистон низ барои ба вуҷуд овардани вазъияти мусоид дар раванди истиқлолхоҳии мо бетаъсир набуд. Ҳаракатҳои миллию озодихоҳии Ҳиндустон, Покистон ва Бангладеш низ заминаҳои истиқлолхоҳии моро ба таври ғайримустақим тақвият доданд. Ҳатто имрӯз ҳам ҷабру ситами миллӣ, ки дар кишварҳои Шарқ вуҷуд дорад, ба мо таъсир мерасонад ва моро водор месозад, ки истиқлоли давлатии худро бо ҷони хеш ҳифз кунем.

Қитъаи Осиё дар ҳоли озод шудан аз истеъмор буд. Дар сад соли охир масъалаи ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ дар қитъаи Осиё ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ қарор дошт ва ин ҳаракатҳо идома меёфтанд. Давлати бузурги шуравӣ низ ҷонибдори ин ҳаракатҳо буд. Мисраъҳои ҷовидонии устод Мирзо Турсунзода: «Осиё бедор шуд, бедор тарки хоб кард, Ростиву дӯстиро оқибат дарёб кард», ба ҳамин раванди таърихӣ бахшида шуда буданд ва ҷунбишҳои тектоникии геополитикиро инъикос мекарданд.

Яъне, давлатҳои Осиёи Марказӣ низ зери таъсири шиорҳои ватандӯстонаи Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ аз хоби гарон бедор шудан доштанд. Ҳамаи ин равандҳо бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва мавҷи озодихохии давлатҳои Аврупо ҳамзамон гардиданд. Аз мавҷи ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ НАТО низ истифода бурда, мехост мавқеи худро васеътар кунад. Вале ҳам дар Афғонистон ва ҳам дар Украина ба муқовимати шадиди Русия ва дигар давлатҳо дучор шуд. Низоми баъдичангии Аврупо ба бухрони шадид рӯ ба рӯ гардидааст. Аврупои тачрибадоре, ки ҷаҳонро ба бозӣ кашида буд, ҳоло худ дар домисохтаи худ дармондааст ва намедонад, ки чӣ кор кунад...

Хушбахтона, дар ҳамин бозиҳои печидаи геополитикии имрӯз, ба шарофати Пешвои миллат ва шахсияти сиёсатсозу сиёсатпардози миллатамон, халқи тоҷик дар ҳоли рушди устувор қарор дошта, дар сулҳу субот зиндагӣ мекунад ва ба ободкориву созандагӣ машғул аст. Ҳамаи ин аз Эъломияи истиқлоли давлатии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр оғоз гардид, ки 9 сентябри соли 1991, яъне 35 сол пеш, ба вуқуъ пайваста буд ва аз ҷониби вакилони халқи Тоҷикистон ба тасвиб расида буд.

Дар он давра ҷомеа дар ҳолати карахтӣ қарор дошт ва саволи «Оянда чӣ мешавад?» ҳанӯз посухи равшан надошт. Вале раванди истиқлолият бо сабаби пайдо шудани як лидери мардумӣ бебозгашт гардид. Мутаассифона, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бисёре аз нақшаҳои давлати ҷавони соҳибихтиёри тоҷиконро ба таъхир андохт. Маҳз бо шарофати мардумӣ будани Президенти кишвар, сиёсати хирадмандонаи ӯ, мардумпарварӣ, ватандӯстӣ ва миллатдӯстии ӯ рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар рӯ ба тараққӣ ниҳод.

Дар вақти эълони Эъломияи истиқлолият шодию хурсандии мардум дар он рӯзҳо ҳадду канор надошт. Вале боз ҳам қувваҳои иртиҷоие сар бардоштанд, ки 70 сол пеш низ дар сари роҳи истиқлолхоҳии мардуми мо қарор доштанд. Муборизаи нову кӯҳна аз нав оғоз шуда, ҷомеаро ба ҷанги таҳмилӣ тела дод. Албатта, қисме аз мардум дар номуайянӣ монда буданд ва баъзе аз онҳо ҳоло ҳам дар ҳолати карахтӣ қарор доранд ва хумори он рӯзҳоро мекашанд. Вале ҳеҷ кадоме аз онҳо наметавонанд инкор кунанд, ки баракати истиқлол барои рушди миллат то чӣ андоза зарур аст. Озодӣ ва истиқлоли мо ҳам паёмадҳои харобиовар ва ҳам дастовардҳои бузургро ба бор овард. Маҳз ҳамин падида заминаеро барои ба вуҷуд омадани Пешвои миллат фароҳам овард.

Баъди чанд соли эълони истиқлоли давлатӣ мо ба хулосае омадем, ки барои кишвари мо сохти идоракунии президентӣ мувофиқ аст ва ҳамчунин зарур аст, ки заминаи қонунии давлати соҳибистиқлоламон гузошта шавад. Соли 1994 дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи нави даврони соҳибистиқлолӣ қабул гардид ва дар интихоботи президентӣ Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби мардум Президенти Ҷумҳурии



Тоҷикистон интихоб шуд. Ин рӯйдод гардиши бисёр ҷиддие дар таърихи навини давлату миллати мо гардид.

Кору рафтори Эмомалӣ Раҳмон барои дигарон ҳамчун намунаи миллатпарвариву фарҳангдӯстӣ арзёбӣ мешавад ва шахсияти ӯ ҳамчун шахси сулҳпарвару ватандӯст маъруфият дорад. Яъне, ҳаёту фаъолияти чунин шахсиятҳо на танҳо барои мардуми худ намуна мебошанд, балки ҳар қадами онҳо аз мавқеъҳои гуногуни дӯстон ва душманон низ баҳогузорӣ мешавад. Ҳар амали онҳо барои нақди фаъолияти давлат ва ҷомеа истифода мегардад ва симои чунин шахсиятҳо абадан дар хотираи таърихии халқ боқӣ мемонад.

Халқ дар он солҳо ташнаи роҳбарони қавиирода, мустақил, бо халқи худ пайванд, ташаббускор, ободкору созанда буд.

Шахси калидии давлат - Президенти он аз ҷониби халқ интихоб шуда, ба шахсияти муттаҳидкунандаи миллат ва рамзи истиқлолияту озодии давлат табдил ёфт. Ҳар сухани ӯ вазну тамкини хос дорад. Мардум ӯро дӯст медоранд, зеро ӯ бо дарду ормонҳои мардум пайванд аст. Имрӯз сухани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои минтақа ва ҷаҳон раҳнамунсоз арзёбӣ мешавад, ки боиси ифтихори ҳар шаҳрванди кишвар ва тоҷикону форсизабонони ҷаҳон аст.

Ӯ тавонист мардумро муттаҳид намояд, ваҳдати миллиро ба вуҷуд оварад, истиқлоли давлатии Тоҷикистонро таҳким бахшад ва номи тоҷику Тоҷикистонро дар ҷаҳон ба арзиши воқеии миллӣ табдил диҳад. Дар Тоҷикистон ягонагии давлату халқ шиори миллии мост ва Президенти кишвар бо сафарҳояш ба маҳалҳо инро исбот кардааст ва имрӯз низ исбот карда истодааст. Дар замони шуравӣ мо барои таҳкими давлати худ аз ҷон фидо кардан наметарсидем. Ҳоло ҳам фарзандони шоистаи миллат дар ҳифзи марзу буми кишвар ҳамон гуна қаҳрамониҳо нишон медиҳанд.

Албатта, замони шуравӣ низ дастовардҳои худро дошт ва кишварҳои ҳамсоя ба мо бо назари ҳасад менигаристанд. Мо корхонаи алюминии калонтарин, НБО-и Норак, комбинатҳои бофандагию ресандагӣ, шоҳибофию атласбофӣ, қолинбофию дӯзандагии калонтаринро доштем. Вале дар муқоиса бо он чӣ имрӯз сохта мешавад, ин дастовардҳо қобили муқоисаи баробар нестанд. Аслан, ҳамаи он сохтмонҳо, роҳҳо ва нақбҳои он замон дар муқоиса бо сохтмонҳои имрӯза кори кӯдакона ба назар мерасанд. Аммо барои он давра, дар муқоиса бо Афғонистону Эрон, Покистону Ҳиндустон ин дастовардҳо як инқилоб ва дигаргунсозии бузурги иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо заминаҳои иқтисодии истиқлолияти моро ташкил карданд.

Дар доираи ҳадафҳои стратегии кишварамон мо имрӯз аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадаем, амнияти озуқавориамонро қариб таъмин карда истодаем ва истиқлоли энергетикиамон дар арафаи анҷомёбист. Саноатикунонии босуръати кишвар идома дорад. Мо ҳатто аз ҳадафҳои стратегии давлатамон пештар рафта истодаем. Ба дигар кишварҳо маҳсулоти зеҳнӣ ва зеҳнмеҳвар содир мекунем, ки барои мо ҳамчун пайравони Синои бузург боиси ифтихор аст.

Ташаббусҳои пайдарпайи мо на танҳо ба рушди Тоҷикистони маҳбубамон, балки ба пешрафти башарият низ хизмат мекунанд. Сохтмони НБО-и "Роғун", ки онро тамаддуни зеризаминӣ номидаанд, бинандаро ба ҳайрат меорад ва метавонад дар рушди иқтисодии минтақа нақши калидӣ дошта бошад. Имрӯз роҳҳо ва нақбҳои пайвандкунандаи миллат, бозорҳои наздисарҳадӣ, роҳҳои Тоҷикистон, ки ба чор сӯи олам мебароянд, шаҳрҳои гулпӯш ва хонаҳои муосири баландошёна моро бо кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон дар як саф мегузоранд.

Дар ҳама замонҳо давлатҳое рушд мекунанд, ки пешвои худро пайдо мекунанд. Имрӯз низ мардум ба раҳнамо ва Пешво зарурат доранд. Дар омади гап, дини мубини ислом низ ба шарофати эътиқоди мардум ба пайғамбари худ тавсеа ёфт ва дар қисме аз ҷаҳон паҳн гардид. Яъне, зарурати сарвари ҷомеа, пешво ва пешбари ҷомеа ҳодисаи имрӯз нест. Ин падида заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ дорад. Ҳамаи чамъиятҳо ба сарвари сиёсӣ зарурат доранд ва набудани чунин сарвар метавонад ба ҳарҷу марҷ ва бебандубориҳои ҷомеа сабаб шавад.

Дар чанд соли охир мо ин ҳодисаро дар Афғонистон, Ироқ ва Либия мушоҳида кардем. Маҳз ҳамин зарурати таърихӣ ба ташаккули шахсияти Пешвои муаззами миллат мусоидат кардааст. Ба акидаи як файласуф, шахсиятҳоро халқ тарбия мекунад ва баъдан шахсиятҳо миллатҳоро месозанд. Ба ин масъала худи Пешвои миллат низ дар суханронии худ ба муносибати ҷашни истиқлол ишора карда буданд: «Маро халқ худаш тарбия кардааст. Он чиро, ки намедонистам, ба ман омӯхт. Маро дастгирӣ кард. Ва сабаби чунин дастовардҳо гаштем».

Ин падидаро дар мисоли қаҳрамонони миллатамон, устодони бузурги мо - академикҳо Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров, инчунин устод Мирзо Турсунзода низ мушоҳида карда метавонем.

Ҳамаи ин омилҳои номбаршуда тавонистанд чунин шахсиятеро дар заминаи фарҳанги мардумии мо ташаккул диҳанд, ки имрӯз дар сатҳи байналмилалӣ низ камназир аст. Ин фарҳанг маҳсули мардуме мебошад, ки дар шароити вазнини ҷуғрофию иқтисодӣ ташаккул ёфтааст. Ин мардум ба ҳар гуна вазнинӣ тоб меорад, вале аз андешаи хеш, аз мақсаду маром ва аз ормонҳои худ даст намекашад. Ҳатто баъди чандин насл ҳам рӯзе он ормонҳоро амалӣ месозад.

Ва инак, бо сарварии Пешвои миллати хеш мо тавонистем давлати пешрафта ва ҳозиразамонеро бунёд гузорем, ки ба ормонҳои миллии мо мувофиқат мекунад.

35 соли истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба мо тачрибаи нави давлатсозиро омӯхт, ки онро метавон «мактаби сиёсии Эмомалӣ Раҳмон» номид. Мо дар ҳақиқат тавонистем зери роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллатамон барои даҳҳо давлате, ки аз низоъҳои миллию динӣ ранҷ мекашанд, намунаи ҳалли низоъҳо, намунаи ободсозии кишвар ва намунаи олии дипломатияи таҳкимбахшандаи истиқлоли давлатӣ бошем.

Бузургтарин дастоварди давлату миллати мо маҳз ба вуҷуд овардани Пешвои миллат аст: роҳбару раҳнамои давлат, ки рамзи сулҳ, истиқлол, озодӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, неруи инсонӣ, созандагӣ ва ободкорӣ мебошад.

Сайфулло САФАРОВ,
дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДДМИТ

ДИПЛОМАТИЯИ АКАДЕМӢ ДАР МАСИРИ ҲАМКОРИҲОИ НАВ

ИШТИРОКИ РОҲБАРИЯТИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН ДАР ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАҲСИЛОТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ТАВСЕАИ РОБИТАҲОИ БАЙНИДОНИШГОҲӢ

Дар шароити чаҳонишавӣ, таҳаввулоти босуръати илму техника ва ташаккули низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои академӣ ба яке аз омилҳои муҳими рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ табдил ёфтаанд. Имрӯз донишгоҳҳо на танҳо марказҳои омодасозии мутахассисони баландихтисос, балки минбарҳои муҳими муколамаи илмӣ, табодули таҷриба, ташаккули фазои ягонаи таҳсилотӣ ва татбиқи ташаббусҳои муштараки байналмилалӣ ба шумор мераванд.

Маҳз дар ҳамин замина иштироки роҳбарияти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар Форуми байналмилалии таҳсилоти Осиёи Марказӣ, ки рӯзҳои 27-30 октябри соли 2026 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид, аҳамияти хос касб намуд. Ин сафар на танҳо имкони иштироки бевосита дар муҳокимаи масъалаҳои мубрами соҳаи маориф, балки заминаи мусоид барои таҳкими робитаҳои мавчуда, барқарор намудани иртиботҳои нави академӣ ва муайян кардани самтҳои ояндадори ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ фароҳам овард.

Дар форуми мазкур ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро иштирок намуда, дар ҳайати он ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва бархе муовинон низ ҳузур доштанд. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро ректори донишгоҳ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Саттордзода Бобочон Абдуҷаббор ва муовини якум, муовини ректор оид ба таълим Мирсаидзода Саидакмал намояндагӣ карданд.

ФОРУМ- МИНБАРИ МУКОЛАМАИ АКАДЕМӢ ВА ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВӢ

Тавре зимни суҳбат муовини якум, муовини ректори ДДМИТ оид ба таълим Мирсаидзода Саидакмал иброз дошт, ширкат дар маросими ифтитоҳи расмии форум ва ҷаласаҳои бахшҳои он барои намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои минтақа имконият фароҳам овард, ки доир ба равандҳои муосири рушди таҳсилоти олӣ, масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълим, ҳамоҳангсозии барномаҳои таълимӣ, густариши робитаҳои илмӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ табодули афкор намоянд. Ҳамзамон, дар рафти муҳокимаҳо зарурати тақвияти ҳамкориҳои минтақавии донишгоҳҳо, ташкили фазои мусоиди академӣ, рушди ҳаракатнокии донишҷӯёну омӯзгорон, табодули дастовардҳои илмӣ ва истифодаи имкониятҳои муштараки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт.

Муҳимияти чунин ҳамоишҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо барои гузаштан аз робитаҳои расмии байни муассисаҳо ба ҳамкориҳои воқеӣ ва натиҷаориентатсияшуда замина мегузоранд. Зеро самаранокии муносибатҳои байналмилалии донишгоҳӣ на танҳо бо теъдоди созишномаҳои баимзорасида, балки пеш аз ҳама бо миқёси барномаҳои муштарак, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, табодули таҷрибаи касбӣ ва имкониятҳои нави таълимӣ арзёбӣ мегардад.

Барои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ иштирок дар чунин ҳамоиши сатҳи байналмилалӣ имкони муаррифии иқтидори илмию таълимӣ, шиносоӣ бо таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти олии касбии минтақа ва муайян намудани самтҳои нави ҳамкорӣ буд.

Яке аз бахшҳои муҳим ва аз нигоҳи мазмуну мухтаво ҷолиби форум ба масъалаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар таҳсилоти олӣ бахшида шуда буд.

28 октябри соли 2026 дар доираи кори ин бахш муовини якуми ректор, муовини ректор оид ба таълим Мирсаидзода Саидакмал дар мавзӯи «Технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар таҳсилоти олӣ: имкониятҳо, хатарҳо ва дурнамои рушд» баромад намуда, дидгоҳу андешаҳои худро вобаста ба равандҳои муосири рақамикунонии низоми таҳсилоти олӣ баён кард.

Дар баромад масъалаҳои истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ дар ташкили раванди таълим, ҷорӣ намудани воситаҳои зеҳни сунъӣ дар фаъолияти таълимию методӣ, такмили усулҳои омӯзиш, фароҳам овардани муҳити рақамии донишгоҳӣ ва баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Зикр гардид, ки зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ метавонанд имкониятҳои навро барои такмили раванди таълим, таҳияи маводи омӯзишии мутобиқ ба талаботи инфиродии донишҷӯён, таҳлили натиҷаҳои таълим ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгорон фароҳам оваранд. Ҳамзамон, истифодаи ин технологияҳо бояд ҳадафмандона, бо риояи меъёрҳои ахлоқии академӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва таъмини эътимоднокии натиҷаҳои таълимӣ ба роҳ монда шавад.

Масъалаи мазкур барои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ аҳаммияти стратегӣ дорад. Зеро дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ омодасозии мутахассисоне, ки дорои донишҳои муосири иқтисодӣ, молиявӣ, технологӣ ва малакаҳои таҳлилӣ мебошанд, аз вазифаҳои муҳими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, иштироки намояндаи донишгоҳ дар муҳокимаи масъалаҳои мазкур на танҳо муболилаи таҷрибаи касбӣ, балки муаррифии мавқеъ ва дидгоҳи муассисаи таълимӣ дар масъалаи рушди таҳсилоти рақамӣ ва татбиқи технологияҳои нав мебошад.

СОЗИШНОМАИ НАВ - ЗАМИНАИ ТАВСЕАИ ҲАМКОРИҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА ИЛМӢ

Яке аз натиҷаҳои муҳими сафари хизматӣ ба имзо расидани созишномаи ҳамкорӣ миёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Қаршии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад. Созишномаи мазкур самтҳои муҳими ҳамкориҳои ду муассисаи таҳсилоти олиро фаро гирифта, аз ҷумла рушди робитаҳои таълимӣ, густариши фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳияву татбиқи лоиҳаҳои муштаракро пешбинӣ менамояд.

Аҳамияти ин санад дар он аст, ки он барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои муназзаму мақсаднок, истифодаи имкониятҳои илмӣ ва таълимии ҳар ду донишгоҳ ва татбиқи ташаббусҳои муштарак заминаи ҳуқуқию ташкилии зарурӣ фароҳам меорад. Дар доираи амалисозии чунин ҳамкориҳо имкониятҳои зерин мавриди баррасӣ ва татбиқи минбаъда қарор гирифта метавонанд:





- ташкили табодули донишҷӯён, омӯзгорон ва муҳаққиқон дар доираи барномаҳои муштарак;

- баргузории конференсияҳо, форумҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-амалӣ;

- таҳияи лоиҳаҳои муштараки илмӣ-таҳқиқотӣ дар самтҳои иқтисодиёт, молия, бонкдорӣ, андозбандӣ, менеҷмент ва иқтисоди рақамӣ;

- табодули барномаҳои таълимӣ, маводи методӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ;

- ҷалби олимону мутахассисони ҳар ду ҷониб ба таҳқиқоти муштарак ва нашри мақолаҳои илмӣ;

- ташкили таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва баланд бардоштани ихтисоси омӯзгорон;

- омӯзиши имкониятҳои таҳияи барномаҳои муштараки таълимӣ ва лоиҳаҳои инноватсионӣ.

Албатта, моҳияти созишномаи ҳамкорӣ дар марҳилаи баъдӣ, яъне татбиқи пайгиронаи муқаррароти он ва ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас бештар зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, таҳияи нақшаи муштараки чорабиниҳо, муайян намудани шахсони масъул, муҳлатҳои иҷро ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷаҳо метавонад ба самаранокии ҳамкориҳои минбаъда мусоидат намояд.

ТАҲКИМИ РОБИТАҲОИ МАВҶУДА ВА ҶУСТУҶӮИ ИМКОНИЯТҲОИ НАВИ ҲАМКОРӢ

Дар баробари ба имзо расонидани созишномаи нав, намояндагони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо ректорони як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Полша ва Ҷумҳурии Туркия, ки бо донишгоҳ робитаҳои шартномавии ҳамкорӣ доранд, мулоқоту суҳбатҳои корӣ анҷом доданд.

Зимни ин вохӯриҳо масъалаҳои тавсеаи доираи ҳамкориҳои дучониба, тақвияти робитаҳои академӣ, муайян намудани самтҳои нави фаъолияти муштарак ва истифодаи имкониятҳои мавҷудаи шарикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҷиҳати муҳими чунин мулоқотҳо дар он ифода меёбад, ки муносибатҳои байнидонишгоҳӣ бояд аз сатҳи мукаррароти умумии созишномаҳо ба сатҳи ҳамкориҳои амалӣ ва натиҷаҳои мушаххас бароварда шаванд. Аз ҷумла, дар муносибат бо шарикони хориҷӣ татбиқи барномаҳои табодули донишҷӯён ва омӯзгорон, ташкили лексияҳои муштарак, баргузории конференсияҳои байналмилалӣ, таҳияи мақолаҳои илмии муштарак, ҷалби олимони хориҷӣ ба фаъолияти илмии донишгоҳ ва иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалӣ аз самтҳои муҳимми рушди ҳамкориҳо маҳсуб мешаванд.

Ҳамчунин, истифодаи имкониятҳои таҳсилоти фосилавӣ, баргузории дарсҳои муштараки онлайн, ташкили мактабҳои тобистона ва зимистонаи академӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон ва омӯзиши таҷрибаи муассисаҳои пешрафтаи хориҷӣ метавонад ба таҳкими робитаҳои илмӣ ва таълимӣ мусоидат намоянд.

Барои донишгоҳе, ки самтҳои асосии фаъолияти он ба иқтисодиёт, молия, низоми бонкӣ, андоз, соҳибкорӣ ва идоракунии равандҳои иқтисодӣ иртибот доранд, чунин ҳамкориҳо аҳаммияти махсус доранд. Зеро таҷрибаи кишварҳои гуногун дар самти идоракунии молияи давлатӣ, рушди бозорҳои молиявӣ, рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ, ҷалби сармоя, рушди соҳибкорӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ метавонад дар такмили муҳтавои барномаҳои таълимӣ ва таҳқиқоти илмӣ нақши муассир гузорад.

ТОҶИКИСТОН ВА ӮЗБЕКИСТОН: ТАҲСИЛОТ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАҲКИМИ МУНОСИБАТҲОИ ДӮСТОНА

Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои охир дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла маориф, илм, фарҳанг ва иқтисод, густариши пайваста пайдо намудаанд. Таҳкими робитаҳои байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ду кишвар низ яке аз самтҳои муҳими ин раванд ба шумор меравад. Ҳамсоягии ҷуғрофӣ, пайвандҳои таърихию фарҳангӣ, умумияти бисёр арзишҳои маънавӣ ва манфиатҳои муштараки иқтисодию иҷтимоӣ барои тавсеаи ҳамкориҳои академӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

Дар ин замина, баргузории Форуми байналмилалии таҳсилоти Осиёи Марказӣ ва иштироки роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои минтақа имконият медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба рушди фазои ягонаи ҳамкориҳои илмӣ ва таълимӣ дар сатҳи муассисаҳои дахлдор мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Мусаллам аст, ки рушди устувори муносибатҳои байнидавлатӣ танҳо бо ҳамкориҳои сиёсиву иқтисодӣ маҳдуд намешавад. Робитаҳои илмӣ, табодули дониш, тарбияи мутахассисони рақобатпазир ва ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ аз унсурҳои муҳимми таҳкими дӯстии халқҳо ва наздикшавии ҷомеаҳо мебошанд. Аз ин ҷиҳат, ҳар як созишномаи нави байнидонишгоҳӣ, ҳар як лоиҳаи муштараки илмӣ ва ҳар як барномаи табодули академӣ метавонад ба густариши робитаҳои инсонӣ, касбӣ ва фарҳангии кишварҳо мусоидат намояд.

Бо дарназардошти мухтавои мулоқоту муҳокимаҳои анҷомёфта, дар марҳилаи минбаъда татбиқи як қатор иқдомҳои мушаххас метавонад ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мусоидат намояд. Аз ҷумла, таҳияи харитаи роҳ барои иҷрои созишномаи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии Қаршӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо бо шарикони хориҷӣ, таъсиси гурӯҳҳои муштараки корӣ, омода намудани лоиҳаҳои илмӣ ва таълимӣ, ташкили чорабиниҳои академӣ ва ҷалби омӯзгорону донишҷӯён ба барномаҳои табодули байналмилалӣ аз ҷумлаи тадбирҳои муҳим мебошанд. Ҳамзамон, ба роҳ мондани низоми арзёбии самаранокии ҳамкориҳо имкон медиҳад, ки натиҷаҳои ҳар як созишнома дар асоси нишондиҳандаҳои мушаххас муайян карда шаванд. Шумораи лоиҳаҳои муштарак, мақолаҳои илмии ҳаммуаллифӣ, барномаҳои табодули донишҷӯён ва омӯзгорон, конференсияҳои муштарак ва натиҷаҳои фаъолияти илмӣ метавонанд ҳамчун нишондиҳандаҳои асосии арзёбии чунин ҳамкориҳо истифода шаванд. Дар баробари ин, тақвияти ҳамкориҳо дар самти иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, технологияҳои молиявӣ, таҳлили маълумоти бузург, соҳибкории инноватсионӣ ва идоракунии муосир метавонад ба мазмуну мухтавои фаъолияти таълимию илмии донишгоҳ такони нав бахшад.

ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ - ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИДОРИ ДОНИШГОҲ

Иштироки роҳбарияти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар Форуми байналмилалии таҳсилоти Осиёи Марказӣ дар маҷмуъ як қадами муҳим дар самти таҳкими робитаҳои академӣ, муаррифии имкониятҳои донишгоҳ ва тавсеаи доираи шарикони байналмилалии он ба шумор меравад.

Натиҷаҳои аз ин сафар бадастомада нишон хоҳанд дод, ки дар шароити муосир рушди муассисаи таҳсилоти олӣ бидуни ҳамкории фаъоли байналмилалӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва истифодаи имкониятҳои илмӣ-таълимии шарикони хориҷӣ тасаввурнопазир аст.

Барои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон чунин ҳамкориҳо, пеш аз ҳама, имконияти баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими иқтидори илмӣ, такмили маҳорати касбии омӯзгорон, фароҳам овардани имкониятҳои нави таҳсилӣ барои донишҷӯён ва мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнати муосирро фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, идомаи муназзами робитаҳои барқароршуда, иҷрои муқаррароти созишномаҳои баимзорасида ва таҳияи барномаҳои муштараки судманд метавонад ба таҳкими мавқеи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар фазои таҳсилоти олии минтақавӣ ва байналмилалӣ мусоидат намояд. Зеро донишгоҳи муосир на танҳо бо донишу таҷрибаи андӯхта, балки бо тавоноии муколама, ҳамкорӣ ва табдил додани дониш ба натиҷаҳои воқеии рушди ҷомеа шинохта мешавад.

Муҳаммадалӣ ОЧИЛДИЕВ,
сардори шуъбаи иттилоот
ва нашрияи Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон

№ 8 (241) 30.10.26
Молия ва иқтисод
5



МАСТЕР-КЛАСС, СЕРИФИКАТ, ҒОЛИБИЯТИ УСТОДОН ВА ДОНИШҶӮИ ДДМИТ ДАР ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «АМНИЯТИ МОЛИЯВӢ»

Аз 27 сентябр то 2 октябри соли 2026 дар шаҳри Красноярски Федератсияи Россия Олимпиадаи 6-уми байналмилалии «Амнияти молиявӣ» доир гардид. Дар он беш аз 700 донишҷӯ ва хонанда аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи умумии 46 кишвари ҷаҳон иштирок карданд. Дар қатори онҳо намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ҳайати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ ҳузур доштанд.

Олимпиада бо ташаббуси Хадамоти мониторинги молиявии Федератсияи Россия ва Институти шабакавии байналмилалӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовarda ва маблағгузории терроризм ва бо дастгирии Президенти Федератсияи Россия баргузор гардид.

Ҳадафи асосии ҳамоиш баланд бардоштани маърифати молиявӣ, иттилоотӣ ва ҳуқуқии ҷавонон, ошкор ва дастгирии истеъдодҳои ҷавон, рушди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва эҷодии онҳо, инчунин омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи муосири низоми бехатарии молиявӣ мебошад.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро дар Олимпиада муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимзода ҳамчун роҳбалад, Мастура Бӯризода ҳамчун коршинос ва ду донишҷӯи курси чорум: Азизов Умедҷон Киромиддинович, донишҷӯи факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ва Бобоназаров Яҳё Ихтиёрович, донишҷӯи факултети молия ва қарз намояндагӣ карданд.

Дар миёни ин ҳайат дастоварди Азизов Умедҷон махсусан қобили зикр аст. Донишҷӯи соли чоруми факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ дар самти муносибатҳои байналмилалӣ дар озмуни байналмилалӣ иштироки фаъол намуда, сазовори Дипломи дараҷаи II гардид. Ин натиҷа бозгӯи сатҳи омодагии касбӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва иқтидори илмии ҷавонони ДДМИТ дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Азизов Умедҷон ва Бобоназаров Яҳё дар барномаҳои гуногуни Олимпиада, аз қабили бозиҳои зеҳнӣ, мастер-классҳо, семинарҳо ва мусобиқаҳои варзишӣ фаъолона иштирок карда, бо медал ва сертификатҳо қадрдонӣ шуданд.

Бояд зикр намуд, ки барномаи Олимпиада танҳо бо озмуни дониш махдуд нашуд. Дар доираи он мизҳои гирд, мастер-классҳо, воҳӯриҳо, ҷаласаҳо, бозиҳои зеҳниву варзишӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор гардиданд.

Яке аз рӯйдодҳои муҳими барнома иштироки намояндагони ДДМИТ дар баргузории мастер-класси махсус барои донишҷӯёни кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буд.

Санаи 1 октябр устодони донишгоҳ Мастура Бӯризода ва Қутбиддин Муқимзода дар мавзуи «Зеҳни сунъӣ дар низоми бехатарии молиявӣ: таҷрибаи байналмилалӣ, равишҳои инноватсионӣ ва таҷрибаи ДДМИТ» мастер-класс доир карданд.

Интихоби чунин мавзуъ худ аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи истифодаи зеҳни сунъӣ дар таъмини бехатарии молиявӣ ба яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти муосир табдил ёфтааст. Барои муассисаи таҳсилоти олии иқтисодӣ низ ворид шудан ба чунин муҳокимаҳои байналмилалӣ имкони хубест барои муаррифии таҷрибаи худ ва ҳамзамон, омӯзиши равишҳои нав.

Дар баробари иштироки донишҷӯён, намояндагони ҳайати омӯзгорони ДДМИТ низ дар барномаҳои касбиву омӯзишии Олимпиада фаъол буданд.

Ҳамчунин, Қутбиддин Муқимзода ва Мастура Бӯризода дар курси такмили ихтисос, ки аз ҷониби Маркази байналмилалии таълимӣ-методии мониторинги молиявии Федератсияи Россия дар мавзуи «Муқовимат ба азонихудкунии даромад ва маблағгузории терроризм: имкониятҳо, таҳдидҳо ва хатарҳои зеҳни сунъӣ» баргузор гардид, иштирок намуда, соҳиби сертификат шуданд.

Албатта, баргузории чунин курсҳо дар шароите муҳим аст, ки технологияҳои рақамӣ дар баробари фароҳам овардани имкониятҳои нав, шаклҳои нави таҳдид ба низоми молиявиро низ ба миён меоранд. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва омодасозии мутахассисоне, ки ин равандҳоро аз лиҳози илмӣ ва амалӣ арзёбӣ карда метавонанд, аҳамияти рӯзафзун пайдо мекунад.

Иштироки ҳайати ДДМИТ дар Олимпиадаи байналмилалии “Амнияти молиявӣ” танҳо як сафари омӯзишӣ ё иштирок дар озмун набуда, он барои донишҷӯён ва устодон майдони воқеии табодули таҷриба, муошарати касбӣ ва пайдо намудани робитаҳои нави илмӣ гардид.

Махсусан, барои донишҷӯён чунин чорабиниҳо имкон медиҳанд, ки донишҳои назариявии худро дар муҳити байналмилалӣ санҷида, бо ҳамсолони кишварҳои гуногун мубодилаи афкор намоянд ва ба талаботи нави бозори меҳнату илми муосир наздиктар шаванд.

Дипломи дараҷаи II-и Азизов Умедҷон бошад, бешакк, дар ин иштироки ДДМИТ мазмуни дигар бахшид. Зеро дар паси ҳар як дастовард заҳмати донишҷӯ, дастгирии устодон ва муҳити илмии муассисаи таълимӣ қарор дорад.

Барои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки рушди илм, инноватсия ва омодасозии мутахассисони рақобатпазирро аз самтҳои муҳими фаъолияти худ медонад, иштирок дар чунин майдонҳои байналмилалӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои назаррас заминаи хуб барои таҳкими ҳамкориҳои илмӣ ва рушди минбаъдаи иқтидори ҷавонон мебошад.

Аз сӯи дигар, ғолибияти донишҷӯи ДДМИТ дар Олимпиадаи байналмилалии «Бехатарии молиявӣ» нишон дод, ки истеъдодҳои ҷавони донишгоҳ барои ворид шудан ба рақобати байналмилалӣ омодаанд. Вазифаи муҳими минбаъда бошад, фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои рушди чунин истеъдодҳо ва пайвастани дониш, илм ва таҷрибаи байналмилалӣ ба манфиати рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

Муҳаммадалӣ ОЧИЛДИЕВ

ТАШРИФИ НАМОЯНДАГОН АЗ ДОНИШГОҲИ ИҚТИСОДИИ САНКТ-ПЕТЕРБУРГ

14-уми октябри соли равон ҳайати намояндагони Донишгоҳи давлатии иқтисодии Санкт-Петербурги Федератсияи Россия бо сардории Скурихина Екатерина Викторовна, сардори Раёсати ҳамкориҳои байналмилалӣ ва Тарасенко Елена Фёдоровна, директори Маркази байналмилалии дӯстӣ ва ҳамкорӣ ба ДДМИТ ташриф оварданд.

Меҳмононро муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Саидакмал Мирсаидов, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Парвиз Ғафуров ва муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимзода ба ҳузур пазируфтанд.

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷонибаро мавриди баррасӣ қарор доданд. Аз ҷумла, таъсиси курсҳо ва барномаҳои муштарак дар ин самт муҳокима гардиданд. Ҳамзамон, масъалаҳои марбут ба рушди барномаҳои мубодилаи академии донишҷӯён ва омӯзгорон, таҷрибаомӯзӣ, инчунин, сафарҳои илмӣ-тадқиқотӣ низ баррасӣ шуданд.

Илова бар ин, тарафҳо доир ба тавсеаи ҳамкориҳо дар самтҳои таҳияи барномаҳои муштараки таълимӣ, ҷалби мутахассисони хориҷӣ ба раванди таълим ва иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалӣ табодули афкор намуданд.

Бояд қайд намуд, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз соли 2014 бо Донишгоҳи давлатии иқтисодии Санкт-Петербург ҳамкориҳои судманди таълимӣ, илмӣ ва академиро ба роҳ мондаааст.

То ба ин вақт дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба 15 нафар донишҷӯи донишгоҳ дар барномаҳои мубодилаи академӣ иштирок намудаанд. Соли 2024 байни ду донишгоҳ оид ба татбиқи барномаи таълимӣ дар самти логистика созишнома ба имзо расида, дар доираи он 7 нафар донишҷӯи донишгоҳ ширкат варзиданд.

Ҳамкориҳои мазкур ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, рушди тадқиқоти илмӣ, омода намудани мутахассисони рақобатпазир ва таҳкими робитаҳои байналмилалии ҳар ду донишгоҳ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Зимни мулоқот дарҷ гардид, ки дар тули зиёда аз дах соли ҳамкорӣ байни ду донишгоҳ заминаи устувор ва боэътимод баҳри рушди минбаъдаи шарикӣ ҳосил шудааст. Муносибатҳои дуҷониба на танҳо аз ҷиҳати миқдор, балки аз лиҳози сифат низ рушду такомул ёфта истодаанд Ҳадаф аз ин ташаббусҳо он аст, ки ҳар як созишнома ва тавофуқ бо татбиқи лоиҳаҳои муштарак, ҷалби донишҷӯёну омӯзгорон, гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои амалӣ ифода ёбад.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар навбати худ омода аст, ки дар татбиқи ташаббусҳои нав фаъолона иштирок намуда, барои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои судманди дуҷониба шароити зарурӣро фароҳам оварад.

Дар охир меҳмонон аз озмоишгоҳҳо, утоқҳои таълимӣ ва китобхонаи илмии донишгоҳ дида намуда, бо шарту шароитҳо аз наздик шинос шуданд.

Тағоймурод ЭШЗОДА



ТАҲКИМИ РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар доираи таҳкими робитаҳои байналмилалӣ ва рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони хориҷӣ, намояндагони Шурои Британия бо мақсади баррасии масъалаҳои рушди ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, аз ҷумла татбиқи барномаи «Вусъатбахшии омӯзиши забони англисӣ дар Осиёи Марказӣ-AELLCA» рӯзҳои 1-9 октябри соли 2026 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Ташрифи Майкл Ҳоулгейнт ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон санаи 8-уми октябри соли равон барои таҳкими робитаҳои байналмилалӣ, табодули таҷриба ва баррасии имкониятҳои нави ҳамкории таълимӣ ва академӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар оғози вохӯрӣ меҳмонро муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Парвиз Ғафуров истиқбол намуда, барои ташриф ва таваҷҷуҳ ба рушди ҳамкориҳои соҳаи маориф изҳори сипос намуд. Таъкид гардид, ки рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ва таҳкими робитаҳои академӣ аз самтҳои муҳими фаъолияти донишгоҳ ба ҳисоб мераванд.

Зимни суханронӣ Парвиз Ғафуров бобати аҳамияти таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ таъкид намуда, оид ба иқтидори таълимӣ, самтҳои фаъолияти донишгоҳ ва имкониятҳои рушди ҳамкориҳои минбаъда маълумот пешниҳод кард.

Дар рафти мулоқот масъалаҳои рушди таълими забони англисӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон, табодули таҷриба, иштироки донишҷӯён ва омӯзгорон дар барномаҳои байналмилалӣ, курсҳои такмили ихтисос ва сафарҳои омӯзишӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷониби донишгоҳ пешниҳод гардид, ки дар доираи имкониятҳои мавҷуда масъалаи дастгирии синфхонаҳои омӯзиши забони англисӣ, аз ҷумла таъмин намудани онҳо бо таҷҳизоти муосири таълимӣ, маводи таълимӣ ва дигар захираҳои зарурӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Ҳамчунин, таваҷҷуҳ ба фароҳам овардани имкониятҳо барои такмили ихтисоси омӯзгорон ва рушди малакаҳои касбии онҳо, инчунин фароҳам овардани имкониятҳои омӯзишӣ барои донишҷӯён ва ба даст овардани таҷрибаи байналмилалӣ равона карда шуд.

Ҷонибҳо омодагии худро барои идомаи муколама ва омӯзиши имкониятҳои нави ҳамкорӣ иброз намуда, таъкид карданд, ки рушди ташаббусҳои муштарак дар соҳаи маориф метавонад ба таҳкими муносибатҳои дарозмуддат ва мутақобилан судманд мусоидат намояд.

Тағоймурод ЭШЗОДА



АБУАЛӢ ИБНИ СИНО: ЧАРОҒИ ХИРАД ВА ОИНАИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛАТ

Нақши андешаҳои фалсафии Абуалӣ ибни Сино дар тарбияи ҷомеа ва эҳёи худшиносии миллӣ дар партави сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат

Миллатҳо на танҳо бо сарзамину марзҳои ҷуғрофӣ, балки пеш аз ҳама бо андеша, забон, фарҳанг, мактаби маърифат ва шахсиятҳои барҷастае шинохта мешаванд, ки бо неруи хираду дониш аз ҳудуди замони худ фаротар рафта, ба ганҷинаи тамаддуни башарӣ саҳми арзишманд гузоштаанд. Бузургии миллат низ дар он таҷассум меёбад, ки то чӣ андоза фарзандони фарзонаи худро мешиносад, осори онҳоро ҳифз мекунад ва аз хираду таҷрибаи онҳо барои бунёди оянда хеш баҳра мегирад.

Абуалӣ ибни Сино аз ҷумлаи чунин шахсиятҳои нодир ва мондагори таърихи башарият аст. Ӯ нобиғаест, ки андешаҳояш аз марзҳои ҷуғрофӣ, тафовути забонҳо ва маҳдудиятҳои замонӣ фаротар рафта, ба мероси муштараки инсоният табдил ёфтаанд. Ибни Сино на танҳо табиби бузург, файласуфи тавоно ва донишманди энсиклопедист, балки намунаи барҷастаи қудрати ақли инсон, неруи маърифат ва талоши пайваста дар роҳи шинохти ҳақиқат мебошад.

Таваҷҷуҳи пайвастаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба гиромидошти шахсияти Ибни Сино, тарғиби осори ӯ ва таҳкими худшиносии миллӣ аз ҷумлаи иқдомҳои муҳимест, ки масъалаи омӯзиши мероси бузургони миллатро ба рӯзномаи муҳими фарҳангиву маърифатии кишвар ворид намудааст. Ин таваҷҷуҳ моро водор месозад, ки ба Сино на танҳо ҳамчун рамзи ифтихори таърихӣ, балки ҳамчун сарчашмаи андеша, маърифат ва илҳом барои имрӯзу фардои миллат назар андозем. Зеро бузургдошти воқеии Сино замоне амалӣ мегардад, ки хираду ҷаҳонбинии ӯ дар тафаккури ҷомеа ҷойгоҳи устувор пайдо кунад.

Абуалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино (980–1037) аз чеҳраҳои мондагори таърихи илму фарҳанги тоҷик ва тамаддуни ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Осори гаронбаҳои ӯ соҳаҳои гуногуни дониш, аз ҷумла фалсафа, мантиқ, тиб, табиатшиносӣ ва дигар бахшҳои илмро фаро гирифта, дар ташаккули анъанаҳои илмии Шарқу Ғарб таъсири назаррас гузоштааст. «Ал-Қонун фи-т-тиб» ва «Китоб-уш-шифо» аз ҷумлаи асарҳои машҳури ӯ мебошанд, ки дар таърихи тиб ва фалсафа мақоми хосса доранд. Агар асари аввал дар низомманд сохтани донишҳои тиббии замони муаллиф нақши муҳим бозида бошад, асари дуюм фарохии ҷаҳонбинии фалсафӣ ва илмии ӯро инъикос менамояд.

Аммо Ибни Синоро танҳо бо асарҳои тиббиаш шинохтан маънои маҳдуд сохтани бузургии илмӣ ва маънавии ӯро дорад. Ӯ ҳамчунин масъалаҳои муҳими фалсафаи ҳастӣ, назарияи маърифат, муносибати ақл бо воқеият, моҳияти нафси инсон ва роҳҳои такмили шахсиятро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар таълимоти ӯ инсон мавҷуди соҳибақлест, ки метавонад тавассути дониш, тафаккур ва тафаккури мантиқӣ оламро бишносад ва дарки худро аз воқеият пайваста такмил диҳад.

Дар замоне, ки дастрасӣ ба дониш маҳдуд ва имкониятҳои таҳқиқ нисбат ба имрӯз хеле маҳдудтар буданд, фарогирии чунин доираи васеи масъалаҳои илмӣ аз неруи фавқулодаи зеҳнӣ, ҷаҳонбинии фарох ва меҳнати пайгиронаи ӯ шаҳодат медиҳад. Маҳз ҳамин хусусият Ибни Синоро барои ҷомеаи муосир низ муҳим ва омӯзанда мегардонад.

Мо имрӯз дар асри иттилоот зиндагӣ мекунем, аммо фаровонии иттилоот на ҳамеша ба маърифати амиқ баробар аст. Баръакс, инсон дар шароити имрӯза бояд тавонад ҳақиқатро аз маълумоти носанҷида, далелро аз гумон ва андешаи асоснокро аз ҳукми шитобкорона фарқ намояд. Дар ин замина, мероси Ибни Сино ба мо на танҳо таърихи комёбиҳои як донишманди бузург, балки фарҳанги ҷустуҷӯи ҳақиқат, сабру таҳаммул дар омӯзиш ва масъулиятшиносиро дар истифодаи дониш меомӯзонад.

Яке аз масъалаҳои меҳварии фалсафаи Ибни Сино робитаи маърифат бо камолоти инсон мебошад. Аз омӯзиши осори ӯ бармеояд, ки шинохти ақлонии олам, дарки моҳияти нафси инсон ва такмили шахсият равандҳои ба ҳам алоқаманд ва ҷудонопазиранд. Дар ин росто, бояд таъкид намуд, ки ҷомеаи мутамаддин на танҳо ба андӯхтани дониш, балки ба истифодаи самараноки он ва таъсири мусбати дониш ба рафтору муносибатҳои инсон аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад.

Аз ҳамин ҷост, ки масъалаи тарбия бояд аз ҳадди интиқоли дониш фаротар равад. Вазифаи мактаб, донишгоҳ ва оила танҳо додани маълумот нест, балки мусоидат ба ташаккули шахсиятест, ки мустақилона фикр карда метавонад, масъулияти амали худро дарк менамояд ва барои беҳтар сохтани муҳити зиндагӣ талош меварзад. Дар ин замина, андешаҳои фалсафии Ибни Сино барои низоми муосири таълиму тарбия аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Онҳо моро ба чунин хулоса мерасонанд, ки рушди ақлонӣ бе тарбияи ахлоқӣ комил нест ва тарбияи ахлоқӣ низ бидуни дониш, тафаккур ва худшиносӣ ба устувории зарурӣ намерасад.

Масъалаи тарбияи инсон дар осори Ибни Сино бо аҳаммияти муҳити зиндагӣ, одатҳо, муносибатҳои ичтимоӣ ва роҳҳои такмили шахсият пайванди ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, дар ҷомеаи муосир ҳамкории оила, муассисаҳои таълимӣ ва муҳити ичтимоӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. Зеро дар шароите, ки насли ҷавон бо ҷараёнҳои гуногуни иттилоотӣ ва арзишҳои мухталиф рӯ ба рӯ мешавад, тарбияи қобилияти таҳлилӣ, таҳкими худшиносии миллӣ, эҳтиром ба фарҳанги аҷдодӣ ва ҳамзамон муносибати созандаву озодона ба дастовардҳои илми ҷаҳонӣ бояд аз вазифаҳои муҳимтарини низоми маориф бошад.

Мероси Ибни Сино метавонад дар ин раванд ҳамчун василаи ташаккули фарҳанги тафаккур, саволгузорӣ, далеловарӣ ва масъулиятшиносӣ дар назди андешаи худ хизмат намояд. Омӯзиши осори ӯ ба ҷавонон имкон медиҳад, ки дарк кунанд: бузургӣ на дар такрори андешаҳои дигарон, балки дар ҷустуҷӯ, таҳқиқ, эҷод ва расидан ба хулосаҳои мустақилона ифода меёбад.

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ масъалаи эҳёи худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таъриху фарҳанг ва арҷгузорӣ ба шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати фарҳангии Тоҷикистон табдил ёфт. Дар ин раванд, таваҷҷуҳи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мероси Ибни Сино ҷойгоҳи хосса дорад.

Зимни таҷлили 1025-солагии Ибни Сино дар соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи шинохти шахсияти ин мутафаккири бузург ва робитаи он бо худшиносии миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, аҳаммияти мероси Синоро дар таҳкими худшиносии тоҷикон ва нақши осори ӯро дар рушди забону фарҳанги тоҷик таъкид карда буданд.



Бешубҳа, чунин муносибат масъалаи бузургдошти мутафаккирро аз доираи ёдбуди таърихӣ фаротар бурда, онро ба яке аз масъалаҳои муҳими худшиносии миллӣ пайванд медиҳад. Зеро Ибни Сино на танҳо шахсияти бузурги илмӣ, балки рамзи тавоноии маърифатии муҳити фарҳангиест, ки дар он забон, дониш, андешаи фалсафӣ ва фаъолияти илмӣ ба сатҳи баланди рушд расида буданд.

Соли 2025 низ бо ташаббуси роҳбарияти олии мамлакат 1045-солагии зодрӯзи Ибни Сино дар сатҳи ҷумҳурӣ таҷлил гардид. Чунин иқдомҳо барои ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба осори мутафаккир, тақвияти фаъолияти илмӣ ва фарҳангӣ, инчунин густариши муаррифии ӯ дар байни насли ҷавон имкониятҳои мусоид фароҳам меоранд. Муҳим он аст, ки ин гуна чорабиниҳо танҳо ба таҷлили санаҳои таърихӣ маҳдуд нашуда, ба рушди таҳқиқоти илмӣ, нашри осори арзишманд ва ворид намудани андешаҳои мутафаккир ба муҳтавои таълиму тарбия мусоидат намоянд.

Қадами муҳими дигар 23 майи соли 2026 гузошта шуд. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб таъсис дода шуд. Ҳадафи асосии ин иқдом, ки дар санади расмӣ инъикос ёфтааст, эътирофи дастовардҳои барҷаста дар соҳаи тиб мебошад. Ин ташаббус номи Синоро бо қадршиносии дастовардҳои муҳими тиббӣ дар сатҳи байналмилалӣ пайванд медиҳад.

Аҳаммияти чунин иқдомро бояд на танҳо дар ифтихори миллӣ, балки дар имконияти тақвияти робитаи мероси таърихӣ бо илми муосир ва бунёди оянда созанда ҷустуҷӯ кард. Зеро агар номи Сино бо эътирофи дастовардҳои воқеии илмӣ, ҳавасмандгардонии муҳаққиқон ва тарғиби арзишҳои дониш пайванд ёбад, бузургдошти ӯ аз як маросими рамзӣ ба омили муассири рушди маърифат ва пешрафти илм табдил хоҳад ёфт.

Албатта, шахсияти Ибни Сино то оғози даврони соҳибистиқлолӣ низ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф шуда буд. Ҷашнҳои байналмилалии марбут ба ӯ дар асри XX, аз ҷумла таҷлили хазорсолагии зодрӯзаш дар соли 1980 бо иштироки ЮНЕСКО, далели равшани эътирофи деринаи саҳми ӯ дар тамаддуни ҷаҳонӣ мебошанд. Аммо дар даврони соҳибистиқлолӣ масъалаи омӯзиш ва муаррифии мероси Сино аҳаммияти дигар касб намуда, бо ҳадафҳои таҳкими худшиносии миллӣ, эҳёи хотираи таърихӣ ва рушди фарҳанги миллӣ пайванди мустақим пайдо кард.

Худшиносии миллӣ, пеш аз ҳама, дарки пайванди таърих, забон, фарҳанг ва масъулияти имрӯзаи миллатро дар бар мегирад. Вақте мо аз шахсияти бузурге чун Ибни Сино ёд мекунем, дар асл сухан танҳо дар бораи як донишманди алоҳида намеравад. Мо аз муҳити фарҳангие ёдовар мешавем, ки дар он андешаҳои бузург ташаккул ёфта, донишҳои гуногун рушд карда ва асарҳое офарида шудаанд, ки садсолаҳо боз мавриди омӯзиши наслҳои мухталиф қарор доранд.

Ин таърих барои мо на танҳо сарчашмаи ифтихор, балки даъват ба идомаи анъанаи донишомӯзӣ, таҳқиқ ва навоварӣ мебошад. Маҳз тавассути омӯзиши чунин шахсиятҳо насли ҷавон метавонад дарк намояд, ки миллати дорои таърихи ғании илмӣ ва фарҳангӣ дар назди наслҳои оянда масъулияти бузург дорад. Ин масъулият, пеш аз ҳама, дар идомаи роҳи маърифат, рушди илму технология ва саҳмгузорӣ дар пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ зоҳир мегардад.

Бузургии Ибни Сино маҳз дар он ифода меёбад, ки осори ӯ аз доираи як сарзамин ва як муҳити фарҳангӣ фаротар рафта, ба мероси арзишманди тамаддуни башарӣ табдил ёфтааст. Муаррифии ӯ ҳамчун фарзанди барҷастаи миллати тоҷик ва ҳамзамон донишманди ҷаҳонӣ маънои ҳифзи решаҳои миллӣ дар баробари эҳтиром ба дастовардҳои умумибашариро дорад. Ин ду ҷанба на танҳо ба ҳам мухолиф нестанд, балки якдигарро тақвият мебахшанд.

Дар ин раванд, осори Ибни Сино метавонад барои ташаккули ҷаҳонбинии мусоидат намояд, ки дар он дониш аз ахлоқ ҷудо набуда, пешрафти фардӣ бо масъулият дар назди ҷомеа пайванди устувор дорад. Агар хоҳем, ки ҷавонон ба мероси миллӣ эҳтиром дошта бошанд, бояд ба онҳо на танҳо дар бораи гузашта нақл кунем, балки барои омӯзиш, таҳқиқ, эҷод ва татбиқи дониш дар зиндагии имрӯз имкониятҳои воқеӣ фароҳам оварем.

Танҳо дар чунин сурат номи бузургони миллат аз саҳифаҳои таърих ба зиндагии воқеии ҷомеа ворид гардида, ба неруи созандаи пешрафту тараққиёт табдил меёбад. Зеро эҳтироми ҳақиқӣ ба шахсиятҳои бузург на танҳо дар бузургдошти ном ва осори онҳо, балки дар идомаи роҳи маърифатии эшон зоҳир мегардад.

Абуалӣ ибни Сино бо осори пурғановати худ ба ҷаҳониён нишон дод, ки ақли инсон метавонад аз маҳдудиятҳои замон фаротар равад, дониш сарҳадҳои ҷуғрофиро убур кунад ва андешаи созанда ҳатто баъди садсолаҳо низ ба ҷомеа таъсири амиқ расонад. Маҳз ҳамин паём арзиши умумибашарии мероси ӯро муайян менамояд.

Таваҷҷуҳи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бузургдошти Сино, муаррифии мероси илмӣ ва фалсафии ӯ, инчунин таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб аз ҷумлаи иқдомҳое мебошанд, ки барои идомаи омӯзиши осори ин мутафаккири бузург ва баланд бардоштани мақоми ӯ дар фазои илмӣ ва фарҳангии ҷаҳонӣ замина фароҳам меоранд.

Дар маҷмӯъ, мероси Ибни Сино бояд на танҳо ҳамчун дастоварди бузурги гузашта, балки ҳамчун сармояи маънавӣ ва зеҳнии имрӯз ва фардои миллат арзёбӣ гардад. Зеро миллате, ки анъанаҳои маърифатии фарзонафарзандони худро идома медиҳад, метавонад гузаштаи пурифтихори хешро ба неруи созандаи оянда табдил диҳад.

Паёми муҳимтарини Пири ҳакимони Машриқзамин - Абуалӣ ибни Сино ба наслҳои имрӯзу оянда низ ҳамин аст: дониш биомӯзед, ҳақиқатро биҷӯед, тафаккури худро сайқал диҳед, шахсияти хешро такмил диҳед ва бо хираду дониши худ дар пешрафти ҷомеа ва беҳбудии зиндагии инсонҳо саҳм гузоред.

Абдулло ДАВЛАТЗОДА,
омӯзгори ДДМИТ

№ 8 (241) 30.10.26
Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
7

ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ҲОМИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ



Дар ҳамаи давру замон соҳибони забон барои покизагии он талош варзидаанд, ки беҳуда нест, зеро ҳастиву бақои ҳар як халқу миллат аз ҳастии забони модарӣ сарчашма мегирад. Дар пойдории забон пешвоёну шахсиятҳои таърихӣ нақши муассир гузоштаанд. Маҳз сиёсати оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкони қудратмандии забони тоҷикиро баъд аз ҳазор соли нерумандӣ фароҳам овард.

Дар масири таърих душманону бадхоҳон барои аз байн рафтани ин забон толошҳои зиёд кардаанд. Пӯшида нест, ки баъди истилои арабҳо доираҳои фарҳангии ин забон танг гардида, шахсиятҳои маъруфу донишманди он ба қатл маҳкум мешуданд. Дар он даврон хатари аз байн рафтани ин забон амали воқеӣ ба шумор мерафт. Ин нуктаро Сарвари давлат ҳуб арзёбӣ намудаанд: «Дар замони истилои араб тозиён басо кӯшиданд, ки забони дариро аз байн бубаранд... Онҳо хона ба хона, деҳа ба деҳа, шаҳр ба шаҳр гашта тоҷикони бомаърифатро сар буриданд ва бо зарби шамшер Кеши Моро саркӯб карда, оини худро ҷорӣ намуданд. Осори хатти сосонӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, дарӣ ва суғдиро оташ зада, хирадмандони тоҷикро қатли ом ва оовараву саргардони мулкҳои бегона карданд. Умуман, аз беху бун нест кардани фарҳанги як миллат, бахусус забони вай хоси ҷаҳолати истилогарон аст».

Баъди барҳам хӯрдани давлати абаркудрати тоҷикон - сулолаи Сомониён забони тоҷикӣ садсолаҳои дигар барои ачнабиён ба сифати забони коргузорӣ хидамат намуда бошад ҳам, қудрату неруи он афзун ба назар намерасад. Маҳз баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон азиз, баъд аз ҳазор соли дигар бахт ба рӯйи ин миллати куҳантаърих боз хандид. Забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифт, эътибор ба он зиёда гашта, дар тамоми муассисаҳои давлатӣ коргузорӣ бо ин забон сурат гирифт. Ин сарфарозии мардуми мо ба корнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бастагӣ дорад. Сарвари кишвар мақоми забонро воло ҳисобида, бузургдошти онро дар ҳамаи ҷорабиниву воҳӯриҳо бо ҷавонон таъкид менамоянд. Дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 15-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли бузургдошти тамаддуни орӣ 8 сентябри соли 2006 Президенти кишвар қайд намуданд, ки «Истиқлолият бо забон робитаи бевосита дорад. Инкишофу рушди забон нишондиҳандаи пешрафт ва комёбиҳои миллат ва давлат аст. Забони тоҷикӣ, ки аз шевотарин, ғанитарин ва қадимтарин забонҳост, моро на танҳо бо кишварҳои ҳамзабон ва ҳамфарҳанг мепайвандад, балки оинаи таърих ва давлатдории мо мебошад».

Шоири тоҷик Бозор Собир хуб гуфта, ки «Дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон сарҳади тоҷик забони тоҷик аст». Воқеан, тоҷикон дар тамоми манотиқи дунё умр ба сар мебаранд. Форсизабони дунёро зиёда аз 120 миллион меҳисобанд ва бо забони тоҷикӣ дар Узбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Афғонистону Эрон, шимоли Ҳиндустон, Туркия, Покистон, Курдистон, Кошғари Хитой ва Қафқоз мардумон ҳарф мезананд. Имрӯзҳо ҳамаи тоҷикони дунёро Тоҷикистони азиз ба ҳам оварда, дар ин макони муқаддас фарҳангу илми тоҷикон рушд мекунад. Сухани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раҳнамову муттаҳидсозандаи тамоми тоҷикони дунёст: «Тоҷикистон хонаи умеди тамоми тоҷикони ҷаҳон мебошад». Сиёсати хирадмандонаи Сарвари кишвар дар бахши забон барои рушду такомули забони модарӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Забони тоҷикӣ бо гузашти вақт ба сифати забони коргузорӣ нерумманд мегардад. Дар ҷаҳони муосир ва раванди ҷаҳонишавӣ хатари азиме ба забонҳои камнуфус таҳдид менамояд. Маҳз арҷгузории мо ва ифтихор аз забону миллат аз байн рафтани забонро лағв месозад. Ин нуктаро Сарвари давлат чунин баён намудаанд: «Умри миллат ба умри забон вобаста аст. Барои он ки номи миллат аз саҳифаи таърихи башарӣ нобуд нашавад, бояд чароғи раҳнамои худшиносию худафрӯзиаш - забонро ҳифз кунад ва онро ҳамчун волотарин мерос ба наслҳои оянда расонад».

Баъди қабули Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.07.1989 с.) масъалаи таълиму омӯзиши забони тоҷикӣ дар тамоми факултаҳои ғайрифилологии муассисаҳои олии ҷумҳурӣ ба тавр ичиддӣ ба роҳ монда шуд, ки ин иқдоми накӯ имкони дар сатҳи коргузорӣ омӯхтани забони давлатиро барои ҷавонон фарохам меоварад. Ҳамаи илмҳо бо забон шакл мегиранд ва исбот гаштааст, ки шахси забондону миллатдӯст дар омӯзиши ҳамаи илмҳо комёб мегардад. Таъриху фарҳанг ва забон имрӯзу ояндаи моро бозгӯӣ менамоянд, арҷгузориву омӯзиши дақиқи ин илмҳо ҳамагонро шарт ва зарур аст. Мутаассифона, имрӯзҳо низ баъзе аз ашхоси нотавонбин моҳияти ин масъаларо ба дурустӣ дарк нанамудаанд. Дар ин маврид месазад, ки гуфтаи Сарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро шиори худ қарор диҳем: «Ифтихори ватандӯстӣ аз донистани таъриху забон ва фарҳанги ватан сарчашма мегирад. Лафзи модарӣ муқаддас аст, онро азизу гиромӣ бояд дошт».

Забони тоҷикӣ имрӯз дар низоми сиёсию иҷтимоии мамлакат ба ҳайси забони расмии давлатӣ дар коргузорӣ, гузаронидани ҳама гуна ҷаласаю чорабиниҳои фарҳангӣ, таълиму тарбия, матбуот ва ғайра мавқеи махсус касб кардааст. Дар баробари ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳсос карданд, ки мавқеи забони тоҷикӣ дар таълифи корҳои илмию тадқиқотӣ ва ҳимояи рисолаҳои илмӣ то андозае суст аст ва ба хулосае омаданд, забоне ки дар тули зиёда аз ҳазор сол забони илму адаб буд, барои чӣ наметавонад имрӯз худро ба ҳайси забони илм муаррифӣ кунад? Бинобар ин, бо ибтикори Президенти кишвар соли 2015 Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) таъсис ёфт, ки ин аз ҳалимию мехрубонии Сарвари кишвар нисбат ба аҳли илм, махсусан муҳаққиқони ҷавон дарак медиҳад. Ин иқдоми неки Президенти муҳтарам диққати аҳли илму таҳқиқро ба худ ҷалб намуд, зеро эшон таъкид намуда буданд, ки “аспирантҳо, докторантҳо ва унвонҷӯён минбаъд дар дохили кишвар рисолаҳои илмӣ дифоъ намоянд” ва ҳадафи асосии Сарвари кишвар аз таъсиси ин ниҳод дифои рисолаҳои илмӣ бо забони тоҷикӣ буд.

Қудратмандии забон дар арсаи байналхалқӣ аён мегардад. Суханронии Президенти Тоҷикистон бо забони тоҷикӣ аз минбари Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкориҳои Аврупо, мамолики араб ва ғайра ҳамагонро хушнуд месозад. Мардуми дунё ба лафзи шевову ширини тоҷикӣ гӯш медиҳанд, воқеан забони мо ширину дилкашу гӯшнавоз аст.

Имрӯзҳо дар давлати соҳибистиқлоли мо барои дар сатҳи зарурӣ омӯхтани забони давлатӣ ва коргузорӣ бо ин забон ҳамаи имконият фароҳам оварда шудааст, ки ин аз ғамхории бевоситаи ҳукумат далолат медиҳад. Ҳамасола дар Тоҷикистон қарору қонуне ба тасвиб мерасад, ки он ба худшиносии мардуми мо такони чиддие мебахшад. Аз ҷумлаи онҳо, 26 июли соли 2007, таҳти №91 фармони Президенти мамлакат “Дар бораи Соли забони тоҷикӣ эълон кардани соли 2008” ба имзо расид, ки дар асоси он қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 сентябри соли 2007, таҳти №426 «Дар бораи омодагӣ ва баргузории Соли забони тоҷикӣ» ба тасвиб расид. Маҳз ин иқдоми начиб бори дигар ҳамагонро ҳушдор сохт, ки забони тоҷикӣ аз ҷониби давлату ҳукумат бо сарварии Пешвои миллат пуштибонӣ меёбад, рушди забони тоҷикӣ мадди назари давлату ҳукумат мебошад.

Дар низоми забонӣ вобаста ба авзои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодиву фарҳангӣ тағйирот ба амал меояд. Забонҳои абаркудрату куҳантаърихи олам зинаҳои инкишофи забонро батадриҷ тай намудаанд ва мувофиқати шакли хаттиву шифоӣ, гуфтори адабӣ ва маҳаллӣ дар ин забонҳои инкишофёфта ба таври назаррас мувофиқа дорад. Забони куҳантаърихи тоҷикӣ низ тули ҳазорсолаҳо дар доираҳои бузурги фарҳангӣ ташаккул ёфтааст, вале метавон гуфт, ки сатҳи забондонии мардуми мо ба талаботи одитарин ҷавобгӯй нест. Намояндагони маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон бо гуфтори маҳаллии хеш (лаҳҷаҳо) дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ҳарф мезананд, бо ин амали худ ифтихор ҳам доранд. Бояд қайд намуд, ки ин иқдоми номатлуб боиси заъф дидани забони адабӣ гашта, маҳз аз ҳамин камбудии мо (маҳалбозӣ) душманони фарҳангу забони тоҷикӣ истифода намудаанд. Президенти кишвар дар ҳамаи баромадҳои худ моро ба ҳушёрии сиёсӣ даъват менамоянд ва гуфта эшон ҳақиқати ҳол аст: «Дар чунин шароит агар мо забонамонро азизу гиромӣ надорем ва ҳимоя накунем, имкон дорад, ки он пас аз муддати на чандон тулонӣ ба як забони доираи истифодааш маҳдуд ва ҳатто забони хонагӣ мубаддал гардад».

Воқеан, баъд аз ҳазор соли пошхӯрии давлати аввалини миллии тоҷикон Сомониён ба бахту иқболи мардуми тоҷик дар харитаи дунё давлате бо номи мубораку накуву муқаддас - Тоҷикистон арзи ҳастӣ кард. Ин кишвари таърихӣ дар ҳар саҳифаи хотироти худ абармардони ватандӯсту чонфидо дошт, ки дар саҳфаи таърихи башарӣ номи эшон бо хатҳои заррин сабт гаштааст. Оғози сарнавишти Тоҷикистони соҳибистиқлол ба корнамоиву чонфидоии фарзанди барӯмандаш, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайванди ногусастанӣ дорад. Фарҳангу забону таърихи миллати мо тули ҳазор соли гузашта ин қадар ҳифзу дифоъ нагашта буд, ки бо шарофати хирадпешагиву адолатпарварии саркори он дар даврони истиқлолият ҳифз шудааст. Воқеан, иқдоми Пешвои миллат барои рушду такомули забони куҳантаърихи тоҷик заминаи мусоид фароҳам овард, ки аз самари он ояндагон бо некӣ ёд хоҳанд кард.

Манзура ҲАСАНОВА,
мудири кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ



АКСИЯ БАХШИДА БА РӮЗИ ОМӮЗГОР

Бо ибтикори факултети иқтисод ва идоракунии давлатии ДДМИТ бахшида ба Рӯзи омӯзгор 2-юми октябри соли равон аксияи тарғиботӣ миёни устодони донишгоҳ доир гардид. Ба кулли омӯзгорони факултет ва устодони донишгоҳ чун нишонаи эҳтиром гулу табрикотҳо супорида шуданд.

Ҳамин тавр, ба муносибати Рӯзи омӯзгор садорати факултет самимитарин муборакбодиҳои худро ба аҳли таълиму тарбия расонида, ба онҳо саломатии бардавом ва комёбиҳои беназир дар роҳи омодасозии кадрҳои пешрафтаи мамлакат таманно кард.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд: “Ҷомеае, ки ба аҳли маориф, ба устод-омӯзгор, зиёӣ эҳтиром намегузорад, ба пешрафт муваффақ шуда наметавонад”.

Мақсади асосии баргузории аксия эҳтиром гузоштан ба шахсияти омӯзгор мебошад, зеро омӯзгор чароғи маърифат ва меъмори ояндаи миллат аст.

Факултети иқтисод ва идоракунии давлатӣ дар назар дорад, ки минбаъд низ чунин тадбирҳоро роҳандозӣ намуда, дар рушду нумуи маънавӣ ва фарҳангии донишгоҳ саҳми босазо гузорад.

Тағоймурод ЭШЗОДА

ЭҶОДКОРӢ ВА ОМӮЗИШ



Ман 2 сентябри соли 2008 дар ноҳияи Шаҳритус, дар оилаи омӯзгор ба дунё омада, 1 сентябри соли 2014 қадами нахустини худро ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8 гузоштам. Пас аз хатми маълумоти нопурраи мактаби миёна, соли 2023 тавассути имтиҳон ба Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат» дар ноҳияи Данғара дохил шуда, соли 2025 онро бомуваффақият хатм намудам.

Соли 2025 тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, айни замон донишҷӯи курси дуюми ин донишгоҳ мебошам.

Аз хурдӣ ба мутолиаи китоб шавқу рағбати зиёд доштам. Китобхонӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, маърифати маънавӣ ва рушди қобилияти эҷодии ман нақши муҳим бозидааст. Ҳамзамон, ҳисси баланди эҷодкорӣ аз даврони кӯдакӣ дар вучуди ман ташаккул ёфта, маро ба омӯзишу мутолиаи бештар ҳидоят кардааст.

Бо муҳаббат ба китоб ва адабиёт дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» аз рӯйи номинатсияи «Адабиёти муосири тоҷик» иштирок намуда, дар даври ноҳиявӣ ва даврҳои минбаъдаи озмун ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидам. Иштирок дар чунин озмунҳо барои ман василаи хуби такмили дониш, ҷаҳонбинӣ ва маҳорати эҷодӣ мебошад.

Тасмим гирифтаам, ки дар оянда ба мутолиаи китоб ва омӯзиши пайваста аҳамияти бештар дода, дониш ва ҷаҳонбинии худро такмил диҳам. Ҳадафи ман ин аст, ки бо истифода аз дониш, меҳнат, истеъдод ва кӯшишҳои пайваста ба шахси муваффақ ва барои ҷомеа муфид табдил ёбам ва ҳамеша барои баланд бардоштани обрӯву нуфузи Ватани азизам - Тоҷикистон саҳми арзандаи худро гузорам.

ПЕШВОИ МО

Шиори мост дар олам каломи Пешвои мо,
Каломи пурсафову раҳнамову роҳкушои мо,
Ба озодӣ барад моро зи покӣ ҷониби хуршед,
Зи иқболаш шарафмандем, ба дида чун зиёи мо,
Ба миллат роҳнамоӣ кард, ба азмаш дилкушоӣ кард,
Намуд обод кишварро, ба хирад шуд давои мо.
Шиносонид ба илмаш ӯ ҷаҳонро аз накӯкорӣ,
Ташаббусаш ҷаҳонгир шуд, зиҳӣ, эй кадхудои мо,
Шуҷоат дар сиришти ӯ, зи ваҳдат сарнавишти ӯ,
Ба истиқлол оламгир, тавонаш муттакои мо.
Ба зоти қудсияш фахрем, зи ҳар кораш фараҳмандем,
Ба минбарҳо ташаббускор, садои мо, нидои мо.

Сокина ПИРОВА,
донишҷӯи курси 2 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ

СИФАТИ ТАЪЛИМ ВА ТАФАККУРИ СТРАТЕГӢ

Суҳбати ихтисосии сардори шуъбаи иттилоот ва нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Муҳаммадалӣ Очилдиев бо муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Мирсаидзода Саидакмал Аврор дар ҳошияи таҷлили 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии донишгоҳ



Истиқлоли давлатӣ барои Тоҷикистон заминаи ташаккули низоми маорифи миллӣ, омода кардани мутахассисони соҳибкасб ва рушди неруи зеҳнии ҷомеаро фароҳам овард. Дар шароити муосир, ки рақобати иқтисодӣ, пешрафти технология ва талаботи бозори меҳнат босуръат тағйир меёбанд, сифати таълим ба яке аз омилҳои калидии рушди устувори давлат табдил ёфтааст.

Тибқи маълумоти оморӣ, соли 2025 ҳаҷми маблағгузории соҳаи маориф аз 10,9 миллиард сомонӣ гузашта, нисбат ба соли қаблӣ 32,5 дарсад афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда аз таваҷҷуҳи давлат ба рушди соҳа шаҳодат медиҳад. Аммо муҳим он аст, ки захираҳои чудошуда то чӣ андоза ба беҳтар гардидани муҳити таълим, баланд шудани сатҳи дониши донишҷӯён ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замон мусоидат мекунанд.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки соли 1996 ҳамчун Донишкадаи андоз ва хуқуқ таъсис ёфта, соли 2018 мақоми донишгоҳро соҳиб гардид, дар омода кардани кадрҳои соҳаи молия, иқтисод, бонкдорӣ, андоз ва идоракунӣ саҳми муайян дорад. Имсол аз таъсиси муассиса 30 сол пур мешавад. Ин сана на танҳо фурсатест барои арзёбии роҳи тайшуда, балки имкони бознигарии вазифаҳо ва ҳадафҳои оянда низ ҳаст.

Дар мусоҳиба бо муовини якуми ректор оид ба таълим Мирсаидзода Саидакмал Аврор масъалаҳои сифати таҳсилот, омодасозии кадрҳои рақобатпазир, рақамикунонии раванди таълим, робитаи донишгоҳ бо бозори меҳнат ва дурнамои рушди соҳибкории истеҳсолӣ баррасӣ мешаванд.

- Муҳтарам Мирсаидзода Саидакмал, 35 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии донишгоҳ аз рӯйдодҳои муҳими таърихи мусосири кишвар ва муассиса мебошанд. Ба назари Шумо, истиқлолият барои рушди илму маориф ва махсусан таҳсилоти иқтисодӣ чӣ имкониятҳо фароҳам овард?

- Истиқлоли давлатӣ барои мардуми Тоҷикистон имкони мустақилона муайян кардани самтҳои рушди кишвар, аз ҷумла сиёсати маориф ва омодасозии кадрҳои миллӣ шароит фароҳам овард. Давлати соҳибистиқлол ба мутахассисоне ниёз дошт, ки на танҳо донишҳои назариявӣ дошта бошанд, балки тавонанд низоми иқтисодӣ, молиявӣ ва идоракунии давлатро дар шароити нав пеш баранд. Маҳз чунин талабот зарурати таъсиси муассисаҳои махсусгардонидашудаи таҳсилоти олиро ба миён овард. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ дар ҳамин замина ташаккул ёфт. Дар тули фаъолияти худ муассиса барои омода намудани кадрҳои соҳаҳои молия, андоз, бонкдорӣ, баҳисобгирӣ, иқтисод ва идоракунӣ замина фароҳам овардааст.

Ба назари ман, истиқлол танҳо имкони интихоби роҳи мустақили рушд нест. Он ҳамзамон масъулияти баландро барои ташаккули ҷомеаи босавод, иқтисоди рақобатпазир ва низоми идоракунии самаранок тақозо мекунад. Аз ин рӯ, вазифаи донишгоҳ танҳо додани диплом нест. Мо бояд мутахассисоне омода намоем, ки донишро ба амал татбиқ карда, дар ҳалли масъалаҳои воқеии ҷомеа саҳм гузоранд.

- Таври аён, ҳамасола Ҳукумати мамлакат маблағгузорӣ ба маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятнок ба сифати яке аз соҳаҳои муҳим афзоиш медиҳад. Аммо чӣ бояд кард, то ин маблағгузорӣ ба беҳтар шудани сифати таълим, рушди сармояи инсонӣ ва омодагии воқеии хатмкунандагон ба фаъолияти касбӣ табдил ёбад?

- Маблағгузорӣ яке аз шартҳои муҳими рушди маориф аст, аммо натиҷаи он, пеш аз ҳама, аз самаранок истифода шудани захираҳо вобаста мебошад. Агар маблағҳо ба таҳкими заминаи моддию техникӣ, муҷаҳҳаз гардондани синфхонаҳо, дастрасӣ ба адабиёти муосири таълимиву илмӣ, рушди захираҳои рақамӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон равона шаванд, таъсири онҳо ба сифати таълим бештар мегардад. Дар баробари ин, таҷдиди барномаҳои таълимӣ, густариши таҷрибаомӯзӣ ва тақвияти робита бо корфармоён низ аҳаммияти калон доранд. Донишҷӯ бояд на танҳо маълумотро аз худ кунад, балки истифодаи онро дар вазъияти воқеии касбӣ омӯзад.

Ман чунин мепиндорам, ки натиҷаи маблағгузорӣ бояд бо нишондиҳандаҳои мушаххас арзёбӣ гардида, сатҳи дониш ва малакаи хатмкунандагон, мутобиқати онҳо ба талаботи бозори меҳнат, қобилияти ҳалли масъалаҳои касбӣ ва имконияти идомаи рушди мустақилонаи онҳо ба назар гирифта шаванд. Маҳз чунин муносибат имкон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ба сармоягузорӣ ба рушди ояндаи кишвар табдил ёбад.

- Ба андешаи Шумо, кадом омилҳо сифати таълимро муайян мекунанд ва донишгоҳ барои баланд бардоштани дониш, малака ва салоҳияти донишҷӯён чӣ гуна корҳоро ба роҳ мондааст?

- Сифати таҳсилот натиҷаи таъсири якчанд омил аст. Пеш аз ҳама, сатҳи дониш, таҷриба ва маҳорати омӯзгор аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Омӯзгор бояд на танҳо донандаи хуби фанни таълимӣ, балки роҳнамои донишҷӯ дар роҳи ҷустуҷӯ, таҳлил ва мустақилона андешидан бошад.

Омили дигар мазмун ва усулҳои таълим аст. Барномаҳои таълимӣ бояд ба дастовардҳои нави илм, тағйироти иқтисодӣ ва талаботи бозори меҳнат мутобиқ бошанд. Истифодаи усулҳои фаъол, таҳлили ҳолатҳои воқеӣ, иҷрои корҳои мустақилона ва лоиҳаҳои гурӯҳӣ донишҷӯро аз шунавандаи ғайрифаъол ба иштирокчии фаъоли раванди таълим табдил медиҳад. Ҳамзамон, низоми баҳогузорӣ бояд дониш ва қобилияти амалии донишҷӯро воқеъбинона инъикос намояд. Баҳои баланд худ аз худ кафолати соҳибкасбӣ нест. Муҳим он аст, ки донишҷӯ масъалаи гузошташударо дарк кунад, далелҳоро муқоиса намояд, роҳи ҳалли муносибро интихоб кунад ва қарори худро асоснок созад. Аз ин рӯ, сифати таҳсилотро танҳо бо натиҷаи имтиҳонҳо муайян кардан дуруст нест. Онро бояд аз рӯйи дониш, малака, тафаккури таҳлилӣ, фарҳанги касбӣ ва омодагии хатмкунанда ба фаъолияти воқеӣ арзёбӣ кард.

- Барномаҳои таълимӣ бояд ба талаботи бозори меҳнат ва иқтисоди воқеӣ ҷавобгӯ бошанд. Донишгоҳ ин робитаро чӣ гуна тақвият медиҳад ва чӣ бояд кард, то барномаҳои таълимии донишгоҳ ба талаботи воқеии бозори меҳнат бештар мутобиқ гарданд?

- Барои ин ҳамкории мунтазами донишгоҳ бо муассисаҳои молиявию қарзӣ, бонкҳо, мақомоти давлатӣ, корхонаҳо ва ширкатҳо зарур аст. Бозори меҳнат доимо тағйир меёбад ва донишгоҳ наметавонад танҳо бо такя ба барномаҳои солҳои пешин мутахассис омода кунад. Масалан, донишҷӯи соҳаи молия бояд бо таҳлили ҳисоботи молиявӣ, банақшагирии буҷет ва арзёбии хавфҳои молиявӣ шинос бошад. Донишҷӯи ихтисоси баҳисобгирӣ бояд тартиб додани ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва кор бо барномаҳои соҳавиро аз худ кунад. Барои донишҷӯёни самти бонкдорӣ низ фаҳмидани равандҳои муосири хизматрасонии молиявӣ, идоракунии маълумот ва муносибат бо мизоҷон муҳим аст. Ҳамкорӣ бо корфармоён метавонад дар таҳияи барномаҳо, баргузории дарсҳои амалӣ, пешниҳоди масъалаҳои воқеии истеҳсолӣ ва арзёбии натиҷаи таҷрибаомӯзӣ зоҳир гардад. Чунин робита ба донишгоҳ имкон медиҳад, ки тағйироти бозори меҳнатро сари вақт пайгирӣ кунад. Дар баробари ин, мо бояд донишҷӯёнро ба омӯзиши пайваста омода созем. Дар ҷаҳони имрӯз донишҳое, ки инсон дар донишгоҳ мегирад, барои тамоми умр басанда нестанд. Мутахассиси муваффақ касест, ки қобилияти аз худ кардани донишҳои нав ва мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаро дорад.

- Рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ бисёр соҳаҳои иқтисодро тағйир медиҳанд. Донишгоҳ чӣ гуна бояд мутахассисонро ба ин воқеияти нав омода созад?

- Технологияҳои рақамӣ имкониятҳои нави омӯзиш, таҳқиқ ва дастрасӣ ба иттилоотро фароҳам меоранд. Имрӯз донишҷӯ метавонад аз китобхонаҳои электронӣ, пойгоҳҳои илмӣ, платформаҳои таълимӣ ва воситаҳои таҳлилӣ маълумот истифода барад. Ин имкониятҳо раванди азхудкунии донишро самараноктар мегардонанд. Аммо истифодаи технология худ аз худ сифати таълимро баланд намекунад. Муҳим он аст, ки донишҷӯ ва омӯзгор тавонанд аз ин воситаҳо мақсаднок истифода баранд. Саводнокии рақамӣ танҳо донистани тарзи кор бо компютер нест; он ҳамчунин ҷустуҷӯ ва санҷиши маълумот, таҳлили додаҳо, риояи амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти шахсиро дар бар мегирад.

Зеҳни сунъӣ низ имкониятҳои зиёд дорад. Он метавонад барои ҷамъбасти маълумот, муқоисаи дидгоҳҳо, омодасозии маводи ёрирасон ва таҳлили ибтидоӣ истифода шавад. Вале натиҷаи пешниҳодкардаи он на ҳамеша дақиқ аст. Аз ин рӯ, донишҷӯ бояд маълумоти гирифтаашро санҷад, ба манбаъҳои боэътимод такя кунад ва хулосаи мустақил барорад.

Мо бояд аз он канора гирем, ки технология ҷойгузини тафаккури инсон гардад. Баръакс, он бояд имконияти андешидан, эҷод кардан ва ҳалли масъалаҳои мураккабро васеъ намояд. Дар баробари малакаҳои техникӣ, тафаккури интиқодӣ, масъулияти касбӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ низ аҳаммияти бештар пайдо мекунанд.

- Дар раванди ташаккули донишгоҳи рақамӣ кадом масъалаҳо бояд дар мадди аввал бошанд?

- Донишгоҳи рақамӣ танҳо муассисае нест, ки дар он компютер ва интернет истифода мешаванд. Ин модели ташкили таълими рақамӣ, идоракунӣ ва хизматрасониҳоест, ки технология дар он ба беҳтар шудани дастрасӣ, суръати кор ва сифати қабули қарорҳо мусоидат мекунад.

Барои расидан ба чунин ҳадаф чанд самт муҳим аст: рушди инфрасохтори рақамӣ, дастрасии устувор ба захираҳои электронӣ, такмили низоми идоракунии раванди таълим, баланд бардоштани саводнокии рақамии омӯзгорону донишҷӯён ва таъмини амнияти иттилоотӣ. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки рақамикунонӣ восита аст, на ҳадафи ниҳоӣ. Агар истифодаи платформаи электронӣ ба беҳтар шудани фаҳмиши маводи таълимӣ, дастрасии донишҷӯ ба омӯзгор ва рушди малакаҳои мустақилона мусоидат накунад, пас натиҷаи он маҳдуд мемонад.

Дар масъалаи истифодаи зеҳни сунъӣ низ мавқеи мо бояд равшан бошад: он метавонад ёрдамчии донишҷӯ ва омӯзгор бошад, аммо набояд ҷойи меҳнати зеҳнӣ, таҳқиқоти мустақил ва муаллифии шахсро гирад. Донишҷӯ на танҳо қобилияти истифодаи воситаи технологиро, инчунин, дониши худро низ бояд нишон диҳад.

- Дар шароити рушди технологияҳо чӣ гуна метавон дар донишҷӯён тафаккури таҳлилӣ, мустақилият, қобилияти ҳалли масъала ва ҳисси масъулияти касбиро ташаккул дод?

- Тафаккури таҳлилӣ ба инсон имкон медиҳад, ки иттилоотро танҳо қабул накунад, балки онро муқоиса, санҷиш ва арзёбӣ намояд. Барои мутахассиси соҳаи молия ва иқтисод ин қобилият аҳаммияти махсус дорад, зеро қарорҳои ӯ метавонанд ба фаъолияти корхона, истифодаи маблағҳо ва манфиатҳои дигарон таъсир расонанд.

Донишҷӯ бояд аз пурсидани савол, баёни андеша ва ҳимояи хулосаи худ бо далел натарсад. Дар баробари ин, ӯ бояд омода бошад, ки ҳангоми пайдо шудани далели нав назари худро бознигарӣ кунад. Ин нишонаи заъф нест, балки далели муносибати илмӣ ва касбӣ мебошад.

Мо дар раванди таълим бояд муҳите фароҳам оварем, ки донишҷӯ имкони андешидан, баҳс кардан ва ҳатто аз хатоҳои худ омӯхтанро дошта бошад. Агар ӯ танҳо чавоби тайёрро аз худ кунад, дар шароити воқеӣ метавонад душворӣ кашад. Аммо агар сабабу натиҷаро фаҳмад, роҳи ҳалли масъалаҳои навро низ меҷӯяд.

Масъулият низ аз ҳамин ҷо оғоз мешавад: донишҷӯ бояд дарк кунад, ки сифати дониши имрӯзаш ба имкониятҳои касбии фардояш таъсир мерасонад. Донишро касе ба инсон мачбуран дода наметавонад; омӯзгор роҳнамоӣ мекунад, аммо аз худ кардани он меҳнат, ирода ва муносибати ҷиддиро талаб менамояд.

- Илми донишгоҳӣ дар ҳалли масъалаҳои амалии иқтисоди миллӣ чӣ нақш дошта метавонад? Чӣ бояд кард, то натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар таълим ва фаъолияти иқтисодӣ бештар истифода шаванд?

- Вазифаи муассисаи таҳсилоти олӣ танҳо омода кардани кадрҳо нест. Донишгоҳ бояд маркази тавлиди дониш, таҳлили равандҳои иқтисодӣ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли мушкилоти воқеӣ низ бошад.

Барои муассисаи дорои самти молиявию иқтисодӣ чунин масъалаҳо, аз ҷумла самаранокии истифодаи захираҳо, идоракунии маблағҳои давлатӣ, рушди соҳибкорӣ, хизматрасониҳои рақамии молиявӣ, ҷалби сармоя ва баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ аҳаммияти хос доранд.

Таҳқиқот дар ин самтҳо бояд на танҳо ба баррасии назария маҳдуд шавад. Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти воқеӣ, омӯзиши таҷрибаи корхонаҳо, арзёбии мушкилоти соҳавӣ ва пешниҳоди тавсияҳои асосноксазаруранд. Ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, бонкҳо, ширкатҳо ва дигар сохторҳои иқтисодӣ метавонад ба татбиқи натиҷаҳои илмӣ мусоидат намояд.

Ҷалби донишҷӯён ба корҳои таҳқиқотӣ низ муҳим аст. Вақте донишҷӯ дар таҳияи таҳлил, ҷамъоварии маълумот ё омодасозии пешниҳод иштирок мекунад, ӯ на танҳо дониш меомӯзад, балки усули илмӣ андешиданро низ аз худ менамояд.

Мо бояд робитаи таълим ва илмро тақвият диҳем, то донишгоҳ ҳам мутахассиси соҳибкасб омода кунад ва ҳам дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар саҳми амалӣ гузорад.

- Бо дарназардошти ҳадафҳои стратегии давлат, аз ҷумла саноатикунонии босуръат, рушди иқтисоди рақамӣ ва такмили идоракунии давлатӣ, донишгоҳ дар омода кардани кадрҳои зарурӣ чӣ нақш дорад?

- Ҳадафҳои стратегии кишвар ба

№ 8 (241) 30.10.26
Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
9

- АСОСИ РУШДИ УСТУВОРИ ДАВЛАТ

кадрхое ниёз доранд, ки донишҳои муосир, малакаҳои амалӣ ва қобилияти таҳлил дошта бошанд. Саноатикунонӣ бе мутахассисони соҳибтачриба, идоракунии самараноки захираҳо ва истифодаи технологияҳои нав ба натиҷаи дилхоҳ намерасад. Рушди иқтисоди рақамӣ низ на танҳо инфрасохтор, балки кадрҳои дорои саводнокии рақамӣ, фаҳмиши иқтисодӣ ва қобилияти кор бо маълумотро талаб мекунад.

Барои муассисаи мо омода кардани мутахассисони соҳаи молия, баҳисобгирӣ, андоз, бонкдорӣ, идоракунӣ ва технологияҳои иттилоотӣ аҳаммияти махсус дорад. Ин кадрҳо бояд тавонанд равандҳои иқтисодиро таҳлил қунанд, қарорҳои асоснок қабул намоянд, маблағҳоро самаранок истифода баранд ва бо технологияҳои муосир кор кунанд.

Дар баробари донишу малакаҳои касбӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва дарки манфиатҳои миллӣ низ муҳиманд. Мутахассиси соҳибкасб бояд на танҳо барои пешрафти шахсӣ, балки барои рушди иқтисод ва ободии Ватан низ талош намояд. Донишу тачрибаи ӯ вақте арзиши бештар пайдо мекунад, ки ба манфиати ҷомеа хизмат кунад.

- Стратегияи рушди донишгоҳ барои солҳои 2025-2030 самтҳои муҳимро муайян мекунад. Дар марҳилаи кунунӣ барои татбиқи он, бахусус дар самти баланд бардоштани сифати таълим, навсозии барномаҳо, рушди кадрҳо ва рақамикунонӣ кадом вазифаҳо афзалият доранд?

- Стратегияи рушди донишгоҳ барои солҳои 2025-2030 ба муайян кардани самтҳои асосии пешрафти муассиса ва ҳамоҳанг сохтани фаъолияти сохторҳои он равона шудааст. Дар мехвари он баланд бардоштани сифати таълим, такмили барномаҳои таълимӣ, рушди иқтидори касбии омӯзгорон, густариши муҳити рақамӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо корфармоён ва тақвияти корҳои илмӣ қарор доранд.

Муҳим он аст, ки стратегия танҳо маҷмуи ҳадафҳои умумӣ набошад. Ҳар як самт бояд вазифаҳои мушаххас, муҳлати ичро ва нишондиҳандаҳои арзёбӣ дошта бошад. Танҳо дар ин сурат метавон муайян кард, ки чораҳои андешидашуда то кадом андоза натиҷа медиҳанд.

Масалан, дар самти сифати таълим бояд тағйироти барномаҳо, истифодаи усулҳои муосири омӯзиш ва сатҳи азхудкунии донишҷӯён ба ҷониби донишҷӯён пайгирӣ шаванд. Дар самти ҳамкорӣ бо бозори меҳнат бошад, мазмун ва натиҷаи тачрибаомӯзӣ, иштироки корфармоён дар раванди таълим ва омодагии хатмкунандагон ба фаъолияти касбӣ аҳаммият доранд.

Ҳамзамон, стратегия бояд ҳуҷҷати зинда ва роҳнамои фаъолияти ҳамарӯза бошад. Агар чорабиниҳо танҳо барои ичрои талаботи расмӣ гузаронида шаванд, натиҷаи устувор ба даст намеояд. Аз ин рӯ, арзёбии мунтазам, баррасии мушкилот ва ислоҳи саривақтии камбудиҳо муҳиманд.

- Соли 2025 барои як қатор ихтисосҳои бакалаврӣ, таҳсили фосилавӣ, магистратура ва докторантура нақшаҳои таълимии нав таҳия шудаанд. Ин тағйирот аз соли таҳсили 2026-2027 чӣ имкониятҳо фароҳам меорад?

- Аз оғози соли таҳсили 2026-2027 дар донишгоҳ мутобиқ ба талаботи замони муосир нақшаҳои таълимии равияҳои нав, аз он ҷумла, “Ҳуқуқи андозу бонкӣ”, “Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ”, “Танзими ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия”, “Зеҳни сунъӣ”, “Молшиносӣ ва муоинаи мол”, “Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат” роҳандозӣ гардиданд.

Тачдиди нақша ва барномаҳои таълимӣ бояд ба талаботи тағйирёбандаи илм, технология ва бозори меҳнат ҷавобгӯ бошад. Таҳияи нақшаҳои нав барои як қатор ихтисосҳои бакалаврӣ, таҳсили фосилавӣ, магистратура ва докторантура, ки татбиқи онҳо аз соли таҳсили 2026-2027 пешбинӣ шудааст, дар ҳамин замина аҳаммият дорад. Аммо нав кардани нақшаи таълимӣ худ аз худ натиҷаи мусбатро кафолат намедиҳад. Муҳим он аст, ки мазмуни фанҳо то чӣ андоза муосир аст, робитаи назария бо амалия чӣ гуна таъмин мешавад, усулҳои таълим ба кадом сатҳ расидаанд ва донишҷӯ дар анҷоми таҳсил чӣ салоҳиятҳоро соҳиб мегардад.

Дар таҳсили фосилавӣ масъалаи дастрасии донишҷӯ ба маводи таълимӣ, машварати омӯзгор, супоришҳои амалӣ ва арзёбии воқеии дониш аҳамияти махсус дорад. Дар зинаҳои магистратура ва докторантура бошад, рушди қобилияти таҳқиқотӣ, тафаккури мустақил ва омодасозии корҳои илмии дорои арзиши амалӣ муҳим аст.



Мо бояд ҳар як навовариро аз рӯйи натиҷа арзёбӣ кунем. Меъёри асосӣ на шумораи барномаҳои таҷдидшуда, балки бехтар гардидани сифати омодасозии мутахассисон ва мувофиқати донишҳои онҳо ба талаботи ҷомеа мебошад.

- Дар роҳи баланд бардоштани сифати таълим ва омода кардани мутахассисони рақобатпазир кадом мушкилот ҳанӯз боқӣ мондаанд ва роҳҳои ҳалли онҳоро дар чӣ мебинед?

- Ҳар як низоми таълимӣ бо масъалаҳое рӯ ба рӯ мешавад, ки ҳалли онҳо вақт, захира ва ҳамкории пайвастаро талаб мекунад. Муҳим он аст, ки мушкилот воқеъбинона муайян карда шуда, барои бартараф намудани онҳо чораҳои мушаххас андешида шаванд. Аз ҷумла, мутобиқ намудани мазмуни баъзе барномаҳо ба тағйироти босуръати иқтисодиёт, тақвияти ҷанбаи амалии таълим, рушди малакаҳои рақамӣ, густариши имкониятҳои тачрибаомӯзӣ ва таъмини дастрасии донишҷӯён ба захираҳои муосири таълимӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор доранд.

Ҳалли ин масъалаҳо танҳо вазифаи як сохтор нест. Он ҳамкории маъмурияти донишгоҳ, омӯзгорон, донишҷӯён, корфармоён ва дигар шариконии соҳавиро тақозо мекунад. Зарур аст, ки натиҷаҳои таълим пайваста таҳлил шуда, фикру пешниҳоди иштирокдорони раванди таълим ба назар гирифта шаванд. Ҳар як навоварӣ танҳо дар сурати беҳтар кардани натиҷаи таълим арзиш пайдо мекунад. Агар тағйирот ба баланд шудани дониш, рушди малакаҳои касбӣ ва беҳтар гардидани имконияти шуғли хатмкунанда мусоидат кунад, метавон онро иқдоми самаранок шумурд. Муҳимтар аз ҳама, мо бояд пайваста аз фарҳанги такомул ва ташаккули шахсияти худ сари кор гирем. Яъне камбудиро эътироф кунем, сабаби онро омӯзем ва барои ислоҳаш чора андешем. Маҳз чунин муносибат заминаи рушди устувори муассисаро фароҳам меорад.

- Бо назардошти он ки мусоҳиба дар остонаи Рӯзи соҳибкорон сурат мегирад, Шумо ҳамчун олими соҳаи иқтисод дурнамои рушди соҳибкории истеҳсолиро дар Тоҷикистон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисод, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ мебошад. Бартарии он дар он аст, ки соҳибкор танҳо хизматрасонӣ намекунад ё молро аз як ҷо ба ҷойи дигар интиқол намедиҳад, балки арзиши нав меофарад, ашёи хомро коркард мекунад ва ба бозор маҳсулоти тайёр пешниҳод менамояд.

Барои Тоҷикистон чунин самтҳо, аз ҷумла коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ, нассоҷӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ, имкониятҳои назаррас доранд. Тақвияти ин бахшҳо метавонад ба васеъ шудани истеҳсолоти миллӣ, беҳтар гардидани шуғли аҳолӣ ва кам шудани вобастагӣ аз воридоти баъзе маҳсулот мусоидат намояд.

Албатта, рушди соҳибкории истеҳсолӣ танҳо бо хоҳиши соҳибкор амалӣ намешавад. Дастрасӣ ба маблағгузорӣ, технология, мутахассисони соҳибкасб, бозори фурӯш ва идоракунии самаранок зарур аст. Ҳамчунин, истеҳсолкунанда бояд ба сифати маҳсулот, рақобатпазирӣ ва талаботи истеъмолкунанда таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кунад.

Дар ин раванд муассисаҳои таҳсилоти олӣ метавонанд саҳми муҳим гузоранд. Донишгоҳ бояд на танҳо мутахассисони соҳаи иқтисодро омода кунад, балки дар ҷавонон тафаккури соҳибкорӣ, қобилияти таҳлили бозор, банақшагирии молиявӣ ва омодагӣ ба роҳандозии фаъолияти истеҳсолиро низ инкишоф диҳад.

- Ба назари Шумо, кадом соҳаҳо дар кишвар метавонанд ба муҳаррики рушди инноватсионӣ ва соҳибкории истеҳсолӣ табдил ёбанд?

- Пеш аз ҳама, соҳаҳое, ки имконияти истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва ташкили коркарди амиқи онро доранд, сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошанд. Коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноати нассоҷӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ метавонанд барои ташкили ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши арзиши иловашуда замина фароҳам оранд. Масалан, агар маҳсулоти кишоварзӣ танҳо ҳамчун ашёи хом фурӯхта нашавад, балки дар дохили кишвар коркард ва бастабандӣ гардад, имкони таъсиси корхонаҳои нав ва ворид шудани маҳсулоти рақобатпазир ба бозор бештар мешавад. Дар саноати нассоҷӣ низ гузариш аз коркарди ибтидоӣ ба истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ метавонад арзиши иқтисодии маҳсулотро афзоиш диҳад.

Барои рушди чунин соҳаҳо сармоягузорӣ, технологияҳои муосир, кадрҳои соҳибихтисос, идоракунии босамар ва тадқиқоти талаботи бозор заруранд. Ҳамкории донишгоҳҳо бо корхонаҳо метавонад ба таҳияи роҳҳои нави истеҳсол, ҳалли масъалаҳои техникӣ ва иқтисодӣ ва омода кардани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бахши воқеии иқтисодиёт мусоидат кунад.

Дар ин раванд бояд ба инноватсия низ аҳаммият дод. Инноватсия ҳатман маънои сохтани технологияи комилан навро надорад. Баъзан истифодаи усули самараноктари истеҳсол, кам кардани харочот, беҳтар кардани сифати маҳсулот ё рақамӣ гардондани идоракунии корхона низ метавонад натиҷаи назаррас диҳад.

- Барои он ки донишгоҳ дар дурнамо ба маркази боэътимоди таълим, илм ва навоварӣ табдил ёбад, кадом вазифаҳоро бояд дар мадди аввал гузошт?

- Дар марҳилаи оянда бояд ба сифати таълим, рушди илм, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва таҳкими робитаи донишгоҳ бо бозори меҳнат таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардад. Ҳамзамон, такмили маҳорати касбии омӯзгорон, таҷдиди барномаҳои таълимӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳқиқоти илмӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

Мо бояд донишҷӯро дар маркази раванди таълим қарор диҳем. Ин маънои онро дорад, ки шароит барои рушди қобилият, фаъолияти мустақилона, иштирок дар корҳои илмӣ, тачрибаомӯзӣ ва омодагӣ ба фаъолияти касбӣ фароҳам оварда шавад. Донишҷӯ набояд танҳо қабулкунандаи дониш бошад; ӯ бояд дар ҷараёни омӯзиш ва таҳқиқот фаъолона иштирок кунад.

Ҳамкории байналмилалӣ низ метавонад ба мубодилаи тачриба ва шиносоӣ бо усулҳои пешрафтаи таълим мусоидат намояд. Вале истифодаи тачрибаи хориҷӣ бояд бо дарназардошти шароити Тоҷикистон, хусусиятҳои иқтисоди миллӣ ва талаботи бозори меҳнати дохилӣ сурат гирад.

Барои мо муҳим аст, ки донишгоҳ на танҳо аз рӯйи имкониятҳои моддию техникӣ, балки аз рӯйи сатҳи дониш, малака ва дастовардҳои хатмкунандагонаш шинохта шавад. Натиҷаи ниҳоии фаъолияти муассиса бояд дар муваффақияти касбии ҷавонон ва саҳми онҳо дар рушди кишвар тачассум ёбад.

Албатта, ичрои ин вазифаҳо кори як сохтор ё як гурӯҳи одамон нест. Он ҳамкории маъмурияти донишгоҳ, омӯзгорон, донишҷӯён, корфармоён ва дигар шарикони соҳавиро тақозо мекунад. Пешниҳодҳои иштирокдорони раванди таълим бояд омӯхта шаванд, натиҷаҳо пайваста таҳлил гарданд ва камбудиҳо сари вақт ислоҳ карда шаванд. Ҳар як навоварӣ танҳо дар сурате арзиш пайдо мекунад, ки сифати таълим ва натиҷаи воқеии фаъолияти донишгоҳро беҳтар созад.

- Дар фарҷом ба донишҷӯён ва ҷавонони кишвар чӣ гуфтанӣ доред?

- Ба ҷавонон гуфтаниям, ки аз имкониятҳои фароҳамовардаи даврони Истиқлол ҳарчи бештар истифода баранд. Ҷаҳони муосир ба касоне имконият медиҳад, ки дониш меомӯзанд, меҳнат мекунанд, аз навгониҳо намеҳаросанд ва барои такмили донишу малакаи худ пайваста талош меварзанд.

Диплом оғози роҳи касбӣ аст, на анҷоми омӯзиш. Ҳар ҷавон бояд дар баробари азхуд кардани ихтисоси интихобкардааш забонҳои хориҷӣ, технологияҳои рақамӣ ва малакаҳои таҳлилро низ омӯзад. Муҳим аст, ки донишро танҳо барои ба даст овардани баҳо ё ҳуҷҷати таҳсил истифода накунад, балки онро ба воситаи ҳалли масъалаҳо ва пешрафти ҷомеа табдил диҳад. Ҳамзамон, эҳтиром ба Истиқлоли давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, таърих, забон ва фарҳанги миллӣ бояд ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонбинии ҷавонон бошад. Ватандӯстӣ танҳо дар сухан нест; он дар донишомӯзӣ, меҳнати софдилона, муносибати масъулона ба вазифа ва саҳм гузоштан дар ободии Ватан зоҳир мешавад.

Бовар дорам, ки ҷавонони донишманд, соҳибкасб ва дорои ҷаҳонбинии васеъ метавонанд дар рушди иқтисоди миллӣ ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон саҳми арзанда гузоранд. Ба ҳамаи донишҷӯён омӯзиши пурсамар, ҷустуҷӯи пайвастаи дониш ва муваффақиятҳои нав орзу мекунам.

P/S:

Дар ҷаҳони муосир рақобатпазирии давлатҳо бештар ба сатҳи дониш, иқтидори зеҳнӣ, сифати кадрҳо ва қобилияти истифодаи технологияҳои нав вобаста аст. Аз ин рӯ, масъалаи сифати таълим танҳо вазифаи дохилии муассисаҳои таҳсилоти олӣ нест, балки ҷузъи муҳими сиёсати рушди давлат ва ояндаи ҷомеа мебошад.

Сӣ соли фаъолияти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тачрибаи муайяни ташаккул ва пешрафти муассисаро фаро мегирад. Акнун вазифаи муҳим он аст, ки ин тачриба ба заминаи рушди минбаъда табдил ёбад: барномаҳо ба талаботи замон мутобиқ гарданд, таълим бо амалия пайванд ёбад, илм ба ҳалли масъалаҳои воқеии иқтисодӣ мусоидат кунад ва технологияҳо барои баланд бардоштани сифати дониш истифода шаванд.

Дар ин роҳ саҳми омӯзгор, донишҷӯ, роҳбарияти муассиса ва корфармоён муҳим аст. Зеро ояндаи донишгоҳ танҳо бо қабули стратегия ё ҷорӣ кардани технология сохта намешавад; он аз сифати ҳар дарс, ҷиддияти ҳар таҳқиқот, масъулияти ҳар омӯзгор ва талоши ҳар донишҷӯ оғоз меёбад.

Сармоягузорӣ ба дониш сармоягузорӣ ба ояндаи миллат аст. Донишгоҳе, ки имрӯз мутахассиси соҳибкасб, соҳибандеша ва масъулиятшинос тарбия мекунад, дар бунёди иқтисоди пурқувват ва фардои устувори Тоҷикистон саҳм мегузорад.

Мусоҳиб: Муҳаммадалӣ ОЧИЛДИЕВ,
сардори шуъбаи иттилоот
ва нашрияи ДДМИТ

НАҚШИ ОМӮЗГОР ДАР РУШДИ ҶОМЕА АЗ НИГОҲИ ДОНИШҶӮЁН

Омӯзгор дар ташаккули шахсият, рушди тафаккури инсон ва пешрафти ҷомеа нақши калидӣ дорад. Маҳз бо заҳмати омӯзгор наслҳои босаводу соҳибмаърифат ба камол расида, барои рушди илму фарҳанг, иқтисод ва дигар соҳаҳои ҳаёти кишвар саҳм мегузоранд. Аз ин рӯ, эҳтиром ба омӯзгор, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ӯ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти касбиаш аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи муосир ба шумор меравад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақоми омӯзгор", ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гардид, ба танзими мақоми ҳуқуқию иҷтимоии омӯзгор, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ӯ ва мутмайян намудани кафолатҳои фаъолияти касбиаш равона шудааст. Қабули ин қонунро метавон яке аз қадамҳои муҳим дар самти эътирофи арзиши меҳнати омӯзгор ва таҳкими мавқеи ӯ дар ҷомеа арзёбӣ кард.

Дар арафаи Рӯзи омӯзгор мо тасмим гирифтем, ки бо донишҷӯёни донишгоҳ дар мавриди сиёсати маорифпарварона, нақши омӯзгор дар таълиму тарбияи насли ҷавон, роҳҳои ҷалби донишҷӯён ба илм ва аҳаммияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақоми омӯзгор" суҳбат намуда, андешаҳои онҳоро пешкаши хонандагон гардонем.

МАОРИФ САРМОЯИ БОЭЪТИМОДИ МИЛЛАТ АСТ

Ҳошимҷон Бобоев, донишҷӯи курси чоруми факултети молия ва қарз



- Сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Маориф яке аз омилҳои асосии рушди давлат ва ташаккули ҷомеаи соҳибмаърифат ба шумор меравад. Аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди илму маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ин соҳаро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор додаанд.

Ин муносибат аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди маориф сармоягузорӣ ба оянда давлату миллат мебошад. Сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва маърифати насли ҷавон ба пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар таъсири бевосита мерасонад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ барои рушди соҳаи маориф, бунёду навсозии муассисаҳои таълимӣ ва беҳтар намудани шароити таҳсил тадбирҳои гуногун амалӣ гардидаанд. Ин раванд барои фароҳам овардани имкониятҳои бештар дар роҳи донишомӯзии ҷавонон замина мегузорад.

Мо, донишҷӯён, бояд аз шароити фароҳамшуда самаранок истифода бурда, бо азхуд намудани донишҳои муосир, такмили малакаҳои касбӣ ва омӯзиши пайваста дар рушди Тоҷикистони азиз саҳм гузорем. Зеро ояндаи давлату миллат аз дониш, маърифат ва масъулиятшиносии насли ҷавон вобастагии зиёд дорад.

ШАВҚ БА ИЛМ АЗ МУҲИТ ОҒОЗ МЕЁБАД

Шукрулло Зокирзода, иҷрокунандаи вазифаи раиси Созмони ҷавонони факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодӣ



- Чӣ гуна метавон донишҷӯёнро бештар ба илм ҷалб кард?

- Дар шароити рушди босуръати илму техника ва технологияҳои муосир ҷалби насли наврасу ҷавон ба омӯзиш ва фаъолияти илмӣ аҳаммияти хосса дорад. Пешрафти ҷомеа ва рушди иқтисодию иҷтимоии ҳар як давлат, пеш аз ҳама, ба сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, тафаккури илмӣ ва қобилияти эҷодии шаҳрвандони он вобаста мебошад.

Барои бедор намудани шавқу рағбати донишҷӯён ба илм зарур аст, ки муносибати онҳо ба донишомӯзӣ тағйир ёбад. донишҷӯ бояд дарк намояд, ки илм танҳо маҷмӯи қоидаҳо, формулаҳо ва маълумоти китобӣ нест, балки роҳи шинохти олам, дарки падидаҳо, ҳалли мушкилот ва кашфи имкониятҳои нав мебошад.

Дар ин самт нақши омӯзгор хеле муҳим аст. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим, таҷрибаҳои амалӣ, озмунҳои фаннӣ, маҳфилҳои илмӣ ва лоиҳаҳои эҷодӣ метавонад шавқи донишҷӯён ба таҳқиқу омӯзиш бештар гардонад. Ҳамзамон, ҳамкории муассисаи таълимӣ бо падару модарон ва ҷомеа низ аҳаммияти калон дорад.

Бояд дар хотир дошт, ки шогирди имрӯз муҳаққиқ, ихтироъкор, омӯзгор, табиб, муҳандис ё мутахассиси фардост. Аз ин рӯ, ҳар як дарс ва ҳар як ташаббуси илмӣ метавонад барои ташаккули шахсияти эҷодкору соҳибмаърифат замина гузорад.

ОМӮЗГОР ТАЪЛИМ МЕДИҲАД ВА ШАХСИЯТ МЕСОЗАД!

Бегмаҳмадзода Гулсифат, донишҷӯи факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ

- Нақши омӯзгор дар тарбияи насли наврас аз чӣ иборат аст?

- Таълим ва тарбия ду ҷузъи ҷудонопазири фаъолияти омӯзгор мебошанд. Зеро донишҷӯён дар марҳалаи ташаккули ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва муносибат ба муҳити атроф қарор дорад. Дар ин давра дар зеҳни онҳо саволҳои зиёде дар бораи некӣ, адолат, дӯстӣ, масъулият ва мақсади зиндагӣ ба вуҷуд меоянд. Омӯзгор бо фароҳам овардани муҳити солими таълимӣ ба онҳо барои дарки арзишҳои инсонӣ ва интихоби роҳи дуруст зиндагӣ мусоидат мекунад.



Тарбияи масъулиятшиносӣ низ аз вазифаҳои муҳимми омӯзгор аст. Вақте ки ӯ аз шогирд иҷрои саривақтии вазифаҳо, омодагӣ ба дарс ва муносибати ҷиддӣ ба таҳсилро талаб мекунад, дар асл одатҳои барои зиндагии мустақилона заруриро ташаккул медиҳад.

Омӯзгори соҳибтаҷриба ба ҷойи тарсу ҳарос кӯшиш мекунад, ки дар байни худ ва шогирдон муносибати самимӣ ва эътимодро ба вуҷуд орад. Муносибати одилона, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонӣ метавонанд шавқи хонандаро ба донишомӯзӣ бештар намоянд.

Дар ин раванд ҳамкории омӯзгор бо оила низ аҳаммияти калон дорад. Вақте омӯзгор ва падару модар дар бораи пешрафт, мушкилот ва рафтори фарзандон ҳамдигарфаҳмона суҳбат мекунанд, имконияти ҳалли масъалаҳои таълимию тарбиявӣ бештар мегардад.

Омӯзгор ҳамчунин дар тарбияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба фарҳанги миллӣ ва ташаккули масъулияти иҷтимоии ҷавонон саҳми арзанда мегузорад. Ӯ ба шогирдон мефаҳмонад, ки ҳифзи табиат, тозагии муҳити зист ва муносибати эҳтиёткорона ба моликияти ҷамъиятӣ масъулияти ҳар як шаҳрванд аст.

МУТАХАССИС БОЯД ДОНИШ ВА ТАҶРИБАИ АМАЛӢ ДОШТА БОШАД

Озода Кенҷаева, донишҷӯи курси чоруми факултети иқтисод ва идоракунии давлатӣ



- Омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ, мутобиқ ба талаботи замон ва бозори меҳнат чӣ гуна бояд бошад?

- Омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замон яке аз вазифаҳои муҳимми муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад. Дар ин раванд донишҳои назариявӣ бояд бо таҷрибаи амалӣ пайванди устувор дошта бошанд. Донишҷӯён зарур аст, ки ҳанӯз аз солҳои аввали таҳсил ба таҷрибаомӯзӣ ва фаъолияти амалӣ ҷалб карда шаванд.

Таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳо ва корхонаҳои соҳавӣ ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки донишҳои назариявии худро дар амал татбиқ намуда, бо талаботи воқеии бозори меҳнат шинос шавад.

Омили дигари муҳим омӯзиши технологияҳои рақамӣ мебошад. Дар шароити иқтисоди муосир истифодаи барномаҳои соҳавӣ, таҳлили маълумот ва низомҳои электронии корӣ ба яке аз талаботи асосии фаъолияти касбӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, донишҷӯ бояд малакаҳои рақамиро пайваста такмил диҳад.

Мутахассиси замони муосир бояд таҳлилгар ва ташаббускор низ бошад. Қобилияти таҳлили вазъият, арзёбии хавфҳо, пешгӯии равандҳо ва қабули қарорҳои мустақилона аз сифатҳои муҳими касбӣ ба шумор мераванд.

Донистани забонҳои хориҷӣ низ имкон медиҳад, ки ҷавонон аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ истифода бурда, адабиёти илмиро мутолиа намоянд ва дар сатҳи байналмилалӣ фаъолият кунанд.

Дар ҳамаи ин равандҳо нақши омӯзгор муҳим аст. Ӯ роҳнамо ва ҳавасмандкунандаи донишҷӯён мебошад. Аз ин рӯ, омодасозии мутахассисони рақобатпазир ҳамкории муассисаи таълимӣ, омӯзгор, донишҷӯ ва корфарморо тақозо мекунад.

ОМӮЗГОР ЧАРОҒИ РОҲИ ЗИНДАГИСТ

Фирдавси Баҳодур, донишҷӯи курси чоруми факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ



- Омӯзгор дар ҷомеа чӣ нақш дорад?

- Вақте мафҳуми омӯзгорро ба забон меорем, пеши назар симои шахсе меояд, ки қисми зиёди ҳаёти худро ба таълиму тарбияи насли наврас бахшидааст. Агар барои бедории табиат баҳор зарур бошад, пас барои бедории зеҳн, ташаккули маърифат ва ба роҳи дуруст ҳидоят намудани инсон омӯзгор нақши бузург дорад.

Ҳеҷ кас донишманду соҳибмаърифат ба дунё намеояд. Инсон дар раванди таълиму тарбия, омӯзиш ва таҷрибаи зиндагӣ ба камол мерасад. Дар ин роҳ саҳми омӯзгор басо назаррас аст. Бузургони илму адаби тоҷик, аз ҷумла устод Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода ва Лоиқ Шералӣ бо осори гаронбаҳои худ дар таъриху фарҳанги миллат ҷойгоҳи хос доранд. Арҷгузорӣ ба илму маърифат ва шахсиятҳои донишманд ҳамеша бо эҳтиром ба омӯзгор пайванди ногусастанӣ дорад.

Омӯзгор бо дониш, таҷриба ва ахлоқи ҳамидаи худ ҷаҳонбинии шогирдонро васеъ намуда, онҳоро ба омӯзиш, эҷодкорӣ ва зиндагии мустақилона омода месозад. Ӯ аз пешрафту комёбиҳои шогирдонаш ифтихор мекунад ва онҳоро барои расидан ба ҳадафҳои созанда ҳидоят менамояд.

Эҳтироми омӯзгор бояд на танҳо дар

сухан, балки дар муносибати ҳамарӯзаи мо зоҳир гардад. Қадр кардани захмати ӯ, арҷ гузоштан ба дониш ва риояи одоби муошират нишонаи фарҳанг ва масъулиятшиносии ҳар як инсон аст.

ҚОНУН ВА МАҚОМУ КАФОЛАТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОР

Муқимҷони Файзалӣ, донишҷӯи курси сеюми факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» ба омӯзгори имрӯза чӣ медиҳад?



- Омӯзгор дар ҷомеа тарбиятгари насли оянда, ташаккулдиҳандаи ахлоқ ва худшиносии миллӣ мебошад. Омӯзгори соҳибмаърифат ва масъулиятшинос дар рушди давлату миллат саҳми муҳим мегузорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» санади муҳими ҳуқуқӣ буда, ба муайян намудани мақоми омӯзгор, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ӯ ва танзими кафолатҳои фаъолияти касбиаш равона шудааст. Қабули ин қонун барои таҳкими эҳтиром ба касби омӯзгорӣ ва фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии фаъолияти самараноки омӯзгор аҳаммият дорад.

Дар баробари ҳифзи ҳуқуқҳо, омӯзгор вазифадор аст, ки ба касби худ содиқ бошад, дониш ва малакаҳои касбиашро пайваста такмил диҳад ва усулҳои муосири таълимро истифода барад. Ин масъулият ба баланд гардидани сифати таълиму тарбия ва омодасозии мутахассисони соҳибкасб мусоидат мекунад.

Ба андешаи ман, татбиқи самараноки қонун метавонад муносибати байни омӯзгор, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаро боз ҳам мустаҳкам намуда, барои рушди соҳаи маориф заминаи мусоид фароҳам оварад.

МУАЛЛИМ РОҲИ ДУРУСТРО МЕОМӮЗОНАД!

Маҳзариддин Рачабов, донишҷӯи курси якуми факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ

- Чаро муаллимро чароғи зиндагӣ меноманд?



- Муаллим шахсест, ки ба инсон илму дониш, одобу ахлоқ ва роҳи дурусти зиндагиро меомӯзонад. Ӯ дар ҳаёти ҳар як шахс нақши муҳим дорад, зеро ҳар як инсони донишманду соҳибмаърифат



дар роҳи омӯзиш аз роҳнамоии омӯзгор бахра гирифтааст.

Муаллим бо меҳру муҳаббат ва сабру таҳаммул қалби шогирдонро аз нури дониш пур мекунад. Ҷомеаи пешрафта ба омӯзгорони донишманду соҳибтаҷриба ниёз дорад. Бе фаъолияти омӯзгор рушди илму фарҳанг, техника ва ташаккули тафаккури ҷомеа душвор мегардад.

Омӯзгори ҳақиқӣ шогирдони худро дастгирӣ намуда, ба саволҳои онҳо ҷавоб медиҳад, барои рафъи мушкилот ёрӣ мерасонад ва онҳоро ба пешрафту муваффақият ҳидоят мекунад. Ӯ мехоҳад, ки ҳар як шогирдаш шахси босавод, хушахлоқ ва масъулиятшинос ба камол расад.

Илму дониш сарвати бебаҳои инсон аст. Омӯзгор ба мо хондану навиштан, фикр кардан, мустақилона хулоса баровардан ва ҷаҳонро беҳтар шинохтанро меомӯзонад. Донише, ки инсон дар мактаб ва донишгоҳ ба даст меорад, дар тамоми умр барои ӯ роҳнамо мешавад.

P/S:

Аз андешаҳои донишҷӯён бармеояд, ки омӯзгор яке аз пояҳои асосии рушди ҷомеа мебошад. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» аҳаммияти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои омӯзгор ва фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти касбии ӯро таъкид мекунад.

Бе омӯзгор рушди илму фарҳанг, ташаккули тафаккури миллӣ ва пешрафти ҷомеа душвор аст. Маҳз омӯзгор наслеро тарбия мекунад, ки дар оянда масъулияти рушди давлату миллатро ба дӯш хоҳад гирифт. Аз ин рӯ, эҳтиром ба омӯзгор, қадр намудани заҳмати ӯ ва фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти касбиаш бояд вазифаи муштараки давлат ва ҷомеа бошад.

Дар моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» масъалаҳои дахлнопазирӣ ва ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор танзим гардидаанд. Ин муқаррарот аҳамияти эҳтиром ба шахсияти омӯзгор ва пешгирии амалҳои пастзанандаи шаъну шарафи ӯро таъкид мекунанд.

Бо вуҷуди ин, баланд бардоштани мақоми омӯзгор танҳо бо қабули қонун маҳдуд намегардад. Барои татбиқи самараноки муқаррароти он ҳамкории давлат, муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, падару модарон ва ҷомеа зарур аст. Ҳамзамон, такмили дониш, рушди малакаҳои касбӣ ва масъулиятшиносии худи омӯзгор низ аҳаммияти калон доранд.

Омӯзгоре, ки меҳнаташ қадр карда мешавад, ҳуқуқҳояш ҳифз мегарданд ва барои фаъолияти самаранок шароити муносиб дорад, метавонад неру ва имкониятҳои худро бештар ба таълиму тарбияи насли ҷавон равона созад. Ин ваванд ба баланд шудани сифати таълим, ташаккули шахсиятҳои соҳибмаърифат ва рушди устувори ҷомеа мусоидат менамояд.

Вақте омӯзгор қадр мебинад, насли ҷавон ба донишомӯзӣ бештар ҳавасманд мегардад, сифати таълиму тарбия беҳтар мешавад ва заминаи рушди миллат устувортар мегардад. Зеро ояндаи ҳар як давлат аз сатҳи дониш, маърифат ва тарбияи шаҳрвандони он вобастагӣ дорад.

Мураттиб:
Тағоймурод ЭШЗОДА

ПАРЧАМИ ТОҶИКИСТОНРО ДАРСАҲНАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ПАРАФШОН КАРД

Донишҷӯи курси чоруми факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Азизов Умедҷон Киромиддинович дар Олимпиадаи шашуми байналмилалӣ оид ба амнияти молиявӣ миёни беш аз 700 донишҷӯ аз 46 кишвари ҷаҳон сазовори ҷойи



дуюм гардид.

Олимпиада рӯзҳои 27 сентябр - 2 октябри соли 2026 дар Донишгоҳи федералии Сибир, шаҳри Красноярски Федератсияи Русия, баргузор шуда, иштирокчиён аз рӯйи самтҳои амнияти иқтисодӣ, амнияти иттилоотӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносӣ рақобат карданд.

Умедҷон бо донишҳои мустаҳкам, маҳорати таҳлилӣ ва омодагии касбӣ Тоҷикистонро дар ин сабқати бонуфуз сарбаландона муаррифӣ намуд. Ӯ парафшон гардидани Парчами давлатиро дар қатори парчамҳои кишварҳои иштирокчӣ хотирмонтарин лаҳзаи мусобиқа медонад.

Ин натиҷа идомаи силсилаи дастовардҳои ӯст. Соли 2024 ба даври ниҳоии бизнес-инкубатори Тоҷикистон роҳ ёфта, соли 2026 соҳиби Ҷоизаи Раиси шаҳри Душанбе дар соҳаи техника ва технология ва мақоми аввал миёни муассисаҳои таҳсилоти олии чумҳурӣ гардид.

Умедҷон дастгирии устодон, муҳити таълимии ДДМИТ ва имкониятҳои рушди илмиро дар ташаккули маҳорати касбиаш муҳим арзёбӣ мекунад. Ӯ ният дорад фаъолияти илмиро дар самтҳои амнияти иқтисодӣ ва технологияҳои нав идома дода, дар рушди иқтисоди рақамӣ саҳм гузорад.

ҶАЛОЛИДДИН ВОҲИДОВ - БЕҲТАРИН БАРНОМАСОЗИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВӢ

Донишҷӯи курси сеюми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҷалолиддин Воҳидов дар озмуни чумҳуриявии «Беҳтарин барномасоз» сазовори ҷойи аввал



гардида, маҳорати худро дар яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди рақамӣ собит намуд.

Ҷалолиддин 1 майи соли 2006 дар ноҳияи Ёвон ба дунё омада, баъди таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №57 ва Литсейи №1-и ноҳия ба ДДМИТ аз рӯйи ихтисоси «Технологияи иттилоотии низомҳои молиявӣ» ба тариқи ройгон дохил шудааст.

Роҳи муваффақияти ӯ аз иштироки фаъол дар олимпиадаҳои фаннӣ оғоз ёфтааст. Соли дуюми таҳсил дар озмуни чумҳуриявии “Илм - фурӯғи маърифат” аз номинатсияи технологияҳои иттилоотӣ то даври шаҳрӣ роҳ ёфт. Ғолибият дар озмуни «Беҳтарин барномасоз» бошад, натиҷаи такмили пайвастаи донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии ӯст.

Ҷалолиддин дар ин раванд саҳми омӯзгорони донишгоҳ, махсусан омӯзгори кафедраи иқтисоди рақамӣ Бахтоваршоҳӣ Асомуддин, инчунин дастгирии падару модарро муҳим медонад.

Ӯ ҳадаф дорад, ки ҳамчун мутахассиси соҳибкасб дар самти технологияҳои иттилоотӣ фаъолият намуда, дар такмили низомҳои молиявӣ ва автоматикунонии равандҳои иқтисодӣ саҳм гузорад. Дастоварди ӯ бозгӯи имкониятҳои ҷавонон дар роҳи азхудкунии технологияҳои муосир мебошад.

СЕ МАРОТИБА ҶОЙИ СЕЮМ: САҲИФАҲОИ НАВИ ДАСТОВАРДИ ДОНИШҶӮИ ДДМИТ

Донишҷӯи курси чоруми ихтисоси “Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо”-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Дилноза Ҷафарова дар зарфи якуним соли охир се маротиба дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ сазовори ҷойи сеюм гардида, маҳорати худро дар сатҳҳои гуногуни рақобати зеҳнӣ нишон дод.

Нахустин муваффақияти ӯ моҳи майи соли 2025 дар даври ниҳоии Олимпиадаи ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз фанни забони русӣ ба даст омад. Соли 2026 бошад, дар олимпиадаи «Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад», ки рӯзҳои 7-8 май дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, боз ҷойи сеюмро соҳиб шуд. Қадами сеюм 2 октябри соли 2026 дар Олимпиадаи байналмилалӣ дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода гузошта шуд.



Ҷолиби диққат аст, ки Дилноза дар риштаи иқтисодӣ таҳсил мекунад, аммо дастовардҳои пайдарпайаш аз фанни забони русӣ аз аҳамияти забондонӣ дар ташаккули мутахассиси рақобатпазир шаҳодат медиҳанд.

Ин натиҷаҳо бозгӯи мутолиаи пайваста, омодагии ҷиддӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои таълимӣ мебошанд. Дастгирии омӯзгорон ва муҳити мусоиди донишгоҳӣ низ дар рушди қобилияти ӯ нақши муҳим доранд.

Се ҷойи сеюм барои Дилноза марҳалаҳои тайшудаи роҳи донишанд, на нуқтаи ниҳоӣ. Ӯ бо тачрибаи андӯхта барои комёбиҳои нав омодагӣ мегирад. Дастоварднаш намунаи ибрат барои чавононест, ки бо меҳнат ва ирода роҳи муваффақиятро интихоб мекунанд.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ - КАЛИДИ АМНИЯТ ВА РУШДИ ИҚТИСОДӢ

Донишҷӯёни донишманду ташаббускор сармояи зеҳнӣ ва неруи пешбарандаи оян-



даи иқтисоди миллӣ мебошанд. Яке аз чунин ҷавонони фаъол Яҳё Бобоназаров, донишҷӯи курси чоруми ихтисоси «Иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ»-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аст, ки бо дастовардҳои илмӣ ва иштироки фаъолона дар озмуну олимпиадаҳо миёни ҳамсолонаш фарқ мекунад.

Ӯ соли 2025 дар Олимпиадаи чумҳуриявии «Маърифат ва амнияти молиявӣ» аз рӯйи номинатсияи «Маърифати молиявӣ» сазовори ҷойи аввал гардида, соли 2026 дар Олимпиадаи VI байналмилалии «Амнияти молиявӣ» дар шаҳри Красноярски Федератсияи Россия иштирок намуд.

Яҳё дар баробари таҳсил ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ низ таваҷҷуҳи хос дошта, масъалаҳои рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ, амнияти иқтисодӣ, захираҳои гидроэнергетикӣ ва ватандӯстии ҷавононро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ҳамчун узви фаъоли махфили илмии «Дурахши илм» ӯ пайваста барои густариши ҷаҳонбинии илмӣ ва такмили донишҳои касбӣ талош меварзад.

Ба андешаи ӯ, маърифати молиявӣ на танҳо шарти идоракунии оқилонаи захираҳои молиявӣ, балки яке аз заминаҳои таҳкими амнияти иқтисодии ҷомеа мебошад. Мавсуф муваффақиятро натиҷаи меҳнат, интизом ва омӯзиши пайваста медонад.

Роҳи интихобкардаи Яҳё Бобоназаров намунаи ибратест, ки чӣ гуна дониш, ташаббус ва мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ метавонанд дар ташаккули мутахассиси ояндадор нақши муассир гузоранд.

Муҳаммадалӣ ОЧИЛДИЕВ

ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ ВА ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ - ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

Рушди соҳибкорӣ яке аз омилҳои муҳими пешрафти иқтисоди миллӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳкими иқтидори истеҳсолии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосир фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон, ҷалби сармоя ва татбиқи сиёсати самараноки андозӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошад, ки таваҷҷуҳи доимии давлату Ҳукумати мамлакатро тақозо мекунад.

Дар ин замина, суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорону сармоягузорони мамлакат, ки 14 октябри соли 2026 дар бинои Кохи Ваҳдат баргузор гардид, масъалаҳои муҳимми рушди бахши хусусӣ, такмили низоми андозбандӣ ва таҳкими дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкориро фаро гирифт. Дар он нақши соҳибкорону сармоягузорон дар пешрафти иқтисодиёт, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, рушди инфрасохтор ва бехтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум таъкид гардидааст.

Таҳлили муҳтавои суханронӣ нишон медиҳад, ки рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб рафта, дар ин раванд ба такмили қонунгузорӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозиву гумрукӣ, содагардонии расмиёти маъмурӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон аҳаммияти махсус дода мешавад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули бахши хусусӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорӣ як қатор тадбирҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ андешидааст. Қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, такмили низоми андозбандӣ, маъмурикунонии андозбандӣ, коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ, рушди хизматрасониҳои электронӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя аз ҷумлаи иқдомҳои муҳим ва саривақтӣ дар ин самт мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» заминаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу манфиятҳои соҳибкорон ва дастгирии фаъолияти онҳоро муайян менамояд. Ин санад кафолатҳои фаъолияти озоди соҳибкорӣ, ҳифзи моликияти хусусӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди бахши хусусиро пешбинӣ мекунад.

Яке аз самтҳои муҳимми ислоҳот такмили низоми андозбандӣ мебошад. Дар ин асос, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 1 январи соли 2022 мавриди амал қарор гирифта, он бо назардошти зарурати такмили маъмурикунонии андоз, рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ таҳия шудааст. Дар доираи ислоҳоти мазкур шумораи андозҳо аз 10 ба 7 кам карда шуд, ки ҳадаф аз он содагардонии низоми андоз ва бехтар намудани шароити фаъолияти соҳибкорӣ буд.

Дар баробари ин, тадбирҳои андешидашуда барои содагардонии бақайдгирии субъектони соҳибкорӣ низ аҳамияти калон дорад. Дар робита ба ислоҳоти бахши хусусӣ, шумораи мақомотҳои бақайдгирандаи давлатии соҳибкорӣ аз чор ба як коҳиш дода шуда, муҳлати бақайдгирӣ аз 49 рӯз то 3-5 рӯз расонида шуд ва ин хизматрасонӣ ройгон пешниҳод карда мешавад.

Ин иқдомҳо нишон медиҳад, ки дастгирии соҳибкорӣ танҳо бо пешниҳоди имтиёзҳои молиявӣ маҳдуд намешаванд. Содагардонии расмиёти бақайдгирӣ, кам кардани харочоти маъмурӣ ва фароҳам овардани имконияти баробарӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ низ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Яке аз масъалаҳои асосии дар суханронии Пешвои миллат матраҳшуда истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя мебошад. Тавре зикр гардид, дар қонунгузории кишвар барои соҳибкорону сармоягузорон беш аз 240 номгӯй кафолату имтиёз, аз ҷумла зиёда аз 110 имтиёзи андозиву гумрукӣ пешниҳод намудааст.

Ин нишондиҳанда аз фароҳам овардани заминаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ барои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Имтиёзҳои андозӣ дар сурати дуруст ва мақсаднок истифода шудан метавонанд харочоти истеҳсолиро коҳиш дода, имкониятҳои молиявии соҳибкоронро барои навсозии корхонаҳо, хариди таҷҳизоти муосир, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва таъсири ҷойҳои нави корӣ бунёд намоянд.

Дар ин раванд, бахусус барои корхонаҳои истеҳсолӣ, ки ба коркарди ашёи хоми ватанӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок ва рушди содирот машғуланд, имтиёзҳои андозиву гумрукӣ аҳаммияти махсус доранд. Онҳо метавонанд барои ҷалби сармояи нав, рушди иқтидорҳои истеҳсолӣ ва тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ замина гузоранд.



Соҳибкории хурду миёна дар рушди маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат, ташаккули иқтисоди миллӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, рушдӣ хизматрасонӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои навӣ иқтисодӣ нақши муҳим дорад. Бо назардошти аҳамияти ин бахш, Ҳукумати мамлакат дар солҳои охир барои коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолияти соҳибкорон тадбирҳои дахлдор андешидааст.

Яке аз чунин тадбирҳо ҷорӣ намудани мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мебошад. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2025, таҳти № 915 «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ», ба истиснои санҷишҳои мақомоти андоз, то 1 январи соли 2027 мораторий эълон гардид. Ин иқдом ба пешгирии санҷишҳои беасосу такрорӣ, ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ва бехтар намудани шароити сармоягузорӣ равона шудааст.

Дар мулоқот бо соҳибкорону сармоягузорони мамлакат Президенти кишвар, санаи 14 октябри соли 2026 пешниҳод намуданд, ки мораторий барои субъектони соҳибкории хурду миёна боз ду соли дигар, то 1 январи соли 2029, тамдид карда шавад. Ин пешниҳод идомаи сиёсати дастгирии соҳибкорӣ буда, татбиқи он бояд бо рияои талаботҳои қонун ва ҳолатҳои истисноии пешбинишуда таъмин гардад.

Дар сиёсати дастгирии давлатии соҳибкорӣ ба фароҳам овардани имкониятҳои барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Аз ҷумла, рушди соҳибкории занон яке аз самтҳои муҳимми истифодаи неруи иқтисодии ҷомеа баҳисоб меравад. Зеро соҳибкории занон омили муҳими густариши хизматрасонӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии маҳалҳо мебошад.

Тавре аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо соҳибкорону сармоягузорони мамлакат бармеояд, дар солҳои охир фаъолияти соҳибкории занон назаррас буда, саҳми онҳо дар иқтисодиёти миллӣ тадричан афзоиш меёбад. Тибқи нишондиҳандаҳои суханронии зикршуда, шумораи соҳибкорони фаъол дар мамлакат ба 110 ҳазор нафар расида, 28 фоизи субъектҳои хоҷагидрро ташкил медиҳад. Ин рақам аз он шаҳодат медиҳад, ки занон дар баробари иҷрои вазифаҳои оилавию иҷтимоӣ дар рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва миллии кишвар низ нақши назаррас доранд.

Ҷанбаи дигари муҳими суханронӣ ин масъалаи баланд бардоштани масъулияти андозсупорандагон ва ташаккули муносибатҳои шаффоф байни давлату соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда, дар давраи аз соли 2012 то 1 январи соли 2020 ба вуҷуд омадааст ва муҳлати даъвои онҳо гузаштааст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ баррасӣ карда шавад. Дар ин ҷо сухан дар бораи қарзҳои андозии зиёда аз 20 ҳазор соҳибкор ба маблағи беш аз 120 миллион сомонӣ меравад. Татбиқи ин пешниҳод, дар сурати қабули санадҳои дахлдор ва риояи талаботи қонун, метавонад ба сабук шудани бори молиявии соҳибкорони хурд ва фароҳам овардани шароити мусоид барои идомаи фаъолият мусоидат намояд.



Яке аз самтҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ васеъ намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, коркарди ашёи хоми ватанӣ ва баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии кишвар бо маҳсулоти зарурӣ мебошад. Дар ин раванд сиёсати андозӣ метавонад нақши муассири ҳавасмандкунанда дошта бошад.

Ҳамзамон, дар суханронӣ масъалаи таҳияи санадҳои дахлдор барои ҷорӣ намудани имтиёзи андози амволи ғайриманқул нисбат ба гармхонаҳо ва сардхонаҳое, ки барои истеҳсол ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешаванд, матраҳ гардид. Чунин имтиёз метавонад таваҷҷуҳи соҳибкоронро ба бунёди гармхонаҳо, сардхонаҳо, марказҳои логистикӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бештар намояд. Дар натиҷа, имконияти нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот беҳтар гардида, талафоти маҳсулоти кишоварзӣ коҳиш меёбад ва замина барои рушди содирот васеъ мешавад.

Дар баробари имтёзҳои андозӣ, дастрасӣ ба маблағгузории дарозмуддат яке аз шартҳои муҳимми рушди соҳибкорӣ мебошад. Корхонаҳои истеҳсолӣ барои хариди таҷҳизот, навсозии иқтидорҳо, васеъ намудани истеҳсолот ва ворид намудан ба бозорҳои нав ба сармояи кофӣ ниёз доранд.

Дар суханронии Сарвари давлат масъалаи афзоиш додани ҳиссаи қарзҳои ба соҳаи истеҳсолӣ равонашуда ва фароҳам овардани шароити мусоид барои маблағгузории лоиҳаҳои иқтисодӣ таъкид гардид. Инчунин, зарурати рушди Фонди кафолати қарзҳо, истифодаи лизинг ва дигар воситаҳои муосири молиявӣ ба миён гузошта шуд.

Татбиқи чунин тадбирҳо метавонад барои соҳибкорони хурду миёна, ки на ҳамеша имконияти пешниҳоди гарави кофӣ доранд, дастрасӣ ба маблағгузориро бехтар намояд. Дар баробари ин соҳибкорон бояд баҳисобгирии молиявиро такмил дода, нақшаи тиҷоратии асоснок таҳия ва фаъолияти худро шаффоф ба роҳ монанд.

Дастгириҳои пайвастаи давлату ҳукумати мамлакат дар самти пешниҳоди имтиёзҳои андозиву гумрукӣ, маъмурикунонии андоз, содагардонии расмиёти маъмурӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ заминаи муҳими рушди соҳибкорӣ, густариши истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. Дар ҷавоб ба ин ғамхориҳо, соҳибкорон бояд масъулияти андозии худро баланд бардошта, уҳдадориҳои қонуниро софдилона иҷро намоянд ва бо истифодаи мақсадноки имтиёзҳои давлатӣ дар корхои созандагиву ободонӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум саҳми арзандаи худро гузоранд.

Амирхон БАРОТЗОДА,
мудири кафедраи аудит ва назорати молиявӣ, н.и.и., муаллими калон

№ 6 (239) 3.06.26
Молия ва иқтисод
13

НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯ: ДАР ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИИ ШАҲРВАНД



Конститутсия ҳамчун Қонуни асосии давлат дар низоми ҳуқуқии кишвар мавқеи олиро ишғол намуда, заминаҳои ҳуқуқии рушди ҷомеа, ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро фароҳам меорад. Он муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро танзим намуда, асосҳои сохтори конститутсионӣ, низоми мақомоти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, инчунин принсипҳои асосии фаъолияти давлатро муайян мекунад.

Дар шароити давлати ҳуқуқбунёд Конститутсия на танҳо санади олии ҳуқуқӣ, балки кафили асосии эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути меъёрҳои конститутсионӣ ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон муайян гардида, вазифаҳои давлат дар самти таъмини амалӣ шудани онҳо муқаррар карда мешаванд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст, дар таърихи давлатдории навини тоҷикон марҳалаи муҳим ба ҳисоб рафта, барои бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона заминаи устувори ҳуқуқӣ гузошт. Қабули ин санади олии ҳуқуқӣ қадами муҳим дар роҳи эътирофи арзишҳои умумибашарӣ, таъмини волоияти қонун ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гардид.

Яке аз принсипҳои бунёдии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ мебошад. Дар моддаи 5-уми Конститутсия чунин омадааст:

«Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Мазмуни ин модда нишон медиҳад, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар маркази сиёсати ҳуқуқии давлат қарор доранд. Давлат вазифадор аст барои эҳтиром, ҳифз ва таъмини имконияти амалишавии ҳуқуқҳои асосии ҳар як шахс шароити заруриро фароҳам оварад.

Эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ маънои онро дорад, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ, қабули қонунҳо ва татбиқи сиёсати давлатӣ бояд ба эҳтироми шаъну шарафи инсон, таъмини адолат ва ҳифзи ҳуқуқҳои қонунии шаҳрвандон равона карда шавад. Дар ин замина, Конститутсия барои пешгирии поймолшавии ҳуқуқи инсон ва барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Конститутсия дорои эътибори олии ҳуқуқӣ буда, меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Мутобиқи моддаи 10-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсия эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Ин муқаррарот барои таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аҳаммияти махсус дорад. Зеро ҳар як санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд ба талаботи Конститутсия мутобиқат дошта бошад ва татбиқи он набояд боиси поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои бо Конститутсия кафолатдодашуда гардад.

Боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи «Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд» ба масъалаҳои вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Он моддаҳои 14–47-ро дар бар гирифта, ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандро муайян менамояд.

Ба ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ҳуқуқ ба ҳаёт, дахлнопазирии шахс, ҳифзи судӣ, дахлнопазирии манзил, озодии виҷдон ва дигар ҳуқуқҳои бунёдӣ дохил мешаванд. Ҳуқуқҳои сиёсӣ имконияти иштироки шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат таъмин менамоянд. Ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошанд, барои фаъолияти меҳнатӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ, таҳсил, истифода аз дастовардҳои фарҳангӣ ва рушди ҳамаҷонибаи шахс замина мегузоранд.

Муҳимияти чунин таснифот дар он аст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон пахлуҳои гуногуни ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятиро фаро гирифта, барои зиндагии арзанда, фаъолияти озод ва иштироки фаъолона дар рушди ҷомеа шароити зарурӣ муҳайё месозанд.

Мутобиқи моддаи 14-уми Конститутсия, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохтори конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад. Ин талабот пешбинӣ шудааст, то ки маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ худсарона набошанд ва танҳо дар доираи асосҳои қонунии муқарраршуда татбиқ гарданд.

Яке аз принсипҳои муҳимми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини баробарҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мебошад. Моддаи 17-уми Конститутсия муқаррар менамояд, ки ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Дар ҳамин модда баробарҳуқуқии мардон ва занон низ муқаррар шудааст.

Эътирофи баробарҳуқуқии мардон ва занон барои таъмини иштироки баробари онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа заминаи муҳими ҳуқуқӣ мебошад. Ин принсип ба баланд бардоштани мақоми занон, фароҳам овардани имкониятҳои баробар дар соҳаи таҳсил ва меҳнат ва таҳкими адолати иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Мутобиқи моддаи 26-уми Конститутсия: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд».

Мазмуни ин меъёр нишон медиҳад, ки ҳар як шахс дар масъалаи эътиқод озод буда, метавонад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд. Ҳеҷ кас набояд мачбур карда шавад, ки эътиқоди муайянро қабул намояд ё аз эътиқоди худ даст кашад.

Ҳифзи озодии виҷдон барои таҳкими таҳаммулпазирӣ, эҳтироми ҳуқуқи дигарон ва ҳамзистии осоиштаи намояндагони гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа аҳаммияти калон дорад. Дар ин замина, эҳтироми эътиқод ва чаҳонбинии дигарон яке аз шартҳои муҳимми рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва мутамаддин ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, амалишавии самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсон танҳо бо мавҷудияти меъёрҳои конститутсионӣ маҳдуд намешавад. Барои таъмини воқеии онҳо фаъолияти босамари мақомоти давлатӣ, мустақилияти судҳо дар доираи талаботи қонун, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва дастрасии аҳолӣ ба иттилооти ҳуқуқӣ зарур мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули низоми муосири давлатдорӣ, таҳкими қонуният ва рушди муносибатҳои демократӣ заминаи устувор гузоштааст. Дар он принсипҳои асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ, муносибати байни давлат ва шахс, ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон ва кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд.

Бояд таъкид намуд, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифаи танҳо мақомоти давлатӣ нест. Ҳар як шаҳрванд низ уҳдадор аст ҳуқуқу озодиҳои дигаронро эҳтиром намояд, қонунҳоро риоя кунад ва дар таҳкими сулҳу субот, адолат ва тартиботи ҷамъиятӣ саҳм гузорад.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Қонуни асосии давлат дар эътироф, танзим ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши марказӣ дорад. Маҳз тавассути меъёрҳои он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардида, принсипҳои баробарӣ, озодии шахс, ҳифзи судӣ ва масъулияти давлат дар назди инсон муқаррар карда шудаанд.

Муқаррароти Конститутсия барои ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда, фаъолияти мақомоти давлатиро ба эҳтиром ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон равона месозанд. Эътибори олии ҳуқуқии Конститутсия ва амали мустақими меъёрҳои он кафолати муҳими волоияти қонун ва мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба арзишҳои конститутсионӣ мебошад.

Дар баробари ин, татбиқи самараноки меъёрҳои конститутсионӣ тақозо менамояд, ки мақомоти давлатӣ вазифаҳои худро бо масъулият иҷро намуда, шаҳрвандон низ аз ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои худ огоҳ бошанд. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, эҳтироми қонун ва тақвияти фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа барои таъмини ҳифзи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо санади олии ҳуқуқӣ, балки рамзи соҳибихтиёрии давлат, ваҳдати миллӣ ва заминаи устувори рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Эҳтиром ва риояи он, пеш аз ҳама, эҳтиром ба инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ ва ояндаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аст.

Фатҳулло МУМИНЗОДА,
омӯзгори ДДМИТ

ДАР ТАҲКИМ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Конститутсияро санадест, ки сохтори давлат, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва асосҳои муносибатҳои ҷамъиятиро муайян мекунад. Дар баробари масъалаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ Конститутсия ба иқтисодиёти мамлакат низ таъсири мустақим мерасонад, зеро рушди иқтисодӣ бе муҳити устувори ҳуқуқӣ, ҳифзи моликият, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ имконнопазир аст.

Ҳамчун донишҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, масъалаи мазкурро, пеш аз ҳама, аз мавқеи иқтисод меомӯзам. Ба назари инҷониб, яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодӣ мавҷудияти қоидаҳои муайян ва устувори бозӣ мебошад. Сармоягузор, соҳибкор, истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда бояд бидонанд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо чӣ гуна ҳифз мешаванд. Конститутсия барои ташаккули чунин муҳити ҳуқуқӣ замина мегузорад.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи мураккаби ташаккули давлатдории мо заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти давлат ва ҷомеаро муайян кард. Дар тӯли солҳои минбаъда рушди қонунгузории иқтисодӣ низ дар доираи ҳамин асосҳои конститутсионӣ сурат гирифт. Яке аз масъалаҳои асосии иқтисодиёт моликият мебошад. Барои фаъолияти муътадили иқтисодӣ шаҳрванд ва соҳибкор бояд ба ҳифзи моликияти худ эътимод дошта бошад. Агар натичаи меҳнат, сармоягузорӣ ё фаъолияти соҳибкорӣ боэътимод ҳифз нашавад, рушди истеҳсолот ва ҷалби сармоя душвор мегардад. Аз ин ҷиҳат, кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқ ба моликият барои ташаккули муҳити мусоиди иқтисодӣ аҳамияти калон доранд.

Омили дигари муҳим озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ мебошад. Соҳибкорӣ яке аз муҳаррикҳои рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Соҳибкори фаъол ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳад, молу хизматрасонӣ истеҳсол мекунад, андоз месупорад ва ба рушди маҳал мусоидат менамояд. Барои ин фаъолияти ӯ бояд дар доираи қонун озодона ва бо масъулияти муайян амалӣ гардад. Дар ин замина Конститутсияро метавон ҳамчун заминаи ташаккули иқтисодиёти рақобатпазир арзёбӣ кард. Рақобат соҳибкоронро водор месозад, ки сифати маҳсулот ва хизматрасониро баланд бардоранд, харочотро коҳиш диҳанд ва технологияҳои навро истифода намоянд. Аммо рақобати солим дар муҳите имконпазир аст, ки қоидаҳои ҳуқуқӣ барои иштирокдорони бозор баробар бошанд. Рушди иқтисодиёт инчунин аз суботи иҷтимоӣ вобастагии зиёд дорад. Сармоягузор, пеш аз ҳама, ба шароити сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кишвар таваҷҷуҳ мекунад. Суботи сиёсӣ ба соҳибкор имкон медиҳад, ки фаъолияти худро барои солҳои дароз ба нақша гирад. Аз ин рӯ, нақши Конститутсияро дар рушди иқтисодӣ фақат аз нуқтаи назари муқаррароти мустақими иқтисодӣ дидан дуруст намебошад. Таъмини суботи давлат ва муайян кардани асосҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ низ ба иқтисодиёт таъсири муҳим мерасонад.

Масъалаи дигаре, ки дар ҳоли ҳозир аҳамияти бештар пайдо кардааст, рушди иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Пардохтҳои электронӣ, савдои интернетӣ, хизматрасониҳои рақамии давлатӣ ва истифодаи технологияҳои муосири молиявӣ муносибатҳои нави иқтисодиро ба вуҷуд оварда истодаанд. Барои рушди ин самт низ шароити боэътимоди ҳуқуқӣ зарур аст. Ҳар қадар технологияҳои иқтисодӣ рушд кунанд, ҳамон қадар масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ, моликият, масъулият ва амнияти муносибатҳои иқтисодӣ муҳимтар мешаванд.

Ба назари мо, яке аз нишондиҳандаҳои муҳими самаранокии низоми ҳуқуқӣ он аст, ки шаҳрванд то чӣ андоза ба ояндаи иқтисодии худ эътимод дорад. Агар соҳибкор итминон дошта бошад, ки ҳуқуқи ӯ ҳифз мешавад, барои рушди фаъолияти худ бештар маблағгузорӣ мекунад. Агар шаҳрванд ба устувории иқтисодӣ бовар дошта бошад, барои таҳсил, соҳибкорӣ ва рушди касбӣ бештар талош менамояд. Аз ин рӯ, эътимод низ як навъ сармояи муҳим барои иқтисодиёт мебошад.

Имрӯз Тоҷикистон дар роҳи рушди иқтисодӣ ва таҳкими иқтидори истеҳсолии худ қарор дорад. Дар ин раванд дар баробари захираҳои табиӣ ва имкониятҳои чуғрофии кишвар, ҳамчунин сифати идоракунӣ, сатҳи саводи иқтисодӣ, қонуният ва ҳифзи ҳуқуқ низ аҳамияти калон доранд. Конститутсия барои ҳамаи ин равандҳо заминаи умумии ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Ҳамчун мутахассиси ояндаи соҳаи молия ва иқтисод чунин мешуморам, ки омӯзиши Конститутсия ба мо ҷиҳати дарки робитаи ҳуқуқ, давлат ва иқтисодиёт имконият медиҳад. Мутахассиси хуби иқтисодӣ бояд фаҳмад, ки иқтисодиёти миллӣ дар фазои холӣ рушд намекунад, он ба қонун, сиёсати давлатӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва масъулияти шаҳрвандон такя мекунад. Дар ниҳоят, нақши Конститутсия дар таҳкими ва рушди иқтисодиёти мамлакатро метавон дар эҷоди муҳити устувори ҳуқуқӣ, ҳифзи моликият, фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти иқтисодӣ, таҳкими



масъулияти шаҳрвандӣ ва таъмини суботи давлату ҷомеа дид. Аз ҳамин ҷиҳат, Конститутсияро метавон яке аз пояҳои муҳимми ҳуқуқии пешрафти иқтисодии Тоҷикистон донист.

Рушди иқтисодиёти мамлакат дар ниҳоят ба фаъолияти инсон вобаста аст. Вақте қонун ҳифз мешавад, меҳнат қадр мегардад, соҳибкор имкони фаъолияти озодона пайдо мекунад ва шаҳрванд масъулияти худро дар назди ҷомеа дарк менамояд, заминаи иқтисодиёти устувор ва рақобатпазир фароҳам меояд. Бинобар ин, эҳтиром ва риояи Конститутсия яке аз шартҳои рушди иқтисодии давлат мебошад.

Мустафо МАЪМУРЗОДА,
донишҷӯи соли якуми факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ

ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ - ТАҲДИД БА АМНИЯТИ ҶОМЕА ВА ОЯНДАИ НАСЛИ ҶАВОН

Сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва амнияти ҷомеа аз арзишҳои муҳимтарини ҳаёти инсон ба шумор мераванд. Маҳз дар фазои орому осуда барои рушди давлат, пешрафти иқтисодиёт, тараққиёти илму маориф ва фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагии мардум заминаи устувор муҳайё мегардад. Аммо дар ҷаҳони муосир терроризм ва экстремизм аз ҷумлаи зуҳуроти хатарноке мебошанд, ки ба амнияти ҷомеа, оромии шаҳрвандон ва рушди устувори давлатҳо таҳдид мекунанд.

Терроризм ва экстремизм метавонанд ба муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳамдигарфаҳмии шаҳрвандон ва суботи ҷомеа низ таъсири манфӣ расонанд. Аз ин рӯ, пешгирии ин зуҳурот ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ, бахусус ҷавонон, яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб меравад.

Муқовимат ба терроризм ва экстремизм танҳо вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин раванд саҳми муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, падару модарон, аҳли зиё ва худи ҷавонон низ муҳим мебошад. Зеро пешгирии чунин зуҳуроти номатлуб аз баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, ташаккули тафаккури солим, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими масъулияти шаҳрвандӣ оғоз меёбад.

Терроризм яке аз шаклҳои хатарноки зӯроварӣ буда, бо истифода ё таҳдиди истифодаи амалҳои террористӣ барои расидан ба ҳадафҳои муайян алоқаманд аст. Чунин амалҳо метавонанд боиси ҳалокати инсонҳо, расонидани зарари ҷисмонӣ ва равонӣ, хароб гардидани иншоот ва халалдор шудани фаъолияти муътадили ҷомеа гарданд.

Экстремизм ё ифротгароӣ бошад, вобаста ба шакл ва хусусияти зуҳури худ метавонад дар шакли ақида, таблиғот ё фаъолияти зиддиқонунӣ, аз ҷумла даъват ба зӯроварӣ ва дигар амалҳои манъшуда намудаи қонун, ифода ёбад. Ҳарчанд терроризм ва экстремизм бо ҳам робита доранд, ин ду мафҳум як маъно надоранд. Терроризм бештар ба амалҳои



террористӣ ва таҳдиди истифодаи онҳо алоқаманд буда, экстремизм метавонад дар шаклҳои гуногуни ақидавӣ ва амалӣ зуҳур намояд. Ҳамзамон, ҳар гуна андешаи ғайримаъмулӣ, танқиди иҷтимоӣ ё фарқияти ҷаҳонбинӣ худ аз худ маънои экстремизмро надорад. Арзёбии ҳуқуқии ҳар гуна амал бояд дар асоси меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ сурат гирад.

Яке аз омилҳои нигаронкунанда дар ин самт кӯшиши ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро тавассути паҳн намудани ақидаҳои тундрав, маълумоти бардурӯғ ва истифодаи эҳсосоту ноогоҳии онҳо мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо, шахсони дорои тафаккури нокифояи интиқодӣ метавонанд зери таъсири таблиғоти ифротӣ қарор гирифта, ба амалҳои хатарнок ҷалб шаванд. Аз ин рӯ, ҷавонон бояд истифодаи дурусти шабакаҳои иҷтимоӣ, санҷидани дурустии маълумот ва муносибати интиқодӣ ба сарчашмаҳои иттилоотиро омӯзанд.

Дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ интернет ба яке аз воситаҳои муҳими омӯзиш, муошират ва табодули дониш табдил ёфтааст. Бо вуҷуди ин, истифодаи нодурусти он метавонад барои паҳншавии маълумоти бардурӯғ ва таблиғоти ифротӣ замина фароҳам оварад. Бинобар ин, ҷавонон бояд ҳангоми истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ хушёр бошанд, ба ҳар гуна маълумоти беасос бовар накунанд ва аз паҳн намудани маводи дорои хусусияти хушунатангез ё барангезандаи бадбинӣ худдорӣ намоянд.

Яке аз роҳҳои муҳими пешгирии терроризм ва экстремизм ташаккули фарҳанги сулҳ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми ҳамдигар мебошад. Ҷомеае, ки дар он арзишҳои инсондӯстӣ, адолат, муколама ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ҷойгоҳи устувор доранд, барои ҳалли осоиштаи ихтилофҳо имкониятҳои бештар пайдо мекунад. Муколамаи созанда ва эҳтироми андешаҳои гуногун барои таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва пешгирии низоъҳо мусоидат менамоянд.

Дар ин раванд нақши оила ва муассисаҳои таълимӣ махсусан муҳим аст. Падару модарон бояд ба тарбияи фарзандон, ҷаҳонбинӣ ва муҳити иҷтимоии онҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд. Омӯзгорон бошанд, тавассути таълиму тарбияи босифат, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ташаккули тафаккури интиқодии хонандагону донишҷӯён метавонанд дар пешгирии таъсири ақидаҳои ифротӣ саҳми назаррас гузоранд.

Ватандӯстии ҳақиқӣ танҳо дар сухан ифода намеёбад. Он, пеш аз ҳама, дар омӯзиши илм, аз худ намудани донишҳои муосир, иҷрои масъулияти шаҳрвандӣ, эҳтироми қонун, ҳифзи манфиатҳои қонунии ҷомеа ва саҳмгузорӣ дар ободии Ватан зоҳир мегардад. Ҷавонони ватандӯст бояд бо рафтори намунавӣ, меҳнати созанда ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ дар таҳкими сулҳу субот саҳм гузоранд.

Ҳамзамон, мубориза бо терроризм ва экстремизм набояд ба ташаккули бадбинӣ нисбат ба намояндагони миллатҳо, динҳо ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ оварда расонад. Терроризмро набояд ба ягон миллат ё дин нисбат дод. Эҳтироми гуногунандешӣ, таҳаммулпазирӣ ва риояи ҳуқуқи инсон аз ҷумлаи омилҳои муҳими пешгирии хушунат ва таҳкими ҳамбастагии ҷомеа мебошанд.

Муқовимат ба терроризм ва экстремизм муносибати ҳамаҷониба ва ҳамкории пайвастаи давлату ҷомеаро тақозо мекунад. Ин раванд бояд на танҳо чорабиниҳои ҳуқуқию амниятӣ, балки рушди маориф, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, фароҳам овардани имкониятҳои созанда барои ҷавонон ва таҳкими фарҳанги сулҳро низ дар бар гирад.

Ҳар як омӯзгор, донишҷӯ, падару модар ва шаҳрванди кишвар метавонад дар ин самт саҳми арзандаи худро гузорад. Тарбияи насли донишманд, худогоҳ, соҳибмаърифат ва масъулиятшинос яке аз заминаҳои муҳими бунёди ҷомеаи босубот ва амн мебошад. Ҷавонон бояд дарк намоянд, ки ояндаи дурахшони Ватан на бо таассубу хушунат, балки бо илму дониш, меҳнати созанда, эҳтироми қонун, ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ бунёд мегардад.

Ҳамин тариқ, ҳифзи сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ ва пешгирии терроризму экстремизм масъулияти муштараки тамоми аъзои ҷомеа мебошад. Ҳар қадар сатҳи маърифат, худшиносӣ ва масъулияти шаҳрвандии ҷавонон баланд бошад, ҳамон қадар имкониятҳои пешгирии зуҳуроти хатарнок ва таъмини ояндаи осоишта бештар мегарданд. Зеро ояндаи амну ободи Ватан аз андешаи солим, дониш, фарҳанги баланд ва амалҳои созандаи имрӯзаи ҳар яки мо оғоз меёбад.

Гулпарӣ ҲУСЕЙНОВА,
мудири кафедраи забонҳои хориҷии ДДМИТ

ХАТАР БА СУЛҲУ СУБОТИ САЙЁРА



Дар ҷаҳони муосир терроризм ва экстремизм аз ҷумлаи зуҳуроти хатарнок ба ҳисоб рафта, ба амнияти давлатҳо, оромии ҷомеа ва ҳаёти осоиштаи инсонҳо таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунанд. Ин ду мафҳум бо ҳам робитаи муайян дошта, дар баъзе ҳолатҳо ғояҳои ифротӣ метавонанд заминаи ба амал омадани ҳаракатҳои зӯроварона гарданд. Истилоҳи «терроризм» аз калимаи лотинии «terror» гирифта шуда, маънои тарс ва ваҳмро ифода мекунад. Ҳадафи гурӯҳҳои террористӣ тавассути истифодаи зӯроварӣ, тарсонидани аҳолӣ ва ноором сохтани вазъи ҷомеа амалӣ намудани мақсадҳои ғаразноки худ мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқон, сиёсатшиносон ва коршиносони соҳа, экстремизм дар шаклҳои гуногун зуҳур карда, метавонад ба соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва динӣ таъсири манфӣ расонад. Ин амал хусусияти фаромиллӣ дошта, сарҳади муайяни ҷуғрофиро намепазирад. Дар асри XXI терроризм ва ифротгароӣ ба яке аз мушкилоти муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд. Оқибатҳои фоҷиабори ин амалҳо боиси талафоти ҷонӣ, хароб гардидани инфрасохтор, афзоиши муҳоҷират ва халалдор шудани муносибатҳои байнидавлатӣ мегарданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дар роҳи таҳкими сулҳу субот, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ қадамҳои устувор мегузорад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръати сиёсиву иқтисодӣ масъалаи таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пешгирии зуҳуроти номатлуб аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди кишвар бояд дар ҳифзи сулҳу оромӣ ва суботи ҷомеа саҳми арзандаи худро гузорад.

Таърихи башарият нишон медиҳад, ки бахсу ихтилофҳои ақидавӣ ва динӣ дар давраҳои гуногун вуҷуд доштаанд. Мутафаккирон, донишмандон ва намояндагони равияҳои мухталифи фикрӣ ҳамеша барои шарҳу тафсири масъалаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва динӣ андешаҳои гуногун пешниҳод мекарданд. Аммо вақте ки ақидаҳои муайян ба воситаи таҳдид, маҷбуркунӣ ва зӯроварӣ ба дигарон таҳмил карда мешаванд, онҳо метавонанд сабаби ихтилофу низоъ гарданд.

Дар ҷаҳони имрӯза баъзе амалҳои таҳқиромез, иғвоангез ва ифротӣ метавонанд эҳсоси норозигиро дар байни гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа ба вуҷуд оварда, муносибатҳои байнифарҳангӣ ва байнидиниро халалдор созанд. Чунин ҳолатҳо зарурати эҳтироми мутақобила, таҳаммулпазирӣ, риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳалли ихтилофҳо бо роҳи муколамаи созандаро боз ҳам бештар мегардонанд.

Гурӯҳҳои террористӣ бо амалҳои чиноятқоронаи худ на танҳо амнияти кишварҳои алоҳидаро зери хатар мегузоранд, балки ба суботи тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеа фаъолияти худро дар самти пешгирии терроризм ва экстремизм тақвият бахшанд.

Барои таъмини амнияти миллӣ зарур аст, ки заминаҳои моддиву техникии мақомоти дахлдор мустаҳкам карда шуда, аз дастовардҳои техника ва технологияҳои муосир самаранок истифода бурда шаванд. Ҳамзамон, омода намудани мутахассисони баландихтисос, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи касбии кормандон, таҳкими ҳифзи сарҳади давлатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ барои аҳолӣ аз ҷумлаи омилҳои муҳими таъмини суботу оромӣ мебошанд.

Терроризм ва экстремизм, пеш аз ҳама, ба ҳуқуқи инсон, арзишҳои умумибашарӣ ва принсипҳои зиндагии осоишта мухолифанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ин зуҳурот ба миллат, давлат, фарҳанг ва дини муайян маҳдуд намешаванд. Шахсоне, ки ба фаъолияти террористӣ даст мезананд, бо амалҳои худ ба ҷони одамон, амнияти ҷамъиятӣ ва ояндаи наслҳои башарӣ таҳдид мекунанд. Аз ин рӯ, мубориза бар зидди чунин амал бояд дар асоси қонун, ҳамкории байналмилалӣ ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон амалӣ карда шавад.

Яке аз масъалаҳои нигаронкунанда дар ин самт ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ мебошад. Ҷавонон ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа дар рушди давлат ва ҳифзи арзишҳои миллӣ нақши муҳим доранд. Аммо сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ, надоштани ҷаҳонбинии илмӣ, таъсири таблиғоти иғвоангез ва истифодаи нодурусти шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд баъзе аз онҳоро ба роҳи хатарнок раҳнамун созанд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар байни наврасону ҷавонон корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарбиявӣ мунтазам ба роҳ монда шаванд. Оила, мактаб, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, инчунин воситаҳои ахбори омма бояд дар баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии ҷавонон саҳми фаъол дошта бошанд. Тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, эҳтироми қонун, таҳаммулпазирӣ ва масъулиятшиносӣ яке аз роҳҳои самараноки пешгирии ифротгароӣ мебошад.

Дар баробари ин, рушди илму маориф, дастрасии ҷавонон ба таҳсилоти босифат, фароҳам овардани имкониятҳои муносиб барои шуғл ва дастгирии ташаббусҳои созандаи онҳо метавонанд таъсири омилҳои ифротгароиро коҳиш диҳанд. Ҳар қадар сатҳи маърифат ва огоҳии шаҳрвандон баланд бошад, ҳамон андоза имконияти таъсиррасонии ғояҳои ифротӣ камтар мегардад.

Дар шароити пешрафти илму техника ва густариши фазои иттилоотӣ мубориза бо терроризм ва экстремизм танҳо бо тадбирҳои амниятӣ маҳдуд намешавад. Баланд бардоштани маърифати ҷомеа, таҳкими ҳамкории байналмилалӣ, пешгирии таблиғоти ифротӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоӣ низ аҳаммияти калон доранд. Ҳар як шаҳрванд бояд дар истифодаи манбаъҳои иттилоотӣ масъулиятшинос буда, ба хабарҳои санҷиданашуда ва даъватҳои иғвоангез бовар накунад.

Терроризм ва экстремизм аз ҷумлаи таҳдидҳои ҷиддии замони муосир буда, мубориза бо онҳо масъулияти муштараки давлат ва ҷомеа мебошад. Ҳифзи сулҳу субот, таъмини амнияти шаҳрвандон ва пешгирии низоъҳои иҷтимоӣ танҳо дар сурати ҳамкории самараноки мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа имконпазир мегардад.

Мо бояд ҳамеша хушёрии сиёсӣ ва масъулияти шаҳрвандии худро нигоҳ дошта, барои пешгирии зуҳуроти номатлуб саҳм гузорем. Тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, донишандӯзӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ метавонад заминаи устувори ҷомеаи солим ва амнро фароҳам оварад. Танҳо бо муттаҳидӣ, маърифат ва эҳтироми қонун метавон сулҳу оромиро ҳифз намуда, барои наслҳои оянда ҷомеаи пешрафтаву осоиштаро ба мерос гузошт.

Шарафҷон РАЗЗОҚБЕРДИЕВ,
омӯзгори ДДМИТ

№ 8 (241) 30.10.26
Молия ва иқтисод
15

ҲУНАР ОНЕСТ, КИ БОҒЕ ШАВИЮ ОРӢ САМАР

Бахшида ба таҷлили сазовори 35-солагии Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон вохӯрии судманд доир гардид.

Нахуст муовини ректор оид ба тарбия Шаҳноза Ғафорова дар бораи амалишавии сиёсати давлатии ҷавонон дар ДДМИТ изҳори андеша намуд. Ба андешаи номбурда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази таваҷҷуҳи сиёсат масъалаи дастгирии ҷавононро қарор додаанд. Дар донишгоҳ низ тамоми шароити мусоид фароҳам оварда шудааст, то донишҷӯён дар таҳсил пешсаф, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии кишвар низ фаъолона иштирок кунанд.

- Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон созмоне мебошад, ки мактаби бузург ва пурифтихори тарбияи насли наврасу ҷавон ба ҳисоб меравад. Чорабинии мазкур низ бо мақсади таҳкими ҳисси ватандӯстӣ, шарҳи сиёсати давлатии ҷавонон ва арҷгузорӣ ба фаъолияти ин созмони бонуфуз роҳандозӣ гардид, - гуфт баромадкунанда.

Дар идомаи вохӯрӣ меҳмонон суханронӣ карда, таваҷҷуҳи ҳозиринро ба масъалаҳои муҳими замони



муосир ҷалб намуданд. Аз ҷумла, Саидшоҳ Исматзода, намояндаи Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон оид ба таърих ва роҳи пуршарафи 35-солаи Иттифоқи ҷавонон, Шаҳбози Неъматулло, муовини раиси ИҶТ дар шаҳри Душанбе дар бораи саҳми беназири сокинони пойтахт дар амалисозии ташаббусҳои ҷавонон ва фаъолияти сохторҳои маҳаллӣ ва Беназир Шарифзода, намояндаи ин иттифоқ оид ба кор бо муассисаҳои олӣ аҳамияти ҳамкориҳои зич бо донишгоҳҳо ва тарбияи илмию маърифатии донишҷӯёнро шарҳ доданд.

Гуфта шуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи тарбия ва баланд бардоштани маърифати ахлоқии насли наврасу ҷавон вазифаи муқаддаси ҳар як фарди бедордил мебошад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки имрӯз шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд ҳамчун воситаи омӯзишу рушд ва ҳамзамон, ҳамчун манбаи хатарҳои фарҳангӣ хизмат кунанд. Аз ин рӯ, ҷавонон бояд ҳушёр бошанд ва фарқи байни неку бад ва ғаразҳои пинҳониро хуб дарк кунанд.

Иштирокдорон якдилона қайд карданд, ки сулҳу вахдати имрӯзаи Тоҷикистон бо арзишҳои олӣ ба даст омадааст ва пайравӣ аз сиёсати бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ягона роҳи дурусти расидан ба ояндаи дурахшон аст.

Қайд карда шуд, ки давоми 35 соли фаъолият Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон тавонист садҳо ҳазор ҷавони фаъолро ба ҳам оварда, дар корҳои созандагию ободонии кишвар, ҳимояи манфиатҳои миллию давлатӣ ва таҳкими истиқлолият саҳми арзанда гузорад.

Дар фарҷоми чорабинии бошукӯҳ ба хотири қадршиносии заҳмат ва фаъолияти пурсамари ҷамъиятӣ аз ҷониби Кумитаи Иттифоқи ҷавонон дар шаҳри Душанбе ба Шаҳноза Ғафорова - муовини ректор оид ба тарбия, Ҷалолиддин Мирзоев - сардори шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Ҷамахон Ҷангиев - муаллими кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ, Шукрулло Зокирзода ва Бехрӯз Насриддинов, донишҷӯёни курси 4 Ифтихорномаҳо тақдим карда шуданд.

ВОХӮРӢ ДАР МАВЗУИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ



Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии ҷавонон ва фароҳам овардани имконияти шиносоии донишҷӯён бо фаъолияти амалии низоми бонкӣ вохӯрии намояндагони Спитаменбонк дар шаҳри Душанбе бо донишҷӯёни курси чоруми факултети молия ва қарз доир гардид, ки дар он сардори раёсати илм ва инноватсияи ДДМИТ Ҷовидон Халифазода, муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ Ҷонибек Зубайдов, мудирони кафедраҳо иштирок намуданд.

Нахуст сардори раёсати илм ва инноватсия Ҷовидон Халифазода иброз дошт, ки бо ташаббуси роҳбарияти донишгоҳ ҷиҳати таҳкими ҳамкорӣ бо ташкилоту муассисаҳои гуногун тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардидаанд. Чунин ҳамкориҳо барои баланд бардоштани сифати таълим, пайвастани донишҳои назариявӣ бо таҷрибаи амалӣ ва омода намудани мутахассисони рақобатпазири оянда заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Инчунин, гуфта шуд, ки баланд бардоштани сифати таълим ва омода намудани кадрҳои соҳибкасб яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатии соҳаи маориф ба ҳисоб рафта, роҳандозии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо ташкилоту муассисаҳои соҳавӣ аҳамияти махсус дорад. Дар ин замина, баргузории вохӯриҳои тахассусӣ бо намояндагони муассисаҳои молиявӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки донишҳои назариявии худро бо таҷрибаи амалии соҳа тақвият бахшанд.

Сипас, Э. Раҳмонов, сармутахассиси шуъбаи кадрҳои Спитаменбонк барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати баргузории вохӯрӣ изҳори сипос намуда, иброз дошт, ки чунин чорабиниҳо дар доираи тадбирҳои баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ ва иҷрои ҳадафҳои марбут ба рушди фарҳанги молиявӣ баргузор мегарданд.



Зимни вохӯрӣ масъалаҳои муҳими саводнокии молиявӣ, аз ҷумла тарзи дурусти идора намудани маблағҳои шахсӣ, пасандоз ва амонатгузорӣ, истифодаи ҳамёнҳои электронӣ ва кортҳои бонкӣ, инчунин, аҳамияти гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Намояндаи бонк дар бораи таърихи таъсис ва фаъолияти Спитаменбонк, хизматрасониҳои муосири бонкӣ ва имкониятҳои истифодаи воситаҳои рақамии молиявӣ маълумоти муфассал пешниҳод намуд. Таъкид шуд, ки баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки маблағҳои худро оқилона ва самаранок идора намуда, ҳангоми истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ қарорҳои дуруст қабул кунанд.

Дар идомаи мулоқот миёни донишҷӯён ва намояндагони бонк саволу ҷавоби озод доир гардид. Донишҷӯён вобаста ба хизматрасониҳои бонкӣ, истифодаи кортҳои пардохтӣ, пасандозгузорӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти низоми бонкӣ саволҳои худро пешниҳод намуда, ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ ба донишҷӯён кортҳои бонкии ройгон тақдим карда шуданд.

Масъули саҳифа:
Наврӯз ҶОБИРЗОДА

ДАСТОВАРДИ НАВИ ИЛМӢ



Сол то сол афзудани ҳимояҳои рисолаҳои номзадӣ дар донишгоҳ барои тақвияти илмии таълимгоҳ заминагузор буда, дар болоравии сифати таҳсилот ва омодасозии кадрҳои ҷавобгӯи талаботи замон мусоидат менамояд.

24-уми сентябри соли равон дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳимояи номзадии муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии факултети молия ва қарз, муовини декан оид ба илми факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии ДДМИТ Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким дар мавзуи «Масъалаҳои мукаммалгардонии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - молия, муомилоти пулӣ ва қарз доир гардид. Номбурда таҳти роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Шариф Раҳимзода бомуваффақият ҳимоя намуд.

Мо аҳли коллективи донишгоҳ олимаи ҷавон Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳакимро бо ин дастоварди илмӣ муборакбод намуда, умед дорем, ки корҳои илмии анҷомёфта барои пешрафти кишвар дар амалия татбиқ карда мешаванд.

Тағоймурод ЭШЗОДА

ДОНИШҶӮИ ДДМИТ - ҒОЛИБИ ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар доираи Форуми байналмилалии «Сайёҳии устувор ва мероси фарҳангӣ», ки дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон доир гардида истодааст, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-250103 - иқтисоди ҷаҳонӣ, гурӯҳи англисӣ Мамадюсупова Марзия Маҳмадсаидовна дар номинатсияи сайёҳии байналмилалӣ сазовори ҷойи сеюм гардид.

Олимпиадаи байналмилалии донишҷӯён бо иштироки донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ баргузор гардида, ҳадафи он муайян ва дастгирии донишҷӯёни болаёқат, баланд бардоштани сатҳи дониш, рушди тафаккури таҳлилӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии академӣ мебошад.

Дастоварди Марзия Маҳмадсаидовна далели кӯшишу талош, донишандӯзӣ ва омодагии касбии ӯ буда, барои дигар донишҷӯён намунаи ибрат маҳсуб меёбад.

Ин муваффақиятро коллективи донишгоҳ ба Мамадюсупова Марзия Маҳмадсаидовна табрик гуфта, дар роҳи донишандӯзӣ, фаъолияти илмӣ ва касбӣ барору комёбиҳои навро таманно дорем.



РАСУЛ ДӮСТОВ ҶОЙИ СЕЮМРО ГИРИФТ

Дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд мусобиқаи варзишии самбо байни ҷавонони соли таваллудашон 2009-2011 баргузор гардид. Дар ин мусобиқаи ҷумҳуриявӣ донишҷӯи курси якуми факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии ДДМИТ Расул Дӯстов иштирок намуда, дар вазни 59 кило сазовори ҷойи сеюм гардид. Ӯ аз тарафи сардори раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд Б. Исматзода бо медал ва ифтихорномаи мусобиқа сарфароз гардонида шуд.

Боиси хурсандист, ки донишҷӯи ғолиб бо ин дастовардаш номи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро баланд бардошта, барои иштирок дар мусобиқаҳои минбаъдаи сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ роҳхат



гирифт.

Бояд қайд намоем, ки чанде пеш ин донишҷӯ дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба самбо байни наврасон ба хотири гиромидошти устоди шоистаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон И. Абдуллоев иштирок карда, дар вазни 58 кило сазовори ҷойи сеюм гардид ва бо диплом ҳамчунин ҷом сарфароз шуд.

Имрӯзҳо Расул Дӯстов яке аз донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ буда, зери роҳбарии мураббиён Акрам Содиров ва Хушқадам Хусрав тамрин менамояд.

Мо ин варзишгари муваффақ Расул Дӯстовро бо пирӯзии навбатиаш табрик гуфта, дар хониш ва фаъолияти минбаъдаи варзишиаш музаффариятҳои нав ба навро таманно менамоем.

Тағоймурод ЭШЗОДА

ДОНИШҶӮИ ДДМИТ ҒОЛИБИ МУСОБИҚАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар Қасри тенниси шаҳри Душанбе мусобиқаи кушоди байналмилалӣ оид ба кураш баргузор гардида, дар он варзишгарони шаш кишвари Осиёи Марказӣ ширкат варзида, барои ба даст овардани мақоми беҳтарин миёни ҳам рақобат карданд. Дар ин сабқати байналмилалӣ донишҷӯи курси якуми ихтисоси 1960101-и факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодӣ Мубориз Баротзода бо маҳорати баланди варзишӣ баромад намуда, сазовори ҷойи аввал гардид. Ба ғолиб медал ва диплом супорида шуд. Мубориз Баротзода барои нишон додани маҳорати баланди варзишӣ ва ба даст овардани натичаи назаррас аз ҷониби Раиси Федератсияи самбои ҷумҳурӣ Ҷомӣ Ҳасан қадрдонӣ гардид.

Ин аввалин дастоварди назарраси байналмилалии варзишгари ҷавон нест. Ӯ 2 августи соли равон дар шаҳри Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон дар мусобиқаи байналмилалии ин риштаи варзиш иштирок намуда, миёни намояндагони 70 давлат сазовори ҷойи дуюм гардида, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баланд бардошт.

Дастовардҳои пайдарпайи Мубориз Баротзода аз меҳнатдӯстӣ, иродаи қавӣ, масъулиятшиносӣ ва кӯшиши пайвастаи ӯ барои такмили маҳорати варзишӣ шаҳодат медиҳанд. Ин муваффақият нишон медиҳад, ки донишҷӯёни ҷавон метавонанд дар баробари таҳсил ба фаъолияти варзишӣ низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ



зоҳир намуда, дар мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ обрӯю эътибори муассисаи таълимӣ ва кишварро баланд бардоранд.

Тағоймурод ЭШЗОДА

ИЗҲОРИ ҲАМДАРДӢ

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон аз даргузашти дотсенти кафедраи аудит ва назорати молиявии донишгоҳ

АСЛОН ҲОМИДОВ

андуҳгин буда, ба наздикону пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.

***

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Ҳамроев Мирсаид Исмоилович, муовини сардори раёсати илм ва инноватсия, устоди кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии донишгоҳ нисбати даргузашти

МОДАРАШ

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.

***

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Ҳомидов Раҳматулло Амруллоевич, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии донишгоҳ

ПАДАРАШ

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.

***

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Фирӯза Абдулвоҳидова, муаллимаи кафедраи фанҳои гуманитарии донишгоҳ нисбати даргузашти

БАРОДАРАШ

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети донишҷӯии Сафаров Фазлиддин Айниддинович, донишҷӯи курси 2, ихтисоси 1-3103060104 - технологияҳои иттилоотӣ-идоракунӣ дар иқтисодиёти факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои иттилоотии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Абдусаттори Ҳасан, донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010401 - молияи факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Абдуллоев Комрон Файзалиевич, донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисос 125010408 - бозори фондии факултети молия ва қарзии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Каримов Мехробчон Суҳробович, донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1960101 - ҳадамоти гумруки факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Файзуллозода Шаҳёд Ҷовид, донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1960101 - ҳадамоти гумруки факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодиии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Абдусаидзода Доро Абдуқаҳҳор, донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-31030407 - технологияи иттилоотии низоми молиявии факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои иттилоотии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Раҷабзода Аҳмадчон Сафаралӣ, донишҷӯи курси 3, ихтисоси 1-25010403 - андоз ва андозбандии факултети иқтисод ва идоракунии давлатии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Қаюмов Салмон Файзалиевич, донишҷӯи курси 2, ихтисоси 1-25010305 - инвеститсияи байналмилалии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Бобозода Сино Собирҷон, донишҷӯи курси 4, ихтисоси 1-25010202 - иқтисодиёти молиявӣ ва бонкии факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Гулмирзозода Муҳаммад Неъмат, донишҷӯи курси 4, ихтисоси 1-960101 - ҳадамоти гумруки факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Низомов Муҳамадамин Сайфиддинович, донишҷӯи курси 3 ихтисоси 1-250108 - баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Шотиров Собирҷон Ашуралиевич, донишҷӯи курси 2, ихтисоси 1-25010202 - иқтисодиёти молиявӣ ва бонкии факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Гулов Саймаъруф Саидмукарамович, донишҷӯи курси 4, ихтисоси 1-26010303 - идоракунии молияи давлатии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Мақсудов Саидчалол Саидасрорович, донишҷӯи курси 3, ихтисоси 40010202 - технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Саъдизода Ҷамолиддин Акбар, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-960101 - фаъолияти гумрукии факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Ҳалимзода Шоҳписари Парвиз, донишҷӯи курси 4, ихтисоси 1-26010303 - идоракунии молияи давлатии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Убайдуллозода Ҳасан Фирӯз, донишҷӯи курси 2, ихтисоси 1-25010402 - кори бонкии факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯйии Ҳасанов Нусратулло Курбонбекович, донишҷӯи курси 2, ихтисоси 1-25010402 - кори бонкии факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Олимов Шаҳром Назриалоевич, донишҷӯи курси 2, ихтисоси 125010408 - бозори фонди факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Баротов Зикриолоҳ Ҷобирович, донишҷӯи курси 3, , ихтисоси 125010403 - андоз ва андозбандии факултети иқтисод ва идоракунии давлатии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.